Дар фарҳанги мардуми тоҷик тарбия мақоми аввалро ишғол менамояд. Мардуми тоҷик аз қадимулайём барои тарбияи дурусти фарзандашон аввалан онҳоро дар муҳити оила ва баъдан дар назди ягон донишманд соҳиби илм ва маърифат мекарданд. Ин аст, ки шахсиятҳои чун Абӯабдуллаҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ Ибни Сино, Умари Хайём, Абдураҳмони

Ҷомӣ ва садҳо фарзандони соҳибқалам ва соҳибкитоби ин миллат имрӯз дурдонаҳои илми ҷаҳонӣ маҳсуб меёбанд.

Мақсад дар мақолаи мазкур асосан ин арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва дӯст дошани Ватан мебошад. Вале мо лозим донистем, ки каме аз гузашда ёдовар шуда, баъдан ба мафҳуми асосӣ ворид шавем.

Педагоги машҳури рус В.А.Сухомлинский мазмуни мафҳуми «Ватан»-ро ба мафҳумҳои инсон, маънои зиндагӣ, меҳнат, қарз, оила, забони модарӣ, муҳити табиат ва садоқат алоқаманд мепиндорад.

Ватан зодгоҳ, ҷоест, ки инсон онҷо дар ҳалқаи наздикон ва пайвандон ташаккул меёбад. Модарро ташбеҳи ватан гуфтан мумкин аст. Агар модар моро таваллуд кардаю бо шири сафед парвариш намуда, нахустин ҳарфу ҳиҷои забонро ёд додаю роҳрав карда, аслу насабамонро ба мо шиносонидаю нахустин сифатҳои неку асили одамиро дар сиришти мо омӯзонидаю парвариш дода бошад, пас Ватан ба сарамон дасти тавонои навозишкорашро гузошта, моро аз ҷамъи хавфу хатару офатҳо, аз ҳама гуна ҳамлаву таҷовузи аҷнабӣ эмин дошта, дар зери болҳои азимаш паноҳонида одамтар ва ба ҳайси фардои ҷамъият ва шаҳрванди суботкор тарбият мекунад [1 с. 9].

Чунончи Зуфархон Ҷавҳарӣ гуфтааст:

Ватан дар асл донӣ, модари мост,

Дарахти сояандози сари мост.

Ватан мебошадат, эй ѐр, модар,

Ба фарзандаш бувад ғамхор модар! [1 с.10].

Мақсад аз овардани ин мисраҳо дар он мебошад, ки чиқадаре, ки мо ба модари худ ғамхор бошем, ба Ватанро низ бояд шабеҳи модар дӯст дошт. Абдусалом Деҳотӣ низ дар шеъри, «Ба модар, ба Ватан» модару Ватанро ягона пиндоштагуфтааст:

Модари мушфиқ туйӣ бар насли заҳмат, эй Ватан,

Медиҳам бар ҳифзи ту гар лозим ояд ҷону тан [1 с. 10].

Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ Ватанро айёми тантанаи Истиқлолият ва меҳру садоқати зодагони ин давронро тозабаҳори гулнисор, «дилбастаи равнақу баҳори Ватан» ва «Ҷони Ватан» -ро чунин зебо, самимӣ ва бо меҳру муҳаббати саршор ба қалам овардааст:

Мо тозабаҳори гулнисори Ватанем,

Дилбастаи равнақу баҳори Ватанем.

Ҳарчанд ба ҳар канор раҳ мечӯем,

Ҷони Ватанем, дар канори Ватанем.

***

Амри Ватан аст фарзи мо шому саҳар,

Роҳи Ватан аст тарзи мо шому саҳар.

Моро чу ҳаёти беназире додаст,

Пеши Ватан аст қарзи мо шому саҳар.

Ин ҷо Ватану фарзандон – ҳимоятгарони ояндаи Ватан дар ягонагию ваҳдат тасвир шудаанд, ки бисёр омӯзанда аст.

Камол Насрулло, ки яке аз ватансароёни мумтози даврони Истиқлолият дар шеъри имрӯзи тоҷик аст ва беҳтарини сурудҳои ватандӯстонаи солҳои Истиқлолият ба қалами ӯ мутааллиқанд, дар шеъри «Дар баҳои ҷон» ба тариқи савол ба ҳар фарди Ватан бо чунин усули дилчаспи «чист он?» ва саволу ҷавоб муомилаю муроҷиат карда, хонандаашро ба худ қарину мушфиқ гардонидааст:

Он чист, ки марзи шаъну шон аст? – Ватан!

Имону амони мо дар он аст? -Ватан!

Он чист, ки бе вай ҳама чизи олам,

Бе ҳусну таровату равон аст? - Ватан!...[4 с. 4].

Танҳо озодӣ ва Истиқлолияти миллӣ ба кӯдакони тоҷик имконият фароҳам овардааст, ки худро соҳиби ҳама сарватҳои моддию маънавию ахлоқӣ, таърихӣ, хоку обу рӯду дарё, кӯҳу паҳно, гулбоғу чаман ва имрӯзу фардои Ватан хонанду донанд ва аз ин дороӣ ифтихор кунанд.

Шеъри Юсуфҷон Аҳмадзода бо номи «Тоҷи дурахшон» низ яке аз беҳтарин сурудаҳои ватандӯстонаи шоирони тоҷик барои бачаҳост:

Эй Ватанам – ҷони ман,

Хори ту – бӯстони ман.

Бе ту куҷо навбаҳор-Қатраи борони ман?!

Эй Ватанам – ҷони ман,

Тоҷи дурахшони ман.

Зинда ба номи ту бод,

Давлати Сомони ман [2 с. 164].

Дар ин шеъри кӯдакона, ки муҳофизони ояндаи Ватану марзу буми он ҳастанд, силсилашеърҳо дар мавзуи ҳифзу ҳимоят, буду бош, кору зиндагӣ дар сафҳои артиши миллӣ, аз рӯзҳои шомил шудан ба артиш то рухсатӣ, ба захира иншо шудаанд, ки мо дар қатор аз чунин силсилашеъри Ҷӯра Ҳошимӣ ёд кардем.

«Тоҷикистон – модарам. Суруди аскарбачагони тоҷик» -и Наримон Бақозода низ аз ҳамин қабил силсила шеърҳои ҳарбӣ - ватандӯстӣ маҳсуб мешавад. Силсила шеърҳои шоири сермаҳсул ва то кунун нашинохтаи бачаҳо Раҳмони Бобо, ки дар маҷмӯаҳои ӯ таҳти унвонҳои «Рӯзи Ғалаба» (2010) ва «Аскари Ватан» (2013) ҷамъ омадаанд, комилан ба сарбозону наваскарон, ҳимоятгарони ҷавони Ватан, савганди аскарону афсарон, хизмати намуна ва шоиста дар сафҳои артиши миллии тоҷик ва дигар васоили хидмати аскарӣ бахшида шудаанд, ки барои наваскарон ва ҷавононе, ки минбаъд ба хидмат дар Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон шомил мешаванд, басо омӯзанда ва муфиду раҳнамо ҳастанд.

Дар шеъри нахустини китоби «Аскари Ватан», ки ҳамноми он аст, Раҳмони Бобо садои дили ин аскари Ватанро чунин баён кардааст:

Аскари содиқ манам,

Афсари лоиқ манам.

Ватан – модари худро,

Чашми ҳақоиқ манам...

Аскар – сипари Ватан,

Аскар – писари Ватан.

Хизмат – қарзи фарзандӣ,

Ҳамеша сарбаландӣ.

Қаҳрамони шоираи соҳибзавқу хушсалиқа Латофат Кенча Ватанаш – Тоҷикистонро «Пораи боғи биҳишт», «Ғунчае аз бӯстон», «Ёдгор аз бостон», «Осмони сар», «Машъали роҳи сафед» дониста, омодааст, ки дар ҳифзи обу хокаш ҷон нисор кунад:

Ғунчае аз бӯстонӣ,

Ёдгор аз бостонӣ.

Хонаи ман, остонам,

Бар сари ман осмонӣ.

Тоҷикистонам – умедам,

Машъали роҳи сафедам...

Чунон ки дида мешавад, дар солҳои Истиқлолият аз тарафи шоирони тоҷик дар мавзуи Ватану ватандорӣ, минҷумла силсилашеърҳое, ки дар онҳо зиндагии тоҷик, аскари фидоии Ватанро аз рӯзҳои омодагӣ ба хизмату шомил шудан ба сафҳои қуввaҳои мусаллаҳ то рухсатӣ ба ақибгоҳ фаро гирифтааст ва то кунун дар адабиёти мо собиқа надошт, силсилашеърҳое гуфтаю суруда шудаанд, ки сарвати маънавию ахлоқии моро ғанӣ гардонида, ҳисси ба Ватани миллӣ, Ватани аҷдодию аслӣ содиқона хидмат карданро афзунтару бештару ҷиддитар мегардонад. Вале, дар байни ин навиштаҳо андешаҳои такрор, забонзада, камаҳамият, норавону муғлақу завққӯш низ кам нестанд ва мо аз зикри онҳо ба хотири наафзудани ҳаҷми мақола худдорӣ кардем.

Дар тӯли 70-80 соли садаи бистум миллат ва халқи муаззами тоҷик ду бор аз сахттарину сангинтарин озмоиши нест шудан раҳо ёфт. Умед аст, ки минбаъд ва абадулабад ин хавфу хатар мо тоҷиконро, гиребонгир нахоҳад шуд ва миллати мо дар пешорӯйи асри умеду армонҳои нек қарор хоҳад

гирифт ва ин ҳадафу ормону орзуҳои наҷиби чандҳазорсолаи халқи мо дар «Суруди миллии Тоҷикистон» (матни Гулназар, оҳанги Сулаймон Юдаков) ба сурати зайл таҷассум ѐфтааст:

Диёри арҷманди мо!

Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод!

Саодати ту, давлати ту бегазанд бод!

Зи дурии замонаҳо расидаем,

Ба зери парчами ту саф кашидаем , кашидаем!

Зинда бош, эй Ватан,

Тоҷикистони озоди ман!...

Ба андешаи мо ин нигошта дар назми кӯдакони тоҷик аз нахустин осори қаламист, ки дар ситоишу азиздошти суруди миллиамон гуфта шудааст ва он хеле самимӣ ба анҷом расидааст.

Ҳамин тавр, дар таркиби шеъри кӯдаки даврони Истиқлолият мафҳумҳои Ватан ва ватандустӣ хеле инкишоф ёфта, ба ҳайси яке аз муҳимтарин муқаддасот ва арзишҳои волои миллӣ амиқу маҳкам ҷой гирифта, тавассути эҷодиёти шоирони ҷавон Темур Султон, Раҳмони Бобо, Асрори Сомонӣ, Алиҷони Сарбандӣ, Сайида, Шарифи Маҳмадёр ва ғайраҳо дар ташаккули тафаккуру ҷаҳонбинӣ ва тарбияи ғоявию эстетикии кӯдакону наврасон ҷиддан ба кор омад, ки дар ин ҷода хидмат ва ҳиммати адибони давр бағоят арзишманд аст. Зеро талошу пайкорҳои онҳо дар роҳи таҷассуми бадеии мавзуи мавриди назар ба таҳкими эҳсоси худогоҳиву хештаншиносӣ, ифтихор ва нангу номуси миллии насли наврас зиёда мусоидат намудааст.

Овардани осори бачагонаи адибони тоҷик дар мақолаи мазкур дар он мебошад, ки насли наврасро аз даврони боғча бо аз бар намудани чунин мисраҳои шеърӣ меҳри ватан, ватандӯсти ва арҷ гузоштан ба урфу анъанаҳои миллӣ зиёд намуд.

Адабиёт:

1. Акбаров Ю. Меҳри Ватан / Ю. Акбаров. – Душанбе: Маориф, 1989.
2. Аҳмадзода Ю. Нақвои хӯшаҳо / Ю. Аҳмадзода. – Душанбе: Адиб, 2008.
3. Бақозода Н. Суруди Модар – Ватан / Н. Бақозода. - Анбоз, 2000. - №5.
4. Гулназар К. Дар канори Ватанем / Гулназар К. - Анбоз, 2010. - № 9.
5. Мусулмониён Р. Нигоҳи офтоб / Р. Мусулмониён. - Душанбе, 2011.
6. Назирӣ Н. Тӯҳфаи шоир / Назирӣ Н. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010.
7. Насрулло К. Баҳои ҷон / Насрулло К. – Душанбе: ТҶБ «Истиқбол», 2012.
8. Насрулло К. Баҳои ҷон / Насрулло К. – Душанбе: ТҶБ «Истиқбол», 2012.
9. Ҳошимӣ Ҷ. Наврӯзӣ / Ҳошимӣ Ҷ. – Душанбе: Гул-гул, 2011.
10. Шералӣ Л. Куллиёт / Шералӣ Л. – Душанбе: Адиб, 2008. - Ҷ 1.

АНДЕШАҲОИ ВАТАНХОҲӢ ДАР ОСОРИ КӮДАКОНАИ АДИБОНИ ТОҶИК

Аннотатсия. Дар ин мақола муаллиф мушкилоти инъикоси ғояҳои ватандӯстиро дар ашъори бачагона дар асоси омӯзиши эҷодиёти нависандагон ва шоирони бачагонаи Тоҷикистон таҳқиқ кардааст.

Калидвожаҳо: Ватан, муҳаббат ба Ватан, ватандӯстӣ, ғояҳои ватандӯстӣ, адабиёти бачагона, мундариҷа, забони тоҷикӣ.

ПАТРИОТИЧЕСКИЕ ИДЕИ В ДЕТСКИХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ТАДЖИКСКИХ ПИСАТЕЛЕЙ

Аннотация. В данной статье автор рассматривает проблему отражения патриотических идей в детской поэзии на основе изучения творчества детских писателей и поэтов Таджикистана.

Ключевые слова: Родина, любовь к Родине, патриотизм, патриотические идеи, детская литература,содержание, таджикский язык.

PATRIOTICIDEAS IN CHILDRENS WORK OF TAJIK WRITERS

Abstract. In this article the author considers the problem of reflection of Patriotic ideas in children's poetry based on the study of creativity of children's writers and poets of Tajikistan.

Key words: homeland, love of country, patriotism, Patriotic ideas, children's literature, content, tajik language.

Маълумот дар бораи муаллиф:
Муродова Рухсора Ҷумахоновна – муррабияи дараҷаи якуми кӯдакистони ба номи офтобаки ш. Кӯлоб.

ТАҲЛИЛИ МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ИФРОТГАРОӢ

Ғайратова Ф. А., Боронова Р. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб

Маъмулан истилоҳи ифротгароӣ, бо дарназардошти тарҷумаи таҳтуллафзии он (аз лотинии extremus – фавқуллода, ғайриоддӣ) чун «ҷонибдорӣ аз ақидаҳо ва амалҳои фавқулодда, қотеъона инкоркунандаи меъёрҳо ва қоидаҳои дар ҷомеа мавҷуда» маънидод мешавад.

Новобаста ба аниқ ва ба назар содда будани мундариҷаи мафҳуми ифротгароӣ дар доираи коршиносон фаҳмиш ё худ шарҳи гуногуни зуҳуроти мазкур вуҷуд дорад. Дар ин замина бояд гуфт, ки набудани мавқеъ ва бардошти ягона аз мафҳуми ифротгароӣ боиси баҳсу

мунозираҳои тезутунд дар доираи васеи донишмандон ва коршиносони минтақавӣ ва берун аз он гардидааст.

Таҳлили пайдоиши ифротгароӣ моро ба хулосае меорад, ки асоси зуҳури падидаи мазкурро бархурди табиии манфиатҳо ва зиддиятҳои хислати сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, қавмӣ ва пинҳонӣ дошта ташкил медиҳад. Дар ин ҳол тавре, ки муҳаққиқи рус В.Е.Петришев ишора мекунад: «миқёси чунин бархурдҳо метавонад гуногун бошад: аз зидгузории ғайритабии «ман» - и худ ба ҳамаи ҷомеа ё ҳатто инсоният, аз ҷониби афроди алоҳида то ба муқовимати шадиди низомҳои давлатӣ, ки зимнан робитаи байни ҷаҳони сотсиалистӣ ва кишварҳои пешрафтаи империалистиро дар айёми ҷанги сард таҷассум мекард» [13 с.14].

Дар шароити ғайриимкон будани риояи манфиатҳои хеш ба ин ё он иллат яке аз ҷонибҳо қобил аст ба методҳои қотеъонаи ҳалли мушкилоти сиёсӣ, мазҳабӣ, қавмии худ даст занад, чун дар аксари мавридҳо маҳз ноилоҷӣ метавонад ба амалҳои ифротӣ тела диҳад. Тавре коршиноси қирғиз М. Койчукулов ишора мекунад, «ифротгароӣ табиатан хислати эътирозӣ дорад: норозигӣ аз режими сиёсӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, мавқеъи табақаҳои муайяни иҷтимоӣ, гурӯҳҳои қавмӣ, нажодӣ ва мазҳабӣ дар ҷомеа» [5 с.10].

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки на ҳамаи бархурдҳо хислати зуроварона, зиддиҳуқуқӣ, зиддиҷамъиятӣ ба худ мегиранд. Танҳо дар ҳолати мавҷуд будани меъёрҳо ё нишонаҳои мушаххас ифротгароёна будани амали мавриди назарро тасдиқ кардан мумкин аст ва ё онро танҳо зуҳуроти ғайриоддии андешаҳое дар доираи риояи ҳуқуқҳои ҷамъиятӣ, фардӣ ва манфиатҳо тавсиф намудан мумкин аст. Тавре муҳаққиқи тоҷик А. Имомов тасдиқ менамояд: «ифротгароӣ ба сари худ ҷиноят нест, балки зуҳури он, паёмадҳои он, ки дар амалӣ

гардидани аъмоли хатарноки ҷамъиятии ба шахс, ҷомеа ва давлат таҳдидкунанда таҷассум меёбанд, ҷиноят мебошад» [4 с.170].

Ҳадафи асосӣ аз ошкор сохтани меъёрҳои аниқ ва фарогири ифротгароӣ на танҳо тасдиқи зарурияти муқовимат ба ғояҳои харобсозанда, ки дар аъмоли мушаххаси зиддиҷамъиятӣ ва зиддиқонунӣ (аз қабили изҳори нафрат ё оштинопазирии нажодӣ, миллӣ ё динӣ) таҷассум мегарданд, балки ҷудосозии амиқи онҳо аз андешаҳоест, ки ба меъёри мазкур мансуб нестанд. Дар ин ҳол равшан аст, ки дар сурати гуногунии бардоштҳо аз тавсифи ифротгароӣ маҷмуи ягонаи меъёрҳо вуҷуд надорад ва ҳар муҳаққиқ маҷмуи меъёрҳои хешро нисбат ба ифротгароӣ пешниҳод мекунад.

Ба андешаи мо, таърифи нисбатан пурра ва аниқи меъёрҳои ифротгароиро муҳаққиқи рус М.Краснов пешниҳод кардааст: ба ақидаи ӯ ифротгароӣ ба паҳн намудани андешаҳо, ҷараёнҳо ва ақидаҳо баҳри аъмоли зерин равона шудаанд:

- тафриқасозии одамон аз рӯи нишонаҳои синфӣ, молумулкӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ;

-эътироф накардани ҳаққи инсон ҳамчун арзиши волои конститутсионӣ;

- рафъи худи имконияти гуногунандешии расмӣ, густариш ва табодули озоди андешаҳо;

- заиф намудани андешаи ягонаи давлатӣ» [7].

Меъёрҳои зикршуда гарчанде тамоми манзараи андешаву бардоштҳоро нисбат ба арзёбии ифротгароӣ инъикос накунанд ҳам, бо вуҷуди ин, метавонанд василаи босамари мушаххассозии падидаи мазкур гарданд.

Дар ин ҳол асли меҳварӣ бояд меъёри арзёбии амалҳо ва андешаҳо, аз нигоҳи таҳдиди онҳо ба таъмини ҳаққу манфиатҳои шахс,

ҷомеа ва давлат бошад. Аз ҷумла, ба андешаи Ш.Акинер ба ифротгароён метавон онҳоеро мансуб донист, ки на танҳо мехоҳанд фикрҳои хешро дар ҳаёти шахсӣ ба кор баранд, балки мехоҳанд ба ҳама усулҳои дастраси қонуниву ғайриқонунӣ ақидаҳои хешро ба ҷомеа таҳмил кунанд. Ва охиран ин амр метавонад ба терроризм оварда расонад ва ба ҷомеа воқеан таҳдид намояд» [2 с.19].

Таҳлили нуқтаҳои назари баёншуда моро ба ду хулосаи зер меорад. Аввалан, оид ба зоҳиршавии ҳақиқии ифротгароӣ, метавон дар ҳолате суханронӣ намуд, ки ҳифзи манфиатҳои тундрави хеш, эътимоди қисмати муайяни ҷомеа, шахсони ҷудогона, хатари ҳақиқӣ ё эҳтимолиро ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои боқимондаи ҷомеа, амнияти давлат ва монанди ин пеш меорад. Сониян, танҳо дар сурати мавҷуд будани меъёрҳо метавон ба таҳлил ва арзёбии ифротгароӣ даст зад ва дар ин ҳол мубориза бо ифротгароӣ мубориза бо андешаи ғайр мешавад ва ба усули риояи ақидаҳо, нуқтаи назари чандандешӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва динӣ мухолифат намекунад. Ғайр аз ин, хислати зиддиҷамъиятӣ ва зиддидемократии ифротгароиро ба назар гирифта, метавон тасдиқ кард, ки муборизаи босамар ва саривақтӣ ба муқобили зуҳури ифротгароӣ метавонад кафолати таъмини ҳифзи амнияти ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва давлатро диҳад.

Дар акси ҳол, зоҳир шудани заъфи давлат ва ҷомеа дар муқовимат ба амалҳои ифротгароӣ метавонад ба низомӣ иҷтимоӣ - сиёсии давлат латма ворид созад.

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Н.Д.Маҳмадизода “ифротгароии динӣ-сиёсӣ комилан хоси Тоҷикистон набуд, зеро тарҳи ихтилофоти байналмиллалиро дар худ ниҳон дошт. Қуввахои байналмиллалии ифротию тундрав мухолифини тоҷикро истифода бурда, онҳоро бо

маблағҳо ва силоҳҳо таъмин карда, аз рӯйи ҳадафҳои дурбинонаи худ кӯшиш намуданд, ки вазъиятро дар Тоҷикистон ноором созанд” [10 с.157].

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ҳангоми ифтитоҳи конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи “Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез”, ки 4 майи соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, аз вусъату боло рафтани ҷунбишҳои ифротгароиву террористӣ дар манотиқи гуногуни дунё изҳори нигаронӣ карда таъкид карда буд, ки хусусияти ҷаҳонии хатари терроризм ва ифротгароӣ ҷиддан тақозо менамояд, ки нисбат ба ин ду мафҳум мавқеъ ва меъёрҳои ягонаву умумӣ таҳия ва қабул карда шаванд [17].

Хулоса, танҳо ҳангоми муқовимати саривақтӣ ба ифротгароӣ, давлат на танҳо ба таври пурра фаъолияти муътадили системаи давлатиро таъмин карда, кафолати ҳифзи амнияти ҳуқуқ ва манфиатҳои шахс ва ҷомеа, балки манфиатҳои миллӣ ва амнияти давлатро метавонад таъмин намояд. Дар навбати худ муқовимати босамар ба ифротгароӣ аз ошкор ва пешгирии иллатҳои тавлидгари ин зуҳуроти хатарноки иҷтимоӣ вобаста аст.

Айни замон дар ҷомеа падидаи ифротгароӣ хеле густариш ёфтааст. Ҳомилони асосии тамоюлҳои ифротӣ ҷавонон ҳамчун қисмати нисбатан эҳсосӣ ва осебпазир ба таъсирҳои хориҷӣ баромад менамоянд. Афзоиши майли намояндагони насли ҷавон ба ифротгароӣ дар он ифода меёбад, ки ҳангоми баҳодиҳии вазъи иҷтимоии ҷавонон иртиҷоъ ва зуроварӣ мушоҳида мегардад. Ҳамаи ин масъалаи ифротгароиро дар муҳити ҷавонон мубрам намуда, зарурати омӯзиши хислат ва вижагиҳои муосири онро тақозо менамояд [11].

Ифротгароӣ - ҳамеша хислати манфӣ буда, яке аз шаклҳои бегонашавӣ, пеш аз ҳама бегонашавӣ аз арзишҳои умумифарҳангӣ ва

умумиинсонӣ мебошад. «Ифротгароӣ - аз лиҳози иҷтимоӣ ғайриоддӣ мебошад, зеро дар он ду хислати муайянкунандаи моҳияти он ба назар мерасанд: а) зиёдаравӣ аз остонаи имконпазирӣ б) унсури бадӣ, ки дар мафкура ва амалҳои баъдӣ зоҳир мегардад.

Чунин навъҳои асосии ифротгароӣ маълуманд: қавмӣ, сиёсӣ ва динӣ. Ба ғайр аз ин, ифротгароиро бо назардошти соҳаҳои фаъолияти инсонӣ табақабандӣ менамоянд: муносибатҳои байнишахсӣ (ифротгароии маишӣ), дар алоқаи ҷинсҳо (ҷинсӣ), нисбат ба табиат (экологӣ), дар соҳаи иқтисодӣ, дар соҳаи санъат ва ВАО, ахлоқ ва ҳуқуқ.

Ифротгароӣ инчунин метавонад дар шакли табиӣ (ки хислати тасодуфӣ, эҳсосӣ, дошта бошанд) ташкилӣ, ниҳодӣ зоҳир гардад. Ҳамзамон шакли нисбатан хатарноки ифротгароии ҷавонон ниҳодӣ ба шумор меравад, ки инъикоси худро дар фаъолияти созмонҳои ҷавонони хислати ифротгароӣ дошта, пеш аз ҳама - миллатгароӣ ва динӣ меёбад.

Дар ин робита метавон гуфт, ки масъалаи таҳқиқи ифротгароӣ барои аксари кишварҳо новобаста ба сатҳи пешрафти сиёсиву иқтисодии онҳо муҳим мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ифротгароӣ ҳамчун услуб ё василаи ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ, экологӣ ва масоили дигар метавонад дар ҳамаи ҷомеа ё давлатҳо, аз он ҷумла дар давлатҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта ва аз назари сиёсӣ босубот ҳам зуҳур кунад. Ҳамзамон таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дараҷаи осебпазирии ҷомеа ба ифротгароӣ дар кишварҳои бо ном «дар ҳоли гузариш» баландтар аст. Маҳз дар ҳамин кишварҳо, ки маҷбуранд дар муддати кутоҳтарин низоми сиёсиву иқтисодии хешро аз нав созанд, теъдоди зиёди падидаҳои харобиовар, аз қабили ифротгароӣ ба назар мерасанд.

Сабабҳои зуҳури ифротгароӣ вобаста ба як қатор шароити субъективӣ ва объективӣ метавонанд дар ҷомеаву давлатҳои мушаххас гуногун бошанд. Бо вуҷуди ин баъзе шароити таҳкурсии зуҳур ва тавсеаи ифротгароиро барои ҷамъиятҳо ва давлатҳо ҷудо кардан мумкин аст. Аз ҷумла, муҳаққиқи рус Д.Олшанский чунин омилҳои асосии зуҳур ва густариши ифротгароиро дар даврони муосир ҷудо кардааст: буҳронҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, босуръат поин рафтани сатҳи зиндагии қисмати зиёди аҳолӣ, тағйирёбии шаклии ниҳодҳои сиёсӣ ва сохторҳои ҳокимият, қодир набудани онҳо ба ҳалли мушкилоти пеш омадаи рушди ҷомеа, хислати тоталитарӣ ва худкомагӣ доштани низомҳои сиёсӣ, пахш кардани мухолифони ҳокимият, таъқиби ғайрандешӣ, истисмори миллӣ, кӯшиши гурӯҳҳои алоҳида ҷиҳати тезонидани вазифаҳои худ, баландпарвозиҳои сиёсии пешвоён ва амсоли инҳо [12 с.225].

Бо дар назардошти омилҳои зикршуда метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки ифротгароӣ дар давраи бесуботии сиёсӣ, заъфи ниҳодҳои давлатӣ ва инчунин буҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавӣ хеле фаъол мегардад. Ба иловаи омилҳои умда, баъзе муҳаққиқон аз гурӯҳи омилҳое ёдовар мешаванд, ки ғайримустақим метавонанд ба зуҳур ва густариши ифротгароӣ мусоидат кунанд. Аз қабили бесамарии низоми байналхалқӣ ё дохилидавлатии мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ, фарҳанги пасти сиёсиву ҳуқуқии мардум, бахусус гурӯҳҳои алоҳидаи онҳо, сардшавии робитаҳои байнидавлатӣ, болоравии ташаннуҷи иҷтимоӣ ва монанди инҳо [1 с.40-41].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки ифротгароӣ ҳамчун зуҳурот дар он ҷомеае аз байн меравад, ки дар он баробарии умумии иҷтимоӣ устувор аст, воситаҳои тақсимоти одилонаи сарватҳои ҷамъиятӣ эҷод шудаанд, яъне манфиатҳои ҳамаи гурӯҳҳо ва фардҳо дар ҷомеа риоя мешаванд.

Ғояи мазкур то андозае хаёлӣ метобад, аз ин рӯ метавон тасдиқ кард, ки ифротгароӣ бемории тамоми башарият гардидааст, ки табобати он дар ҷаҳони имрӯза ба коҳиш ёфтани дараҷаи нуфузи ин зуҳурот оварда мерасонад. Аммо ин вазифа ҳам хеле душвор мебошад, зеро пешбурди сиёсати рафъи фаъолонаи сабабҳои тавлидкунандаи ифротгароиро тақозо дорад.

Дар робита бо дарназардошти он ки таърифи ягонаи ифротгароӣ вуҷуд надорад, чунин таърифро пешниҳод кардан мумкин аст: ифротгароӣ – зуҳуроти ифротии ғояҳо, амалҳо, ақидаҳоест, ки ба тағйири қотеъонаи асосҳои мавҷуда ва эътирофшудаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, ғоявии давлат ва ҷомеа равона шуда, бо ин рафторашон ба таъмини ҳуқуқ, манфиатҳо ва амнияти шахс, ҷомеа ва давлат хатари воқеӣ мерасонанд. Тибқи моддаи сеюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ аз 3 декабри соли 2003» ифротгарои – ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати ноороми, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ мебошад” [9]. Ифротгароӣ мафкураест, ки зарурияти истифодаи чораҳои ниҳоӣ ва фавқулоддаро барои ба даст овардани натиҷаҳои мақсаднок таҳаққуқ бахшиданӣ мешавад. Мутобиқи моддаи 1 Эъломияи Шанхай оид ба терроризм, сепаратизм ва ифротгарои аз 15 июни соли 2001, ки аз ҷониби Қазоқистон, Чин, Қирғизистон, Россия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ба имзо расидааст, ифротгароӣ - дилхоҳ амале мебошад, ки ба ғасби таҷовузкоронаи ҳокимият, дигаргун сохтани сохтори конститутсионии давлат, инчунин сӯйиқасд ба амнияти ҷамъиятӣ, ташкил намудани созмонҳои ғайриқонунии мусаллаҳона бо мақсадҳои

фавқуззикр ё иштирок дар онҳо ва ғайра равона гардидааст ва тибқи қонунгузории миллии ҷонибҳо муайян шудааст [18].

Ҳамзамон омӯзиши пурраи чаҳорчубаи мафҳумии ифротгароӣ танҳо бо назардошти дарёфт ва мушаххассозии мафҳуми ифротгароӣ кофӣ нест. Муҳаққиқи рус Л.В. Баева ифротгароии ҷавононро ин тавр тавсиф намудааст: “Ифротгароии наврасону ҷавонон – андешаҳо ва намунаи рафтори одамони ҷавон аст, ки ба парастиши усули зурӣ ва таҷовуз нисбати мардуми гирду атроф то ба зуроварӣ ва куштор асос меёбад. Вай оштинопазирӣ ба дигарандешӣ (бахусус намояндагони ҳаракатҳои муайяни ҷавонон), инчунин кӯшиши эҷоди ҷомеаи тоталитариро, ки ба тобеият асос меёбад, талқин мекунад” [3 с.16].

Ифротгароии ҷавонон дар Тоҷикистон имрӯз ҳамчун паёмади коста шудани сатҳи таҳсилот ва фарҳанг, шаҳрвандӣ ва ватандустӣ, қатъи меросияти арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии наслҳои гуногун, косташавии тафаккур дар шароити буҳрони иҷтимоиву иқтисодӣ ва бесуботии сиёсӣ ба назар мерасад, ки ба шаклгирии арзишҳои насли ҷавон таъсири ҷиддӣ расондааст. Ҳамзамон масъалаи ифротгароии ҷавонон падидаи танҳо ба замони муосир хосбуда нест. Таърих нишон медиҳад, ки ифротгароӣ тайи садсолаҳои зиёд ҷомеаи инсониро ҳамроҳӣ мекардааст. Агар ифротгароӣ ҳамчун шакли ниҳоии таҳаммулнопазирӣ фаҳмида шавад, ки бо таҷовуз ва зуроварӣ ҳамчун усулҳои ифодаи оштинопазирӣ ба дигарон пайваст шудааст, пас намунаи ин гуна рафторҳоро дар таърих бисёр дидан мумкин аст. Напазируфтани андешаи ғайр ва кӯшиши рафъи он хислати одамони сатҳи поини фарҳанг, маълумот, маҳорати эҷодӣ дошта будааст. Кӯшиши ҷуброн кардани нокомиҳои шахсӣ ҳамчун ангезаи возеҳи майлҳои тахрибкоронаи шахс, майл ба зуроварӣ, таҷовуз ва соҳиби мақоми хос дар ҷомеа гаштан баромад мекунад.

Таҳқиқи моҳияти ифротгароии ҷавонон ба таври объективӣ дар назди мо вазифаи муайян кардани субъектҳо ва навъҳои ифротгароии муосирро пеш мегузорад. Ба сифати субъектҳои ифротгароӣ давлатҳо, хадамоти махсуси давлатҳо, марказҳо ва ташкилотҳои ифротгароии миллӣ ва байналхалқӣ, ҷараёнҳо ва ҳизбҳои сиёсии майлони ифротӣ дошта, гурӯҳҳои шаҳрвандон ва ҳатто ашхоси алоҳида, ки барои расидан ба ҳадафҳои худ талош доранд, метавонанд баромад кунанд. Ба ҳайси навъҳои ифротгароӣ метавон самтҳои бештар маъмули сиёсӣ, ғоявӣ, динӣ, қавмӣ, экологӣ ва амсоли инҳоро ҷудо кард. Тавре аз таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бармеояд, амалан ягон навъи зикршудаи ифротгароӣ наметавонад дар намуди сирф ягона баромад кунад, балки дар алоқамандӣ ва вобастагии зичи ҳамдигарӣ баромад мекунанд. Ин амр бахусус дар мавриди амали чунин намудҳои фаъолияти ифротгароӣ ба монанди сиёсӣ, мафкуравӣ, динӣ, сидқ татбиқ мегардад. Алоқамандии навъҳои гуногуни ифротгароӣ тасодуфӣ набуда, дараҷаи баланди умумияти ҳадафҳои эълонкардаи субъектҳои фаъолияти ифротӣ дошта, ки маъмулан хислати сиёсӣ доранд, ба назар гирифта мешаванд.

Ифротгароӣ байни ҷавонон падидаи оммавӣ гашта, ба бемории иҷтимое табдил ёфтааст, ки мазмуни муносибат дар ҷомеаро ифода менамояд.

Махсусияти ифротгароии ҷавонон хислати возеҳи гурӯҳӣ, махсусияти гурӯҳии рафтори ифротӣ ба шумор меравад. Ҳамин тавр, «ифротгароӣ ҳамчун шакли махсуси мафкураи гурӯҳӣ», «асосноккунии зӯроварии баъзе гурӯҳҳо» тавсиф мегардад. Он «айнияти махсуси гурӯҳҳои муайяни одамонро ифода менамояд, ки дар ҳолати норозигии ошкоро бо меъёр ва арзишҳои фарҳанги ҳукмрон қарор

доранд» [8 с.12]. Ин падидаи гурӯҳӣ инчунин услуби ҳаётии баъзе гурӯҳҳо ба шумор меравад.

Вижагии махсуси гурӯҳҳои ифротӣ муқовимат бо тағйироте ба шумор меравад, ки метавонанд дар худ хатари мавҷудияти гурӯҳ ё таъсири онро дошта бошанд. Дар натиҷаи муқовимати шадид (дар раванди фаъолияти муштарак) аксари гурӯҳҳо метавонанд ба сатҳи баланди ҳамбастагӣ ва муташаккилӣ даст ёбанд, ки шарти асосии амали ҳамаи гурӯҳ ба шумор меравад. Аксаран аъзои гурӯҳҳо на ба ҳаводиси воқеии таҳдидкунанда, балки ба шакли зеҳнии онҳо вокуниш нишон медиҳанд [6 с.86].

Аз ин ҷост, ки дар марҳалаи ҳозира дар ҷомеаи коршиносон баҳс оид ба нозукии тақсими ифротгароӣ ба шаклҳои гуногун бо назардошти муҳтавои сиёсӣ ва мақсаднок будани ҷудо кардани ифротгароии сиёсӣ ҳамчун яке аз шаклҳои ифротгароӣ пеш омадааст. Ба андешаи мо, бо дарназардошти мулоҳизаҳои амалӣ тақсими ифротгароӣ ба навъҳои асосӣ ба мақсад мувофиқ мебуд. Ҳамин тавр, ифротгароӣ дар ҷомеаи муосир мушкилоти ҷиддӣ буда, ба амнияти ҷомеа таҳдид мекунад ва усулҳои конститутсионии амали давлатро халалдор мекунад. Дар мафкураи ифротгароӣ, ки дар робита бо рушди илмиву техникӣ зуҳур кардааст, ҷомеа дар рӯ ба рӯи таҳдидҳо бедифоъ мемонад. Вале ҷомеа барои рушди ин падида ҳамчун сарчашмаи ғизо мегардад ва натанҳо объекти таъсири ифротгароён мешавад. Қисмати зиёди шаклҳои муосири тарғиботи ифротгароӣ дар шароити ғайриимкон будани таҳрикҳо дар муҳити ҷомеа комилан бефоида мебуд. Муҳаққиқон амалан ду сабаби мавҷудияти ифротгароиро ҷудо мекунанд: шароити иҷтимоӣ ва сатҳи рушди ҷомеа, ки ба зуҳур ва мавҷудияти ин падида мусоидат мекунанд.

Бо назардошти авомили зикршуда метавон ба хулосае омад, ки:

- ифротгароӣ қобилияти афзудани таҷовузро дорад, ки метавон бо болоравии норозигӣ аз руи шиддатёбии геометрӣ алоқаманд кард. Ифротгароён ихтилофоти дар ҷомеа бударо ба назар гирифта, таваҷҷӯҳи афроди алоҳидаро маҳз ба ҳамон беадолатиҳое равон мекунанд, ки метавонанд ба асосҳои ҷомеа таҳдид намоянд. Дар шароите ки ҷомеа заъиф ва осебпазир бошад, андешае ҳоким мешавад, ки кадом неруе аз берун метавонад мушкилоти иҷтимоиро рафъ намояд ва бе дарки паёмадҳо ба кумаки ҷониби сеюм розӣ мешавад. Сабаби аслии он, ба андешаи мо, сатҳи пасти маърифати умумӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад;

- густариши мафкураи ифротгароӣ дар байни мардум, бахусус ҷавонон мушкилоти натанҳо давлат, балки тамоми ҷомеа мебошад. Беамалӣ ва ғайрифаъол будани ҷомеа маънои сатҳи ғайрикофии ҷавобгарӣ барои мушкилоти мавҷуда ва майли ба уҳдаи давлат вогузор кардани онро дорад;

- давлат бояд ба ҷомеа андозаи кофии ваколатҳои мустақилонаро диҳад, то ки раванди шаклгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёдро ба ҳам наздик орад. Ҳарчанд ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон устувор гардидани мафкураи муайянро ба сифати ғояи давлатӣ ва ҳоким манъ кардааст, бо вуҷуди ин вазифаи мафкуравӣ дар фаъолияти ҳуқуқии давлат яке аз муайянкунандаҳои аслии рушди давлат мебошад. Ҳадафи татбиқи вазифаи мазкур ташаккули тафаккури ҷамъиятӣ ва ҳуқуқии ҷомеа буда, дар оянда пойгоҳи аслии муқовимати иҷтимоӣ ба ифротгароӣ хоҳад гардид.

Мебояд вижагиҳои калидии пешгирии гурӯҳҳои ифротгароии ҷавононро аз ҷониби давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷудо намуд:

- якум, хислати пешгирии амал;

- дуюм, ҷалби фаъоли ҷомеаҳои маҳаллӣ;

- сеюм, ҷалби фаъоли донишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ дар пешгирии тарғиботи ифротгароӣ байни ҷавонон ва донишҷӯён;

- чорум, кори муташаккили мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ оид ба пешгирии густариши ифротгароӣ дар Интернет [15].

Муҳити ҷавонон бинобар хусусиятҳои иҷтимоӣ ва дарки босуръати вазъи атроф он қисмати ҷомеа ба шумор меравад, ки дар он ҷамъшавӣ ва татбиқи иқтидори манфӣ зудтар сурат мегирад.

Вижагиҳои асосии ифротгароиро бояд дар муҳити ҷавонон ҷудо намуд:

Якум, ифротгароӣ асосан дар муҳити бегонашуда ташаккул меёбад. Он доимо аз ҳисоби номуайянии мақоми ҷавон ва ақидаҳои ташаккулнаёфтаи ӯ ба ҳодисаҳои атроф таҳвият меёбад.

Дуюм, ифротгароӣ бештар дар низом ва ҳолатҳое возеҳ мегардад, ки бо набудани меъёрҳои амалкунандаи волоияти қонун ва созиш бо ниҳодҳои давлатӣ тавсиф мешаванд.

Сеюм, ифротгароӣ бештар дар ҷомеа ва гурӯҳҳое ифода меёбад, ки сатҳи пасти эҳтироми фитрӣ роиҷ аст ё шароити махсус ба сарфи назар кардани ҳуқуқи шахсият мусоидат менамоянд.

Чорум, ин падида барои ҷомеаҳои дорои «сатҳи пасти фарҳанг», ё фарҳанги пароканда хос мебошад.

Панҷум, ифротгароӣ ба ҷомеа ва гурӯҳҳое мутобиқ аст, ки ғояи зӯровариро қабул карда, барои дастёбӣ ба ҳадаф аз арзишҳои ахлоқӣ сарфи назар менамоянд [14 с. 43].

Ҳамин тариқ моҳият ва хусусиятҳои хоси ифротгароии ҷавононро таҳлил намуда метавон чунин натиҷагирӣ кард:

- масъалаи ифротгароӣ, мавқеъгирии қотеъона ва оштинопазир дар ҳифзи манфиатҳо ва ақидаҳои хеш, аз ҷумла бо истифода аз зуроварӣ ба ҷомеаи инсонӣ аз даврони пеш шинос буд;

- ифротгароӣ, моҳиятан хислати ботинии тамаддуни башарист. Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти зуҳури ифротгароӣ метавон гуфт, ки барои ҳар як ҷомеа ва кишвари мушаххас сабабҳои бавуҷудоии ифротгароӣ метавонанд вобаста ба як қатор шароити субъективӣ ва объективӣ гуногун бошанд;

- ҳамзамон, шароити бунёдии зуҳур ва густариши ифротгароӣ вуҷуд доранд, ки амалан барои ҳамаи ҷомеаҳо хосанд. Аз ҷумла, метавон чунин омилҳои аслии зуҳур ва густариши ифротгароиро дар шароити муосир ҷудо кард: буҳронҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, босуръат коҳиш ёфтани сатҳи зиндагии қисмати бештари аҳолӣ, тағйири шакли ниҳодҳои сиёсӣ ва сохтори ҳокимият, ба ҳалли мушкилоти мавҷудаи ҷомеа қодир набудани онҳо, хислати низомӣ сиёсӣ, пахш кардани мухолифин, таъқибу фишори ғайрандешӣ, зулми миллӣ ва қавмӣ, кӯшиши гурӯҳҳои алоҳида ҷиҳати тезонидани ҳалли вазифаҳои худ, даъвоҳо ва баландпарвозиҳои пешвоён ва ғайра;

- бо назардошти миқёс ва фарогир будани падидаи мазкур метавон чунин навъҳои ифротгароиро ном бурд: сиёсӣ, ғоявӣ, диниву мазҳабӣ, қавмӣ, экологӣ ва ғайра.

Адабиёт:

1. Авдеев, Ю.И. Терроризм как социально-политическое явление. Современный терроризм: состояние и перспективы [Текст] / Ю.И.Авдеев // Под ред. Е.И. Степанова. – Москва, 2000. -С.40-41.
2. Акинер, Ш. Экстремизм: глобальный феномен [Текст] / Ш.Акинер // Религиозный экстремизм в Центральной Азии: Материалы международной научно-практической конференции. – Душанбе, 2002. – С. 19.
3. Баева, Л.В. Молодёжный экстремизм в современной России [Текст] / Л.В.Баева. // Обзор. НЦПТИ. – 2015. – № 5. – С.16–22.

4. Имомов, А. Непрерывный диалог – важнейший способ решения проблемы экстремизма [Текст] / А.Имомов // Религиозный экстремизм в Центральной Азии: Материалы международной научно-практической конференции. – Душанбе, 2002. – С. 170.
5. Койчукулов, М. Факторы религиозного экстремизма [Текст] / М.Койчукулов // Казахстан-Спектр. – 2002. – № 4(22). – С. 10.
6. Козлов, А. А. Терроризм в молодежном сознании: угроза и вопросы безопасности [Текст] / А.А.Козлов, Э.П.Теплов. - СПб.: Элексис Принт, 2007. - С. 86.
7. Краснов, М.А. Политический экстремизм и права человека маводи электрони [Манбаи электронӣ]. URL http://www. memo.ru /hr/ radio/ rnd-tbl.html/ (санаи мурочиат 16.02.2018)
8. Красиков, В. И. Экстрим: Междисциплинарное философское исследование причин, форм и паттернов экстремистского сознания [Текст] / В.И.Красиков. - Москва, 2006. – С.12.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ) [Манбаи электронӣ]. URL: http://majmilli.tj/ (санаи мурочиат 17.09.2017)

ТАҲЛИЛИ МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ИФРОТГАРОӢ

Аннотатсия. Масъалаи таҳқиқи ифротгароӣ барои аксари кишварҳо новобаста ба сатҳи пешрафти сиёсиву иқтисодии онҳо муҳим мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ифротгароӣ ҳамчун услуб ё василаи ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ, экологӣ ва масоили дигар метавонад дар ҳамаи ҷомеа ё давлатҳо, аз он ҷумла дар давлатҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта ва аз назари сиёсӣ босубот ҳам зуҳур кунад.

Ифротгароӣ - ҳамеша хислати манфӣ буда, яке аз шаклҳои бегонашавӣ, пеш аз ҳама бегонашавӣ аз арзишҳои умумифарҳангӣ ва умумиинсонӣ мебошад.

Калидвожаҳо: ифротгароӣ, терроризм, сиёсат, дин, бегонашавӣ, ҷомеа, давлат, хатар ҷавонон.

АНАЛИЗ ПРИРОДЫ И ХАРАКТЕРИСТИК ЭКСТРЕМИЗМА

Аннотация. Изучение экстремизма актуально для многих стран не зависимо от уровня их политического и экономического развития. Мировой опыт показывает, что экстремизм как метод и средство решение социальных, экономических, политических, религиозных, экологических и других проблем может проявляться во всех обществах или государствах в том числе в экономически развитых и политически стабильных государствах.

Экстремизм – всегда является отрицательной чертой и является одной из форм отчуждения, прежде всего отчуждения от общекультурных и общечеловеческих ценностей.

Ключевые слова: экстремизм, терроризм, политика, религия, отчуждения, общество, государства, молодежи.

ANALYSIS OF THE NATURE AND CHARACTERISTICS OF EXTERNALISM

Annotation. The study of extremism is relevant for many countries, regardless of the level of their political and economic development. World experience shows that extremism as a method and means of solving social, economic, political, religious, environmental and other problems can

manifest itself in all societies or states, including economically developed and politically stable states.

Extremism is always a negative feature and is one of the forms of alienation, primarily alienation from general cultural and human values.

Key words: extremism, terrorism, politics, religion, alienation, society, states, youth.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Ғайратова Фотима Асламшоевна, 19.04.1982 н.и.т., дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Боронова Рухшона Абдурасуловна, 23.03.1983 саромӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб.

МАСОИЛИ ТЕРРОРИЗМ ДАР ДАВРАИ НИЗОЪҲОИ ҲАРБӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ОМӮЗИШ

Сабурова И.Ғ.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб

Терроризм ва оқибатҳои он яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ва муаммоҳои мудҳиштарини замони муосир ба шумор меравад, ки тамаддуни мо ба он рӯ ба рӯ гаштааст. Масъалаҳои доғи рӯз будани терроризм ва хавфи зиёд доштани он ба низоми дохилаи давлатҳо (таъсир доштани он ба ҳар як фард ва ҳаёти ӯ) ва дар қатори ин давлатҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки омилҳои пайдоиш, ташаккул, роҳҳои аз байн бурдани терроризм ва дигар паҳлӯҳои он баррасӣ гарданд. Ин муаммо ҳам ба кишварҳои мутараққӣ ва ҳам ба кишварҳои дар раванди гузариш қарор дошта, таъсир мерасонад. Ҳақиқати ҳоли замони муосир нишон дод, ки терроризм ба амнияти аксари давлатҳои дунё таҳдид мекунад ва оқибатҳои пастравии бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавиро дорад.

Ягон давлат ва ягон шаҳрванд аз оқибатҳои терроризм худро эмин нигоҳ дошта наметавонад.Амалҳои даҳшатноки террористӣ,ки солҳои охир дар гӯшаҳои гуногуни олам содир гардида,боиси марги ҳазорон одамони бегуноҳ шуда истодааст,возеҳ нишон медиҳад,ки терроризм имрӯзҳо ба таҳдиди воқеиву ҷиддӣ ба амнияту суботи ҷаҳон ва пешрафти инсоният табдил ёфтааст.Созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои дини мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ,ғояҳои тундгароиро ҷой карда онҳоро ба қатлу кӯштор, барҳам задани амният ва суботу оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамоянд. Таърих таҷрибаи террори оммавии давлатиеро медонад, ки аз тарафи Олмони фашистӣ ва собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар амал содир шуда буданд. Қуллаи харакати терроризми чапгароӣ ба солҳои 60 – 70 асри XX рост меояд. Дар бисёр ҳолатҳо фарқ кардани ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии ташкилотҳои террористии миллатгароӣ душвор аст. Чунончӣ актҳои террористие, ки дар натиҷаи мубориза баҳри ба даст овардани итиқлолият аз ҷониби халқу миллатҳои озодихоҳ сурат мегирад, мисоли гуфтаҳои боло мебошанд. Масалан, ҳодисаи Косово, Югославия, Чеченистон ва монанди инҳо.

Тараққиёти бузургро терроризм дар солҳои 60- уми садаи XX ба худ касб намуд, зеро он вақт дар бисёр қисматҳои дунё марказҳои фаъоли ташкилотҳо ва гуруҳҳои террористӣ амал мекарданд. Имрӯзҳо бошад дар дунё қариб 500 ташкилотҳои ғайриқонунии террористӣ амал мекунанд. Аз тарафи онҳо аз соли 1968 то соли 2000-ум 6 700 ҳамлаҳои террористӣ ба анҷом расонида шудааст, ки дар натиҷа 3 668 нафар ҳалок ва 7 474 нафар захми шудаанд [1 с.42].

Дар шароити кунунӣ ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои ашхоси тундгаро хеле ва хеле зиёд шуда, хусусиятҳои инсонбадбинӣ авҷ гирифта истодаанд. Мувофиқи тадқиқоти марказҳои илмии дунё, буҷети хамасолаи

гуруҳҳо ва ташкилотхои террористӣ аз 5 то 20 млрд. доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро ташкил медиҳад [2 с. 3].

Терроризм аллакай дар сатҳи байналхалқӣ ривоҷ ёфта, хусусияти умумиҷаҳонӣ, яъне глобалиро касб кардааст. Дар гузаштаи на он қадар дур дар бораи терроризм ҳамчун зуҳуроти минтақавӣ ҳарф мезаданд. Аммо дар солҳои 80 – 90-уми асри XX он ба зуҳуроти байналхалқӣ мубаддал гардид. Сабаб дар он аст, ки дар тӯли ин солҳо дар натиҷаи ҷаҳоннишавии муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳамкориҳои бисёрсоҳаи муносибатҳои байналхалқӣ шароити хубро фароҳам оварданд. Нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбат ба фаъолии ҳаракатҳои террористӣ дар он аст, ки ҳамасола зарари моддӣ ва маънавие, ки аз тарафи иҷрокунандагони террор расонида мешавад, ҷони ҳазорон шаҳрвандони оддиро қурбон менамояд. Дар вақтҳои охир қурбонии шаҳрвандон ва зарарҳои моддӣ аз ҷониби террористон дар як қатор давлатҳои дунё, аз ҷумла Ирландияи Шимолӣ, ИМА, Русия, Кения, Танзания, Ҷопон, Аргентина, Ҳиндустон, Покистон, Алҷазоир, Исроил, Миср, Туркия, Албания, Сербия, Косова, Колумбия, Мексика, Эрон ва дигар кишварҳои минтақаҳои гуногуни дунё ба назар мерасад. Касбияти террористӣ дар шароити муосир хусусияти васеъи дастрасро ба худ касб карда, бо ҳудудҳои давлат маҳдуд карда намешавад. Зеро имрӯз муносибати зичи ташкилотҳои гуногуни террористӣ ба назар мерасад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди мустаҳкам намудани истиқлолияти сиёсиаш бо ин зуҳурот рӯ ба рӯ гардид. Ҳодисаҳои мудҳиши солҳои аввалини истиқлолият ва баъдан дар замони ҷанги шаҳрвандӣ то ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ ба терроризатсияи соҳаҳои гуногун ошно гардид. Дар замони муосири ҷаҳонӣ нақши давлатҳо дар бартараф намудани зуҳуроти терроризм хеле назаррас аст, аз ин рӯ аз тарафи роҳбарияти

Тоҷикистон, аллахусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон хуб пайгирӣ карда шуда, конструктивӣ пешниҳод гардид. Мисоли ин гуфтаҳо баромадҳои сершумори роҳбари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар конфронсу ҷамъомадҳои байналхалқӣ мебошад. Гузашта аз он пешниҳодҳои мушаххаси Тоҷикистон оиди масъалаи амнияти дастаҷамъии кишварҳои дунё аз экстремизму терроризми сиёсии Афғонистон дар ҷомеаи мутамаддини чаҳонӣ дастгири ёфтаанд. Пешниҳоди Тоҷикистон ҳанӯз соли 1997 дар Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Мутаҳид, оиди таъмини амният дар Афғонистон мисоле мебошад, ки дурандешӣ ва воқеъбинона назар кардани роҳбарияти сиёсии Тоҷикистонро ба масъалаҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад. Имрӯзҳо бошад Тоҷикистон аъзои коолитсияи зидди террористии Афғонистон мебошад ва қаламрави худро барои гузаронидани маводҳои баршардӯстона пешниҳод кардааст. Ин суханон исботи он аст, ки терроризм ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ-сиёсии чӣ давлатҳои бузург ва чӣ давлатҳои хурдро ба изтироб овардааст. Дар ин ҷода фаъолияти дастаҷамъонаи давлатҳои гуногуни дунё аз қитъаҳои гуногун мувофиқи мақсад мебошад. Терроризм ҳамчун зуҳурот, хусусиятҳо ва мақсади асосии террористон, ҳимояи соҳибихтиёрии давлат аз терроризми байналхалқӣ ва муборизаи давлату ташкилотҳои байналхалқӣ алайҳи терроризм, мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Ҳадаф аз омӯзиши терроризм дар давраи низоъҳои ҳарбӣ ин:

- Кушодани мафҳум ва хусусияти терроризм дар давраи низоъҳои ҳарбӣ, таърихи пайдоиш ва методологияи омӯзиши он;
- Нигоштани ҳаракатҳои асосии террористӣ, муайян намудани фаъолияти марказҳои пешсафи террористӣ;
- Омӯхтани хусусиятҳои терроризм дар давраи низоъҳои харбӣ;

- Муайян кардани санадҳои байналхалқӣ-ҳуқуқии пешгирикунандаи терроризм дар давраои низоъҳои ҳарбӣ;
- Муайян кардани чорабиниҳои дипломатии давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ дар мубориза алайҳи терроризм.

Омӯзиши масъалаи мазкур дар Тоҷикистон дар замони истиқлолият давлатӣ, яъне баъд аз 9 сентябри 1991 оғоз мешавад. Дар замони Шӯравӣ ба ин масъала аз чаҳорчӯбаи идеологияи комунистӣ нигоҳ мекарданд ва тадқиқотҳои илмӣ бештар хусусияти сиёсӣ-идеологиро ба худ насб намуда буданд. Баъд аз ҳодисаҳои 11-уми сентябри 2001 дар тамоми дунё марказҳои илмӣ ба омӯзиши назариявӣ ва методологии терроризми байналхалқӣ шурӯъ намуда, як қатор асарҳои гуногунмаслакро таълиф намуданд. Масалан, олимаи рус Б.Ф. Ключникова дар асараш «Исламизм, США и Европа: Война объявлена!» [3] ҳаракатҳои тундгаро ва экстремистии исломиро омӯхта, онҳоро гурӯҳбандӣ намудааст. Олими америкоӣ Б. Хофман дар асараш «Терроризм – взгляд изнутри» [4] терроризмро мавриди омӯзиш қарор дода, онро аз ҷабҳаҳои гуногунаш омӯхтааст. Ҳуҷҷатҳои меъёри-ҳуқуқие, ки аз тарафи СММ қабул ва таҳия гардидааст, истифодаи мо қарор гирифт [5].

Ҳуқуқи байналхалқии инсондӯстӣ терроризмро чӣ дар давраи низоъҳои ҳарбии хусусияти байналхалқидошта ва чӣ дар давраи низоъҳои ҳарбии хусусияти ғайрибайналхалқи дошта манъ менамояд. Пеш аз он ки масоили терроризмро дар давраи низоъҳои ҳарбӣ баррасӣ намоем, ба мақсад мувофиқ медонем, ки аввалан мафҳуми худи “терроризм”-ро кушодан лозим аст.

Мафҳуми терроризм аз калимаи лотинии «terror» гирифта шуда, маънои «тарс» ва «даҳшат»-ро дорад. Бо ин калима «ҳаракати зӯроваронаи гуногунмақсад, ба монанди ба асирӣ гирифтан, таъқибкунии рақибони сиёсӣ, вайрон намудани биноҳои истиқомативу

хизматӣ ва куштор ифода карда мешавад. Баъзан терроризмро ба чунин фарқиятҳо, яъне индивидуалӣ ва гурӯҳӣ (репрессияҳои режимҳои сиёсии диктаторӣ ва тоталитарӣ) тақсим менамоянд.

Аввалин маротиба мафҳуми терроризми байналхалқӣ солҳои 60-70 қарни XX пайдо гардидааст. «Террор» бо забони тоҷикӣ ҳамчун тарсонидани рақибон бо роҳи маҳви ҷисмонӣ, яъне то ба марг расонидан фаҳмида мешавад. Худи мафҳуми терроризм ин дар амал содир намудани террор аст. Фаъолияти террористон ҳама вақт бо куштор вобаста набошад ҳам, дар бисёр ҳолатҳо хусусияти таҷовузкорӣ, зуроварӣ ва тарсониданро доро мебошад. Фарқият танҳо дар мақсади ниҳоӣ дида мешавад. Ба даст даровардани маблағи муфт ва мақсадҳои сиёсӣ, ки метавонад барои барҳам задани сохтори конститутсионӣ равона шуда бошад. Фаъолияти террористӣ танҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои муайянамалӣ карда мешавад. Дар бисёр ҳолатҳо шахсоне, ки ақидаи террористиро пайгирӣ менамоянд, онҳоро ватанпараст, мубориз барои озодӣ ва мухолифин ном мебаранд. Хусусан дар давраи низоъҳои ҳарбӣ.Дар илми ҳуқуқи байналхалқӣ чуноне, ки қайд кардем низоъҳои ҳарбиро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд. Низоъҳои ҳарбии хусусияти байналхалқидошта ва низоъҳои ҳарбии хусусияти ғайрибайналхалқидошта. Чун қоида, низоъҳои ҳарбие, ки ба муқобили ҳукумронии мустамликавӣ ва хоричӣ, тартиботи нажодпарастона алоқамандӣ доранд, низоъҳои ҳарбии байналхалқӣ эътироф карда мешаванд. Низоъҳои ҳарбии хусусиятҳои ғайрибайналхалқи доштаро ҷангҳои граждани меноманд. Терроризм бо роҳҳои маҳв сохтан ва ё кушиши маҳви объектҳои гуногун таҷассум мегардад. Инҳо маҳв ё нобуд намудани тайёраҳо, биноҳои идоракунӣ, биноҳои истиқоматӣ, киштиҳои баҳрӣ ва дигар иншоотҳои ҳаётан муҳим буда метавонанд. Яке аз роҳҳои ноил шудан ба мақсад барои террористон ин тарсонидан ва ё муҳити тарсро ба

вуҷуд овардан барои амнияти худӣ ва хешовандону аҳли табор мебошад. Нобуд шудани моликияте, ки дар натиҷаи он касе қурбон нашудааст, ҳамчунин терроризм маънидод карда мешавад. Инчунин ҷиноятe, ки як фард бар зидди фарди дигар ё гуруҳе ва ё бар зидди биное содир намудааст терроризм ном мегирад. Барои терроризм, ки имрузҳо ҷинояти байналхалкӣ номида мешавад фаъолияти танҳо фардҳои террорист ғайрихусусиятнок мебошад [1с. 9].

Мутахассиси варзидаи америкоӣ оид ба хуқуқи байналхалқӣ Ричард Фалк ду мафҳуми терроризмро баён намудааст: «Ҳамагуна намуди таҷовузи сиёсӣ, ки сафедшавии зарурии хуқуқиву маънавиро надорад ва новобаста, ки он аз тарафи ки содир карда мешавад хоҳ гуруҳи инқилобӣ бошадва ё хоҳ ҳукуматӣ, терроризм номидан мумкин аст». «Экстремизми сиёсие, ки таҷовузро бар зидди хаёти осудаи мардуми оддӣ равона кардааст, терроризм мебошад». Табиист, ки ин маъниндодкуниҳои мафҳуми мазкур шартӣ буда, на ҳама вақт хусусияти аслии онро дар назар дорад. Аз тарафи дигар Департаменти давлатии ИМА тероризми байналхалқиро чунин маънидод намудааст: «Таҷовузи пешакӣ ба нақшагирифташудае, ки мақсадҳои сиёсиро доро мебошад ва ба сӯи шахсоне, ки дар амалиёти ҳарбӣ иштирок намекунанд, (noncombatanttargets)равонашудааст ва аз тарафи гуруҳҳои фаромиллатӣ ва ҷосусони давлатҳои хориҷа содир карда мешавад, терроризм мебошад.

Аммо, то имрӯз мафҳуми ягонаи терроризм чӣ дар қонунгузории миллӣ ва чӣ дар қонунгузории байналхалқӣ вуҷуд надорад, зеро он ба омилҳои гуногун вобастагӣ дорад,ки дар бобати аз ҷиҳати мантиқи муайян намудани он душвориҳоро пеш меоварад.

Ҳуқуқи байналхалқии инсондӯстӣ низ мафҳуми терроризмро намедиҳад. Дар ҳуқуқи байналхалқии инсондӯстӣ ба таври дақиқ ва равшан оид ба терроризм ёдоварӣ карда мешавад. Онро бо номи

«чораҳои хавфдиҳӣ ва террор» ном мебаранд. Чунончӣ дар моддаи 33-и Конвенсияи Женева аз 12 августи соли 1949 “Дар бораи ҳимояи аҳолии шаҳрвандӣ дар рафти ҷанг ” (минбаъд дар матн Конвенсияи IV Женева гуфта мешавад): "Ҷазодиҳии гурӯҳӣ, ҳамчунин дилхоҳ чораҳои тарсонидан ва ё террор манъ аст” . Ҳадафи асосӣ дар онаст, ки ҳуқуқи байналхалқи иинсондӯстӣ муҷозот ё ҷазодиҳии коллективиро ба муқобили шахсони алоҳидаи граждани , ки омили ба вуҷуд оварандаи ҳолати террор мебошад ,манъ менамояд.Дар адабиёт мафҳумҳои «террор» ва «терроризм» бо мақсади муайян намудани фаъолиятҳои гуногун, ки ба ҳамдигар монанданд ва бар зидди аҳолии осоишта, шахсиятҳои алоҳида, гуруҳи калони мардум ва ҳатто ба синфҳои муайян равона карда шудааст, истифода мебаранд.

Ба мақсад мувофиқ мебошад, ки якчанд мафҳумҳои терроризмро, ки аз тарафи олимони кишварҳои гуногуни дунё муайян карда шудаанд, биоварем:

Олими машҳури Британияи Кабир Б. Крозе: «Терроризм ин амалиёти ба нақша гирифташудаи сиёсӣ мебошад» [8 с. 37].

Дар мақолаи донишманди рус Мирский Г, тероризмро чунин маънидод намудааст: «Терроризм ин тарсонидани низомнокии ҳокимият ва гурӯҳи аҳолӣ барои ба мақсадҳои сиёсӣ, идеологӣ ва ё иҷтимоӣ – инқилоби расидан аст» [6 с. 37].

Дар робита аз он мулоҳизаҳои олимони баруманди сиёсатшинос ва мутахассисони варзидаи ҳуқуқи байналхалқӣ хулосаи зеринро баён намудан мумкин аст: Терроризм ин тактикаи сиёсие мебошад, ки дар робита бо истифодабарӣ ва ба пешандозии воситаҳои ягонаи муборизаи силоҳнокбуда, сараввал бо содир намудани актҳои террористӣ муайян карда мешавад, ки махсусан дар даврaи низоъҳои ҳарбӣ ба назар мерасад.

Масалан, дар низоъҳои ҳарбии хусусияти ғайрибайналхалқидошта истифодаи яроқ, бетартибиҳои дохилӣ ва содир намудани дигар амалиётҳои ҳарбӣ ба чашм мерасад. Актҳои террористӣ,ки сараввал бо куштори соҳибмансабони воломақоми давлатӣ маънидод мешуданд, дар шароити муосири дунё бо рабудани тайёраҳо, гирифтани асирони бегуноҳ ва тарконидани манзилҳои истиқомативу корхонаҳои гуногун баррасӣ карда мешавад. Ягона нуқтаи муттаҳидкунандаи терроризми замони пеш бо терроризми замони муосир дар он аст, ки дар натиҷа ба ҳаёт ва амнияти инсон ва шаҳрванд таҳдид менамояд. Актҳои террористӣ чӣ дар давраи осоишта ва чӣ дар давраи низоъҳои ҳарбӣ инчунин таҳаввулоти тарс ва беамниятиро ба вуҷуд оварда, ба ин мақсад террористон метавонанд чунин амалҳоро содир намоянд, аз қабили сӯхтор ё тарконидани мағозаҳо, марказҳои ҳизбию давлатӣ ва паҳн намудани варақаҳои характери таъқибдошта ва ғайраҳо. Масалан , 20 марти соли 1995 дар метрои Токио акти террористӣ содир карда шуд. Баъди ин террор 12 нафар ҳалок ва зиёда аз ҳазор нафар гирифтори нобиноии муваққатӣ гардиданд. 11 сентябри соли 2001 вақте ки террористон ба ИМА ҳамла намуданд, диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ ба терроризми байналхалқӣ бештар гардид.

Имрӯзҳо, вақте ки мо дар бораи ҷанг ва сулҳ сухан мекунем, бояд дар бораи терроризм низ андеша кунем. Баъди 11 сентябри соли 2001 проблемаи ҷанг ва террор тезутунд гашт. Рӯзи дигар баъди воқеаи 11 сентябри соли 2001 Президенти собиқи ИМА, Ҷорҷ Буш эълон кард, ки нобуд сохтани биноҳои баландошёнаи Ню-Йорк акти ҷанг буд.

Дар натиҷа, ба хулоса омадан мумкин аст, ки таъбири ягонаи мафҳуми терроризмро додан (агар мумкин бошад) хеле душвориро ба пеш меоварад. Агарчӣ хусусияти ягонаи он ин таҳдид ба ҳаёти инсон ва шаҳрвандро дар худ дошта,бо мақсадҳои сиёсӣ олудагиро нишон

медиҳад. Терроризм зуҳуроти универсалӣ барои ҷомеаи инсонӣ аз нимаи дуюми асри XIX ба ҳисоб меравад, ки дар тӯли даҳсолаҳо пайдо гашта, ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ ниқоби худро дигар мекунад.

Актҳои террористӣ дар давраи низоъҳои ҳарбӣ бар зидди инсон ва шаҳрванд равона шуда, онҳоеро аз қатор мебароранд,ки хамчун шахсият ва ё намояндагони ҳокимияти вақтӣ барои расидан ба мақсадҳои ниҳоии гуруҳӣ террористон монеа мешаванд.Дар давраи низоъҳои ҳарбии хусусияти ғайрибайналхалқидошта унсурҳои актҳои террористӣ ҳувайдо ба назар мерасад, чунончӣ тарафи муқобил дар ҳар ҳолат аз воситаҳои гуногуни ҷангӣ истифода мебарад.

Чи хеле ки дар боло гуфта гузаштем, ҳуқуқи байналхалқии инсондӯстӣ танҳо дар давраи низоъҳои ҳарби истифода мешавад. Унсури асосиро дар низоъҳои ҳарби “тарафҳо” ташкил медиҳанд. Тарафҳо дар низоъҳои ҳарбии байналхалқӣ ду ва ё зиёда давлатҳо (ё давлат ва ё ҳаракати миллӣ озодихоҳӣ) шуда метавонанд. Дар низоъҳои ҳарбии хусусияти ғайрибайналхалқидошта бошад, аз як тараф давлат ва аз тарафи дигар гурӯҳҳои мусаллаҳ (гурӯҳҳои шӯришгар) мебошанд.

Сиёсатшиноси рус Будницкий О. В. Дар асари хеш «Терроризм в российском освободительном движении: идеология, этика, психология» таъкид месозад, ки терроризм ин зуҳуроти нав набуда, дар нимаи дуюми асри гузашта ҳуқуқи байналхалқӣ онро муайян кардааст. Мубориза ба терроризм дар маркази диққати ташкилотҳои байналхалқӣ соли 1934 пайдо шуда, онро ғайриқонунӣ эътироф карданд [7 с. 18].

Соли 2005 Шӯрои Бехатарии СММ бо кумитаҳои зиддитеррориситии давлатҳои аъзо ҳамкори намуд. Баъди таркиш дар майдони Пушкини шаҳри Маскав, Президенти Федератсияи Россия баромад намуда, қайд намуд, ки чиноятқорон ва террористон пеш аз

ҳама бемиллат ва бедин мебошанд. Қайд кардан зарур аст, ки дар ҳудуди Федератсияи Россия аз соли 2006 қонуни федералӣ «Дар бораи мубориза бо террор», ки мувофиқи санадҳои байналхалқӣ мебошад, амал менамояд. Оммавӣ будани акти террористӣ хусусияти мавқеъгиронаи терроризмро мемонад. Агар террор ба нокоми дучор гардад, ҳатман дастгириро аз он қишри ҷомеа меёбад, ки он ба вай нигаронида шуда буд ва инчунин носозии худро ҳамчун яке аз падидаҳои таркиши иҷтимоӣ аз даст медиҳад ва ё ин ки ба муваффақияти бузурги иҷтимоӣ ноил мегардад. Мантиқи фаъолияти террористӣ бе баҳодиҳии таҳҷоии зарурати акти террористӣ аз назар дур аст. Бе ин амалиёт хусусияти хақиқии терроризмро пайгирӣ намудан хеле ва хеле душвор мебошад.

Хулоса, терроризм ин ташаккул додани мақомоти роҳбарии байналхалқӣ ва минтақавӣ барои ҳалли ба нақшагирии фаъолияти террористӣ, тайёрӣ ва гузаронидани чорабиниҳои мушаххас, ташкилотҳои мутақобилан бо ҳамдигар сарукордошта, ба ҳам овардани иҷрокунандагони ин ё он иқдоми террористӣ, ба вуҷуд овардани ақоиди зиддиҳукуматӣ барои васеъ намудани таъсир ба ҳокимияти вақтӣ, ворид гаштан ба хадамоти ҷамъиятӣ, давлатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва қудратӣ, созмон додани гуруҳҳои муташаккил ва тайёр намудани онҳо барои фаъолияти террористӣ дар нуқтаҳои гуногуни кураи замин, созмон додани фирмаҳо, ширкатҳо, хазинаҳое, ки метавонанд террористонро рӯйпуш кунанд, саривақт барои содир намудани амалиётҳои террористӣ ба онҳо ёрӣ расонанд. Аз ин лиҳоз пешниҳоди худро нисбати мавзӯи баррасишаванда чунин иброз медорам,ки сохтору мақомоти марбутаро зарур аст, ки дар роҳи ташвиқу тарғиби тундгароии динӣ садди устувор гузошта, ҷавононро ба ҳушёриву зиракӣ ҳидоят намуда онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд.

Адабиёт:

1. Лутовинов В., Морозов Ю. Терроризм – угроза обществу и каждому человеку // ОБЖ. 2000. - № 9. С. 42.
2. Козлова Н. Камикадзе на продажу. // Российская газета. 23.01.2004.
3. Ключников Б.Ф. Исламизм, США и Европа. Война объявлена! – М., 2003.
4. Брюс Хофман. Терроризм – Взгляд изнутри. – М., 2003.
5. www.un.org/russian/document/scresol.
6. Мирский Г. Дракон встаёт на дыбы (О международном терроризме) // Мировая экономика и международные отношения. 2002. № 3 С. 37.
7. Будницкий О. В. Терроризм в российском освободительном движении: идеология, этика, психология. М., 2000. С. 18

МАСОИЛИ ТЕРРОРИЗМ ДАР ДАВРАИ НИЗОЪҲОИ ҲАРБӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ОМӮЗИШ

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур доир ба таърих ва пайдоиши терроризм маълумотҳо оварда шудааст. Инчунин роҷеъ ба хатар ва зарари он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мисолҳои аниқу дақиқ дода шудааст. Дар ин тадқиқотҷиҳати пешгирӣ ва маҳв кардани терроризм бо роҳҳои ташвиқотӣ, маълумотдиҳӣ, гузаронидани семинарҳо, тақсимоти буклетҳо дар байни мардум ва дигар роҳу воситаҳои тарғиботӣ санҷиш гузаронида шудааст.

Калидвожаҳо: терроризм, семинар, тарғибот, хатар маълумотдиҳӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ, воситаҳои тарғиботӣ.

ТЕРРОРИЗМ КАК ПРЕДМЕТ ИЗУЧЕНИЯ ВО ВРЕМЯ ВОЕННЫХ КОНФЛИКТОВ

Аннотация. В данной статье представлена информация об истории и происхождении терроризма. Есть и наглядные примеры опасностей и вреда для мирового сообщества. В этом исследовании были проведены различными способами пропаганды как информационно-разъяснительной работы, проведение семинаров и распространения буклетов среди населения по предотвращению и искоренению терроризма.

Ключевые слова: терроризм, семинары, пропаганда, информационные угрозы, международное сообщество, средства пропаганды.

TERRORISM AS A SUBJECT OF STUDY DURING MILITARY CONFLICTS

Annotation. This article provides information about the history and origin of terrorism. There are also clear examples of dangers and harm to the world community. This study looks at the prevention and eradication of terrorism through advocacy, outreach, workshops and leaflet distribution to the public and other advocacy tools.

Keywords: terrorism, seminars, propaganda, information threats, international community, propaganda tools

Маълумот дар бораи муаллиф:

Сабурова Илолбӣ - омӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ - и ДТМИК. Тел:988707021

АСОСҲОИ РУШДИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Саидалиева Г.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб

Пеш аз ҳама, мо асосҳои омӯзиши рушди мушкилҳои асосҳои назариявии малакаҳои коммуникативиро зарур донистем. Маъсалаҳои муҳиме, ки равоншиносони бисёр давлатҳоро ба изтироб меорад - нақши муносибат бо ҳамсолон дар зиндагии кӯдак ва рушди шахсияти ӯ мебошад. Бисёре аз олимон тасдиқ мекунанд, ки муносибат дар рушди умумии шахсияти кӯдак дар зинаи поёни мактабӣ нақши ҳалкунандаро мебозад Аксарияти олимон ҳамкории комилан мувофиқ ба синну соли наврасонро дар рушди умумии кудак ва алалхусус дар ташаккули шахсияти ӯ лозим медонанд.

Робита, ё бо тарзи дигар коммуникатсия, хусусиятҳо ва механизимҳо барои файласуфон, ҷомеашиносон ва равоншиносон мояи омӯзиш қарор гирифтааст.

Инак, коммуникатсия – ин амал ва ҷараёни барқарори алоқа байни ҳамкории субъектҳо ба воситаи баровардани маънои уммумии маълумоти додашуда ва қабул шуда, мебошад. Бо мафҳуми васеъи фалсафӣ коммуникатция ҳамчун,ҷараёни иҷтимоӣ алоқаманд ё бо робита,мубодилаи тафаккурҳо, маълумотҳо, ақидаҳо ва ғайра, ё ин ки бо таҳвили мазмун аз шуури яке ба дигаре ба воситаи системаҳои аломатҳо дида мешавад. Барои таҳлили малакаҳои коммуникативӣ дар рушди шахсияти мактаббачагони синфҳои поёнӣ, аввалан мафҳуми «малака» - ро муайян кардан лозим аст. Дар зери мафҳуми «малакаҳо» мо

усулҳои иҷрои амалҳои автоматикунонидаро дар назар дорем. Вале малакаҳои коммуникативӣ бошад, аз назари мо ба малакаҳои робита шабоҳат дорад. Аз худ кардани малакаҳои коммуникативӣ дар якҷоягӣ аз худ кардани функсияҳои муносибат бо забонҳои дигар, ахборотӣ, муоширатӣ, муоссир- баҳогузориродар назар дорад. Донишмандон рушди малакаҳои коммуникативиро ба чор қисм ҷудо кардаанд:

1.Шиносоӣ (шиноскунонӣ).

2. Омоданамоӣ (аналитикӣ).

3. Стандардкунонӣ (синтетикӣ).

4. Тағйироткунонӣ (ситуативӣ).

Ҷараёни азхудкунии малакаҳои коммуникативӣ дар забонҳои хориҷӣ иҷрои амалҳои пайдарпаӣ ба самтҳои гуногун автоматикунонидаи намудҳои фаъолияти нутқ ва муносибатро ифода мекунад. Дар аввал дар мавзуи омӯзиши забони хориҷӣ дар мактабҳои миёна назар меафканем. Мақсади асосии мавзӯи омӯзиш ба рушди маданияти суханронии кудакон дар ҷараёни пешбурди малакаҳои коммуникативӣ равона карда шудааст.

Малакаҳои пешниҳодшуда чун рушди малакаҳои лингвистӣ, лексикӣ, фонетикӣ, грамматикӣ ҳамчунин истифодаи онҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дар назар дошта шудааст. Гуногунии мавзӯҳо, текстҳо, проблемагузориҳо барои рушди ҳар гуна намудҳои эҷодиёти лафзӣ, рушди малакаҳои маданияти нутқӣ ва истифодаи онҳоро дар забони хориҷӣ равона карда шудааст [5,81-88].

Дар синфҳои 5-10-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ пайдарпайии рушди малакаҳои коммуникативии мактаббачагон дар ҷараёни азхудкунии стратегияи гуфтор, хониш ва хат мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шудааст.

Омӯзиши забони хориҷӣ ҳамчун воситаи асосии робитаҳои байналхалқӣ бо роҳҳои зерин муайян мегардад:

- рушди малакаҳои коммуникативӣ ва маҳорат дар намудҳои асосии фаъолияти нутқ ва гуфтор,

-рушди дарки мактаббачагон ба фарҳанги аврупоӣ ва ҷаҳонӣ бо ёрии дониши васеъи ҷомеъашиносӣ, фарҳангшиносӣ ва забономӯзӣ.

Малакаҳои коммуникативӣ дар асоси ин ду ҷараён рушд меёбанд:

а) Дониш ва малакаи забонӣ

б) Донистани давлатҳое, ки мо забони онҳоро меомӯзем.

Ба маҳорати аслии малакаҳои коммуникативӣ инҳо дохил мешавд:

- хондан ва фаҳми текстҳо,

-шифоҳӣ дар бораи вазъияти таълимӣ, фарҳангӣ ва соҳаи рӯзгор, муошират кардан,

- шифоҳӣ ва кӯтоҳ дар барои худ, атроф, нақл ва баҳогузорӣ кардан,

- Маҳорати тартиб додан оддитарин маълумотҳои хаттӣ.

Ҳамин тавр, сатҳи минималии малакаҳои коммуникативии стандарти маълумоти давлатии забони хориҷӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми муоширати коммуникативӣ одамон аз воситаҳои забонӣ: - луғат ва грамматика барои сохтани нақл, ки ба шунаванда фаҳмо бошад истифода мебаранд, вале барои мувафақияти кор танҳо луғат ва гирамматикаи забон кофӣ нест, шартҳои истифодабарии ин ё он воҳидҳо ва пайвасткуниҳои забонро донистан зарур аст. Ба таври дигар, ғайр аз грамматика донандаи забон бояд « шароити грамматикае», ки истифодабарии онҳоро дар забон на танҳо бо таносуби маънои луғавии воҳидҳо ва қоидаҳои пайвасткунии онҳо дар ҷумла ба роҳ монад, балки вобастагии хислати муносибат байни сухангуй ва шунавандаро бо мақсади муошират, ки донистани онҳо дар якҷоягӣ бо дониши

забонӣ сатҳи малакаҳои коммуникативии донандаи забонро ташаккул диҳад. Хусусиятҳои малакаи муоширатро, ки ба коммуникатсия тааллуқ дорад, метавон дар амалҳои ғайримустақими сухан нишон дод. Ғайримустақим суханеро мемонанд, ки дар шароити гуфтор ба маънои аслиаш номувофиқ аст. Масалан, агар ҳамсоя дар вақти хӯрокхӯрӣ ба шумо бо калимаҳои зерин мурочиат кунад: -Наметавонед шумо намакро ба ман диҳед?, ин ба асл савол аст, ва бо маънои - хоҳиш , ва ҷавоб ба ин амали шумо бояд бошад; шумо ба ҳамсоя намакро медиҳед, агар шумо ин хоҳишро ҳамчун савол мефаҳмед ва ҷавоб медиҳед.

Ҳамчунин дар ҷараёни муошират шиносоӣ бо хислатҳои иҷтимоии ҳамсуҳбат: вазъ, мавқеъ ва нақши ӯ дар интихоби ҳар гуна воситаҳои гуфтор ва маҳдудияти сухан дучор мешавем. Дар ҳамин асос, малакаву маҳорати грамматикӣ ва луғавӣ, ки ба маркази гуфтор тааллуқ доранд, такя мекунанд.

Ба назари мо, муошират ин муҳимтарин самт дар рушди шахсияти мактаббачагони синфҳои поёнӣ мебошад.

Дар зери мафҳуми шахсият Рахмонов И.В. маҷмӯи одатҳо ва ҳавасмандиҳо,тачрибаи маданӣ-иҷтимоӣ, донишҳои азхудкарда,ки рафтори ҳаррӯзаро муайян менамояд,дар назар дорад [6 с.94-110].

Дар ташкили ҷараёни коммуникативӣ нақши асосиро ба ҳисобгирии шахсият ва хислатҳои ба синну сол хос дар мактаббачагони синфҳои поёнӣ мебозад. Синну соли мактаббачагони синифҳои поёнӣ барои омӯзиши малакаҳои коммуникативӣ дар дарсҳои забони англисӣ созгор аст. Ҳавасмандӣ ба ин фан дар ин синну сол бо ҳиссиёти психологӣ, хурсандӣ ва омодашавӣ ба муошират,ки омӯзгор дар дарс ташкил мекунад, зич алоқаманд аст.

Ин хислатҳо дар оила рушд мекунанд,дар синни томактабӣ ва аз сатҳи рушди онҳо ба дохилшавии кӯдак ба ҳаёти мактабӣ,муносибати ӯ ба мактаб ва муваффақияти омӯзиш бо меъёри бисёре вобаста аст.

Муҳақиқон тамоми мушкилие, ки ба хонандагони синфҳои поёнӣ дучор мешавад,мавриди омӯзиш ва ҳаллу фасл қарор додаанд.

Кулли методистон машғулиятҳои бармаҳали забони хориҷиро барои комёбии сатҳи дониши малакаҳои коммуникативӣ меҳисобанд.

Инак, синни мактаббачагони синфҳои поёнӣ барои омӯхтани забони хориҷӣ бениҳоят муносиб дониста мешавад.Дар ин маврид дар таҳти назар масъалае меистад,ки талаби омӯзиши бармаҳали фанни мазкур ва алалхусус рушди малакаҳои коммуникативиро ҳал мекунад. Ин дар мактаббачагон мавҷуд будани маҳорати амалӣ, гуфтор ва муоширатро нишон медиҳад. Бе чуну чаро, сухан дар барои он меравад,ки машғулиятҳои рушди кудакон на бар зиёну зарари дониш,балки рушди малакаҳои коммуникативӣ махсус ба самти рушди шахсияти мактаббачагони синфҳои поёнӣ равона карда шудааст.

Имкониятҳои дарсҳои забони англисӣ дар рушди малакаҳои коммуникативӣ дар мактаббачагони синфҳои поёнӣ бениҳояд васеъ аст. Пеш аз ҳама мақсади омӯзиши забони хориҷиро дар синфҳои поёнӣ маънидод мекунад.

Мақсади асосӣ омӯзиши забони хориҷӣ дар мактаб ин рушди қобилияти муносибати муоширати мактаббачагон ба забони хориҷӣ мебошад.

Амаликунонӣ ин мақсад ба рушди якчанд малакаҳои коммуникативӣ алоқаманд аст;а)ҳангоми муошират фаҳмидан ва ба вуҷуд овардани баёну гуфтаҳои ғайризабониро, б) масъалаҳои

нутқӣ ва мақсадҳои коммуникативӣ, в) дар амал ҷорӣ намудани рафтори коммуникативии худ вобаста бо қоидаҳои муносибат ва одатҳои миллӣ – мадании забони омӯхташаванда [7 с.41-48].

Дар зинаи аввали омӯзиш мақсадҳои зерин гузошта мешаванд:

-дар мадди аввал мусоидат намудани мактаббачагони синфҳои поёни ба дунёи забонии нав, ки дар он синну соли кӯдакон ҳоло ба истифодабарии забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муоширатмонеаи психологиро ҳис намекунад,

-рушди омода будани муносибати кӯдакон бо забони хориҷӣ ва дар оянда дуруст ба роҳ мондани омӯзиши он,

-ба шакли муайян даровардани оддитарин қобилияти коммуникативӣ дар чор намуди фаъолияти суханронӣ бо баҳисобгирии имкониятҳо ва талаботи нутқӣ дар мактаббачагони синфҳои поёнӣ:

- шинос намудани мактаббачагони синфҳои поёнӣ бо ҳамсолони хориҷии худ,фолклори сурудҳо, шеърҳо ва афсонаҳои хориҷӣ ва ба намунаҳои ба кӯдакон дастраси адабиёти бадеии кӯдакона ба забони хориҷии омӯзонидашуда,

-ба шакли муайян даровардани як қатор мафҳумҳои лингвистикиро,ки дар забонҳои модарӣ ва хориҷӣ ба назар мерасанд ва ба ҳамин қобилияти зеҳнӣ, нутқӣ ва идрокро дар хонандагон рушд медиҳанд,

-бозсозии нақшаи нави таълимӣ, ду соат дар як ҳафта ҳатман омӯхтани забони хориҷиро дар синфҳои II то IV дар мактаби ибтидоӣ дарбар гирад.

Мазмуни омӯзиш дар доираи марҳалаи аввали мактабӣ бо нақша муайян шуда, ба рушди асосҳои салоҳияти коммуникативӣ равона карда шудааст.

Зери мафҳуми «салоҳияти коммуникативӣ» мо чиро мефаҳмем?

Ин қобилияти бардавом ва босамар истифода бурдани забони хориҷиро ба сатҳу меъёри фаҳмиш ва таҳвили маълумотро иньикос менамояд. Чаро, ки мактаби ибтидоӣ ин оғози соҳаи умумии маълумоти мактабӣ буда, масъала аз он иборат аст, ки асосҳои коммуникативӣ ва иҷрои муошрати ғайризабонӣ дар синфҳои поёнӣ ривоҷ меёбад.

Салоҳияти коммуникативӣ пешбарандаи мақсади дарси забони англисӣ буда, сохт ва таркиби дарсро муайян мекунад.

Гузаронидани хониши коммуникативӣ дар тамоми синфҳо шарту зарур аст. Зеро он вазифаҳо ва мақсади асосиро бар дӯш дорад. Барои пурсамар гардонидани ҷараёни таълим ба фикри шахсии банда гузаронидани хониши коммуникативӣ бениҳоят ҳам бузург аст. Ман ҳамчун донишҷӯ ва таҷрибаомӯз ин ҳақиқати ҳолро дарк намудам. Зеро дар лаҳзаҳои ҳамдигарро ислоҳ кардан, аз якдигар омӯхтан боз ҳам забонро хубтару тезтар аз худ мекунанд.Бинобар ин ман дар ҷараёни таълим худи хонандагонро водор намудам, ки якдигарро гуш намуда, аз як дигар омӯзанд. Ман дар асоси тадқиқотҳои методии кулли методистону олимони бузург ба чунин хулоса омадам, ки дар байни онҳо Н. И. Гез, М.В.Ляховицкий, Г. В. Рогова, И.А. Зимняа ва дигарон мавқеи барҷастаро ишғол мекунанд.

Ҷараёни таълим бе хониши коммуникативӣ дурусту мувофиқи мақсад нест.Зеро дар асоси ин хониш толибилимон матнҳоро хубтару дурустар аз худ намуда, мазмуни матнро дарк менамояд, ки ин боиси бошуурона аз худ шудани матн мегардад. Мавқеи салоҳияти коммуникативӣ дар байни дигар намудҳои хониш болотару волотар аст.

Омӯзгор худро ҳамон лаҳза хушбахт меҳисобад, ки шогирдаш дар ҷомеъа мавқеи муайянро ишғол намуда, соҳиби дониш бошад.

Ман ҳамчун таҷрибаомӯз ба қадри заҳматҳои бепоёни омӯзгорон он лахзаҳо расидаам. Ба фикри ман шогирдонам як дараҷае бошад ҳам аз дарси ман қаноатманд шудаанд. Ба фикри шахсии ман ҷараёни таълим бе таълими хониши коммуникативӣ дуруст нест. Зеро сарчашмаи асосии онро маҳз хониш ташкил мекунад.

Ташкили корҳои беруназсинфӣ аз забони англисӣ дар ҳар мактаб, асосан, аз тарафи муаллим на дар асоси маҷбурият, балки бо ташаббусу масъулияти вазифашиносии ӯ, хоҳиш ва шавқи баланди хонандагоне, ки нисбат ба забони хориҷӣ таваҷҷуҳи зиёд доранд,марбут мебошад. Маслыко Е.А ба таври зайл муайян намудааст: а). Васеъ ва амиқ намудани донишҳое, ки доир ба забон хонанда ба тавассути иштирок ба дарсҳо гирифтааст. Пурра намудани чунин донишҳо метавонад бо баррасии маводи ғайрибарномавӣ имконпазир гардад, ки таълим додани он дар синф на барои ҳамаи хонандагон ҳатмист. б) Баланд бардоштани шавқу рағбати хонандагон ба забон, ҳамчун ба предмети таълим ва дар онҳо тарбия намудани муҳаббат ба таърихи халқ -офарандагони он (яъне офарандагони забон) ба таърихи забон, воситаҳои пурғановати он, ки барои ифодаи фикр заруранд. в) Дар хонандагон такмил додани малакаҳои таҳлил, гуруҳбандӣ кардан, ҷамъоварии далелҳои забонӣ доир ба мавзӯе, ки таҳти чунин фаъолият дараҷаи забондонии онҳо баланд бардошта мешавад [8 с.37-44].

Зимни ана ҳамин мақсадҳои фавқ ба корҳои беруназсинфӣ доир ба забони англисӣ ҳама гуна хонандагон чи фаъолу пешқадамони таълим ва чи камҳавсалаву сустхонҳо метавонанд ширкат варзанд, ба шарте, ки ҳамагӣ баҳри баланд бардоштани донишу малакаҳои худ марбут ба забони хориҷӣ, рағбати хоса дошта бошанд.

Корҳои беруназсинфӣ аз забони англисӣ дар давоми соли таҳсил дар баробари соатҳои таълими муқаррарӣ пеш бурда мешавад, яъне

дар рӯзҳои дарсхонӣ. Вале ташкили экскурсияҳо ба ҷойҳои таърихӣ ё ба ягон мавзеи тамошобоб метавонад дар рӯзҳои таътили байни чорякҳои соли таҳсил ҳам баррасӣ гардад.

Машғулиятҳои беруназсинфиро тарзе бояд ташкил намуд, ки на якрангу дилгиркунанда, балки гуногунрангу шавқовар ва ҷолибу, наву, тоза бошанду ба тавассути ташкил ва натиҷаи ниҳоии ҳар яке аз онҳо савияи дониши забонӣ ва нутқи ифоданоку мураттаби хонандагон низ рӯ ба инкишоф оварад.

Хулоса

Дар фаровардии маърузаи хеш чунин хулоса менамоям, ки ба масъалаи равнақ бахшидан ба салоҳияти коммуникативии хонандагон ва бедор намудани муошират байниҳамдигарӣ дар таълими забони хориҷӣ диққати ҷиддӣ додан лозим аст.

Бисёре аз олимон тасдиқ мекунанд, ки муносибат дар рушди умумии шахсияти кӯдак дар зинаи поёни мактабӣ нақши ҳалкунандаро мебозад. Аксарияти олимон ҳамкории комилан мувофиқ ба синну соли наврасонро дар рушди умумии кӯдак ва алалхусус дар ташаккули шахсияти ӯ лозим медонанд.

Коммуникатсия ин амал ва ҷараёни барқарории алоқа байни ҳамкории субъектҳо ба воситаи баровардани маънои уммумии маълумоти додашуда ва қабул шуда, мебошад. Бо мафҳуми васеъи фалсафӣ коммуникатсия ҳамчун, ҷараёни иҷтимоӣ алоқаманд ё бо робита, мубодилаи тафаккурҳо маълумотҳо, ақидаҳо ва ғайра, ё ин ки бо таҳвили мазмун аз шуури яке ба дигаре ба воситаи системаҳои аломатҳо дида мешавад. Барои таҳлили малакаҳои коммуникативӣ дар рушди шахсияти мактаббачагони синфҳои поёнӣ, аввалан мафҳуми «малака» - ро муайян кардан лозим аст.

Адабиёт:

1. Алиев С. Барномаи методикаи забони хориҷи барои шуъбаҳои забони англисӣ. – Душанбе: Матбуоти ДДОТ, 2006.-46с.
2. Баграмова Н.В. Коммуникативно – интерактивный подход как способ повышения овладения иностранным языком. -Москва: Академия, вып.18, 1998. – 312 с.
3. Болдырёв Н.Н. Лингвистические основы коммуникативных методов обучения иностранному языку. – Москва: Академия, №3, 1998. -231 с.
4. Пассова Е.И.. Коммуникативность обучения в практику школы, под редакцией– Москва: Просвещение, 1985. – 129 с.
5. Рахмонов И.В. Основные направления в методике преподования иностранных языков. – Москва: Аграф, 1972. -347 с.
6. Threshold Level. // -Strasbourg Council of Europe Press. 1991.-369 p

АСОСҲОИ РУШДИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Аннотатсия. Дар ин мақола муаллиф ба масъалаи рушди малакаҳои лингвистӣ, лексикӣ, фонетикӣ, грамматикӣ ҳамчунин истифодаи онҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ мавриди арзёбӣ қарор додааст. Умуман дар мақола ба гуногунии мавзӯҳо, текстҳо, проблемагузориҳо барои рушди ҳар гуна намудҳои эъҷодиёти лафзӣ, рушди малакаҳои маданияти нутқӣ ва истифодаи онҳоро дар забони хориҷӣ диққати хешро равона намудааст.

Калидвожаҳо: лингвистӣ, лексикӣ, фонетикӣ, грамматикӣ, нутқи шифоҳӣ, мавзӯҳо, текстҳо.

ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ

Аннотация. В данной статье автор рассматривает предлагаемые умения как развитие языковых, лексических, фонетических, грамматических навыков, а также их использование в устной и письменной речи. Разнообразие тем, текстов, задач для развития всех видов словесного творчества, развития навыков речевой культуры и их использования на иностранном языке.

Ключевые слова: языковая, лексическая, фонетическая, грамматическая, устная речь, темы, тексты.

FUNDAMENTALS OF THE DEVELOPMENT OF COMMUNICATIVE COMPETENCE IN THE PROCESS OF LEARNING FOREIGN LANGUAGES

Annotation. In this article, the author considers the proposed skills as the development of linguistic, lexical, phonetic, grammatical skills, as well as their use in oral and written speech. Variety of topics, texts, problems for the development of all types of verbal creativity, the development of skills of speech culture and their use in a foreign language.

Key words: linguistic, lexical, phonetic, grammatical, oral speech, topics, texts

ИЛМҲОИ ТЕХНИКӢ – ТЕХНИЧЕСКИЕ НАУКИ

ДАСТГОҲҲО ВА МОШИНҲО БАРОИ КАЛИБРКУНОНӢ ВА БА НАВЪҲО ҶУДОКУНИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Шоев А.Н., Исоев У.П., Усмонов С. Д.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб

Асоси калибркунонӣ ва ба навъҳо ҷудо кардани ашёи хоми хоҷагии қишлоқ фарқи хосиятҳои технологии онҳо мебошад. Инак, ҳангоми пухта расидани нахуди сабз, ҷуворимакка, тарбуз ва ғайра зичии онхо тағйир меёбад. Ин хосияти сабзавот ҳангоми ба навъҳо ҷудо кардан дар классификаторҳои гидравликӣ ҳалкунанда мебошад.

Дар вақти ба навъҳо ҷудо кардан ва андоза кардани омехтаҳои ғалла фарқи зарибҳои соиш ва чандирии он ба назар гирифта мешавад.

Ҳамзамон бо навъбандӣ азназаргузаронии ашёи хом гузаронида мешавад, ки дар рафти он намунаҳои ноқис (пӯсида, вайроншуда, шикаста, қолаб, ифлосшуда), ифлосиҳо ва ашёҳо тоза карда мешаванд ва қитъаҳои вайроншуда бурида мешаванд.

Принсипи кори бисёре аз мошинҳои калибрченкунӣ ба ҳаракати маҳсулоти калибркунонида шуда дар қад-қади тарқишҳои буриши тағйирёбанда асос ёфтааст ва қарорҳои тарҳрезии ин идея хеле гуногунанд:

- роҳи осонтарин он аст, ки маҳсулот оҳиста дар қад-қади ҷумбонии ларзиши моил бо сӯрохиҳои буриши тағйирёбанда ҳаракат мекунад. Бо каме тағйир додани ин ҳалли, яъне устувонаи силиндриро аз торчаи буриши тагйирёбанда сохта, ба он харакати гардиш дода, ба мошини андозагири устувона мерасад;

•роҳи дигар – ковоки статсионарии буриши тағйирёбанда; махсулот бо он ҳаракат мекунад. Дар мошинхое, ки ин идея дар онҳо амалӣ мегардад, фосила аз тарафи узвҳои кории дугона кор карда мешавад ва ба мавқеи нисбии онҳо вобаста аст. Ин мошинҳо аз рӯйи намуди дастгоҳи калибрченкунӣ фарқ мекунанд.

Таҷҳизоти калибркунонии танобӣ аз ду кабели ҳаракаткунандаи ғайримустақил иборат аст. Маҳсулот бо шарти S > г ба конвейер меафтад, ки дар он S масофаи байни танобхо; d диаметри мева аст. Мошини андозагирии танобӣ шаш ҷуфт таноб дорад.

Дастгоҳи калибркунонии винтӣ аз ду винти ба самти муқобил даврзананда иборат аст, ки баландии доимӣ ва диаметри камшаванда доранд. Тарқиш дар шакли маҷмӯи сатҳҳои сферикии радиуси афзоянда ба ориентатсияи маҳсулоти сферикӣ мусоидат мекунад.

Дастгоҳи калибркунонии зинадор аз ду ғилдираки муқобил гардишкунанда иборат аст. Барои таъмин намудани ҳаракати пешравандаи маҳсулоти калибркунонӣ шаванда, роликҳоро метавон дар кунҷи то 15^0 моил карда шавад. Маҷмӯа, ки аз панҷ ҷуфт роликҳои зинадор ё винтӣ иборат аст, ба имкон медиҳад, ки меваю сабзавоти шакл ва ҳаҷмҳои гуногунро калибркунонида шаванд.

Таҷҳизоти калибркунонии махрутӣ аз ду ғилдираки махрутии ҳамвор иборат аст, ки ба сӯйи ҳамдигар давр мезананд. Таъсири андозагириро ду ролики махрутӣ ба даст овардан мумкин аст, ки масофаи байни онҳо доимо меафзояд. Пай дар пай насб кардани дастгоҳҳои калибркунонӣ имкон медиҳад, ки дар ду андоза калибркунонида шавад: ғафсӣ ва дарозӣ, ки ҳангоми андозагирии бодиринг зарур аст.

Дар дастгоҳҳои калибркунонии ғалтакӣ – тасмагӣ сӯрох дар байни ғалтаки даврзанандаи параллел ва конве.ери тасмаи моил васлшаванда

ташкил карда мешавад. Он аз ғалтаки зинадор дар атрофи меҳвар давр мезанад ва конвейери тасма, ки таҳти кунҷи 35^0 ба он ҷойгир аст, иборат аст.

Дар дастгоҳҳои калибркунонии ғилдиракӣ сурохӣ дар байни ду ғилдираки даврзанандае, ки дар баробари васлшуда ҷойгир шудаанд, ҷойгир мешавад.

Таҷҳизоти калибркунонии тасмагӣ конвейерҳои тасмагӣ мебошанд, ки дар як кунҷ бо сӯрохиҳои диаметрашон гуногун васл карда шудаанд. Маҳсулоте, ки ба конвейер ба сӯрохиҳои диаметраш ворид мешавад, ба се гурӯҳ тақсим мешавад. Ба ҷои тасма, торҳои ларзиш ё тори ягонаро истифода бурдан мумкин аст, ки бари он ба қитъаҳо бо тарқишҳои гуногун тақсим карда шудааст.

Мошинхои роликдору тасмагӣ дар саноати хурокворӣ бештар истифода мешаванд. Онҳо барои андозаи меваҳои куракшакл (себ, олу, зардолу, шафтолу, помидор ва пиёз) истифода мешаванд. Аз сабаби майли лента меваҳо дар як қатор ба фосилаи байни ролик печида, ба воситаи конвейер дар қад-қади тарқиш, ки аз ҳисоби ролики зинадор васеъ мешавад, бурда мешавад. Баробари васеъ шудани тарқиш, маҳсулот ба яке аз цехҳо меафтад. Дар он миз бо қисмҳо тақсим карда мешавад.

Дастгоҳҳои калибркунонии ларзанда барои калибркунонии картошка ва дигар меваҳои сахт истифода мешаванд.

Принсипи кори ин дастгоҳҳо ба аз ҷӯшон кардани меваҳо тавассути сӯрохиҳои ҷумбонидан асос ёфтааст, ки ҳаракати ларзишро ба вуҷуд меоранд.

Мошинҳои калибркунонии устувонагӣ аз устувонаҳое иборат мебошанд, ки дар рӯйи он сӯрохиҳо доранд. Меҳвари устувонаҳоро ба уфуқӣ кардан мумкин аст ва дар дохили он равонкунандаи винтӣ кафшер карда мешавад, то ки маҳсулот ба силиндри сеткагӣ баробар

тақсим карда шавад. Сатҳи он ба қитъаҳо тақсим карда мешавад, ки сӯрохиҳои шаклҳои гуногун (даврагӣ, байзавӣ) ва андозаҳои афзоишёбанда доранд. Мева ба сӯрохиҳои устувона меафтад ва ба новаи ҷамъоварӣ меафтад ва сипас барои коркарди минбаъда гирифта мешавад. Меваҳои калонтар ба устувонаи навбатӣ мераванд ва ғайра.

Мошинҳои калибркунонии устувонагӣ барои ҷудо кардани сабзавот ва меваҳо (асосан онҳое, ки консентратсияи сахт доранд, ба монанди картошка) аз рӯйи ҳаҷм пешбинӣ шудаанд.

Мошинҳои гуногуни калибркунонии устувонагӣ устувонаҳои перфоративии параллел васлшаванда мебошанд, ки дар байни онҳо сатҳи ҳамвори моил мавҷуд аст. Мева ба сурохии устувона медарояд ва ба табаки ҷамъоварии дохили устувона меафтад ва сипас барои коркарди минбаъда гирифта мешавад. Меваҳои калонтар ба устувонаи навбатӣ мераванд ва ғайра.

Устувонаҳои сеткагӣ оҳиста бо басомади на бештар аз 1,2 с^(-1) гардиш мекунанд.

Аммо аз сабаби зарари калон будани маҳсулот, мошинҳои калибркунонии устувонагиро барои меваҳои дорои сохтори нарм ва нозук (олуча, олу, помидор ва ғайра) истифода бурдан мумкин нест.

Таҷҳизоти калибркунии дискӣ аз диски даврзанандаи танагӣ ва қабурғаҳои дарози дар болои диск ҷойгиршуда иборат аст, ки онҳо сӯрохиҳои диаметри d_1, d_2 ва d_3 –ро ташкил медиҳанд. Андозаҳои сӯрохиҳоро тавассути тағйир додани мавқеи қабурғаҳо дар болои сатҳи диск танзим кардан мумкин аст.

Мевае, ки дар зери таъсири қувваҳои ҷозиба ва марказгурези ҳангоми даврзании диск ба вуҷуд омада, ба рӯи диск меафтад, ба сӯрохиҳои байни қабурға ва сатҳи диск тела дода мешавад.

Дар мошинҳои вазнкашӣ дастгоҳи калибркунонӣ аз косаи қабулкунанда ва механизми баркашӣ иборат аст.

Вобаста ба принципи кори дастгохи вазнкашии мошинҳои калибркунонӣ ба ду намуд таксим мешаванд.

Дар дастгоҳҳои навъи якум коса ба конвейери дузанҷира баста мешавад. Қад-қади конвейер асбобхои тарозуи доимӣ дар шакли ду фишанги китф, ки дар як тараф бор ва дар тарафи дигар корд доранд, гузошта мешаванд. Ҳангоми ҳаракати ангушти такягии косаҳо дар баробари роҳнамо ҳаракат мекунад. Кордҳои дастгоҳи тарозукашӣ дар танаффусҳои роҳнамо ҷойгир карда мешаванд. Агар моменти кувваи ба вучуд овардани коса бо мева аз лаҳзаи бор зиёд бошад, корд бо ангушт поён меафтад, коса чаппа мешавад ва мева ба кабулкунанда меафтад.

Дар мошинҳои навъи дуюм тарозу ва коса ба як агрегати харакаткунанда муттахид карда мешаванд, ки дар шакли бозуи фишангӣ сохта шудаанд. Сарбории дастури собит қад-қади фишанг ҳаракат карда, як лаҳзаи мувозинати тағйирёбандаро ба вуҷуд меорад ва ҳангоми расидан ба таносуби муайян коса чаппа мешавад, мева ба табақа меафтад. Ҷӯйборҳо барои маҳсулоти калибршуда дар баробари дастури собит насб карда мешаванд.

Кунҷи ҷойгиршавии роҳнамо аз ҳисоби $\alpha = arctg\ a / L$ муайян карда мешавад, ки дар он L аз шумораи фраксияҳое, ки меваҳо бояд ба онҳо тақсим карда шаванд, вобаста аст.

Дар натичаи истифода бурдани калибркунандаҳо маҳсулнокӣ баланд шуда, муштаракии ба навъхо чудо кардани ашьёи хом ба даст оварда мешавад.

Дастгоҳҳои калибркунандаи вазнӣ барои андозагирии меваҳои ҳама гуна шакли геометрӣ мувофиқанд: ҳамвор, мудаввар, сферикӣ ва дароз.

Адабиёт:

1. Авдеев, Н.Е. Центробежные сепараторы для зерна / Н.Е. Авдеев. -М.: Колос, 1975. - 151 с.
2. Бурков, А.И. Зерноочистительные машины. Конструкция, исследование расчѐт и испытание / А.И. Бурков, Н.П. Сычугов. - Киров: НИИСХ Северо-Востока, 2000. - 261 с.
3. Карпов, Б.А. Технология послеуборочной обработки и хранения зерна / Б.А. Карпов. - М.: Агропромиздат, 1987. - 288 с.
4. Справочник конструктора сельскохозяйственных машин / под ред. Клецкина, Т.2. – М.: Машиностроение, 1967. – 830 с.
5. Справочник конструктора сельскохозяйственных машин / под ред. Клецкина, Т.3. – М.: Машиностроение, 1968. – 743 с.
6. Колчин, Н.Н. Комплексы машин для послеуборочной обработки кар-тофеля и овощей /Н.Н. Колчин. – М.: Машиностроение, 1982. – 268с.
7. Листопад, Г.Е. Сельскохозяйственные и мелиоративные машины / Г. Е. Листопад, Г.К. Демидова, Б.Д. Зонов – М.: Агропромиздат, 1986. 688 с.
8. Сычугов, Н.П. Механизация послеуборочной обработки зерна и семян трав / Н.П. Сычугов, Ю.В. Сычугов, В.И. Исупов. - Киров: ФГУИПП «Вятка», 2003. - 368 с..

ДАСТГОҲҲО ВА МОШИНҲО БАРОИ КАЛИБРКУНОНӢ ВА БА НАВЪҲО ҶУДОКУНИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи моҳият ва асоси калибркунонӣ, ба навъҳо ҷудо намудани ашёи хоми хоҷагии қишлоқ ва хосиятҳои технологии онҳо мухтасар маълумот дода мешавад.

Калидвожаҳо: калибр, махсулотхои хочагии кишлок,таҷҳизоти калибркунонии танобӣ ва калибркунонии махрутӣ, дастгоҳҳои навъи якум коса ва конвейер, мошинҳои навъи дуюм тарозу ва коса.

МАШИНЫ - АППАРАТЫ ДЛЯ КАЛИБРОВАНИИ И КЛАССИФИКАЦИИ СЕЛЬХОЗЯЙСТВЕННЫХ ТОВАРОВ

Аннотация. В данном статьи речь идёт о сущность и основы калибровании, классификации сырьёвой заготовки сельхозяйственной товары и технологические их свойства.

Ключевые слова: калибр, сельхозяйственные продукции, верёвочные и конусное калибровочные оснастки, аппарат 1-го типа чаша и конвейер, аппарат 2-го типа весы и чаша.

MACHINES - APPARATUS FOR CALIBRATION AND CLASSIFICATIONS AGRICULTURAL PRODUCTS

Annotation. This article deals with brief information about the essence and basis of calibration, classification of raw materials for agricultural products and their technological properties.

Key words: caliber, agricultural products, rope and cone sizing equipment, apparatus of the 1st type bowl and conveyor, apparatus of the 2nd type scales and bowl.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Шоев А.Н. н.ит., дотсент**, Исоев У.П.-** н.ит., дотсент, **Усмонов С. Д.-**муаллими калони кафедраи мошинхо,тачхизотхои технологи ва стандартизатсияи ДТМИК.

ХОСИЯТҲО ВА КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ БЕБОФТ АЗ ПАРТОВҲОИ АШЁИ ХОМИ ПАХТА ВА ПАШМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ганҷалов Р. М.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб

М а с о л е ҳ и н о б о ф т а газворест, ки аз ресмонҳо ё бевосита аз наххо бе истифода аз равандҳои бофтану кешбофӣ ҳосил мешавад. Асоси истеҳсолоти масолеҳи нобофтаро технологияҳои маҳсулнокияшон баланди механикӣ, физикӣ-кимиёвӣ ва омехта ташкил мекунанд. М а с н у о т и н а м а д и н низ масолеҳи нобофта буда, дар натиҷаи бо ҳам часпидану печидани наххои пашм ба вуҷуд меояд.

Сохт ва хосиятҳои кимиёии нахи пахта

Нахи пахта дар зери микроскоп намуди найчаи печхурдаи пачақшударо дорад. Дар дохили он канал мавҷуд аст. Шакли буриши кундалангӣ, печтобдорӣ, бари канали дохилӣ ва ғафсии деворахои нах аз дарачаи пухтагии нах вобастаанд. Пас аз оне, ки нахро аз сатҳи чигит мекананд, протоплазмаи дохили канал тадриҷан хушк мешавад. Бинобар ин пачақшавии нах ба вуҷуд меояд. Дар деворахои нах фибриллҳои селлюлоза қабат-қабат аз рӯи хати печдор мехобанд. Аз ҳамин сабаб нах дар атрофи тири арзии худ тобхӯрда аст. Печутобхурии мунтазам нишондиҳандаи баланд будани сифати нах аст [1].

Ҳангоми коркард ва истифодабари нахи пахта, ба таъсири омилҳои гуногуне дучор мегардад, ки ба устувории маснуот нисбати соиш таъсир мерасонанд. Бинобар ин коркарди нах бояд чунон сурат гирад, ки ба вайроншавии селлюлоза оварда нарасонад [2].

Устувории нахи пахта ба таъсири маҳлули тезобҳо нисбатан паст аст. Таъсири тезоб аз намуду дараҷаи иллати он ва давомнокии вақти коркарди нах вобаста аст. Истифодаи тезобҳо имкон медиҳад, ки селлюлозаи дигаргуншудаи барои саноат зарур ва гидратселлюлоза ҳосил карда шаванд. Он омехтаи мураккаби пайвастагиҳоест, ки қобилияти баланди барқароршавиро доранд. Дар зери таъсири тезоб мустаҳкамии нах ва дараҷаи полимеризатсияи селлюлоза паст мешаванд, нах соҳиби қобилияти баланди ҳалшавӣ дар ишкорҳо мегардад [3].

Намудҳои пашм

Пашм гуфта, мӯи бадани ҳайвоноти гуногун, ки қобилияти ресидашавӣ ва намадмолӣ дорад, номида мешавад.

Пашмҳо манбаи пайдоиш ва тарзи гирифташон мухталиф ба намудҳо тақсим мешаванд. Пашми намудаш муайян аломатҳо ва хосиятҳои ба худ хосро дорад. Пашми табиӣ ва пашми аз пӯст гирифташударо фарқ мекунанд. Ду намуди п а ш м и т а б и ӣ, ки манбаи пайдоиши онро ҳайвоноти зинда ташкил мекунад, мавҷуд аст: тулакшуда ва қайчитарош. П а ш м и т у л а к ш у д а дар давраи тулаккунии (муйпартоии) ҳайвонот бо истифода аз шона гирифта мешавад [4].

Пашми аз пӯст гирифташударо аз ҳайвоноти бечон гирифта мегиранд. Он намудҳои зерин дорад: қайчитарош, тарошида, фабрикавb, гусфандтарош. Пашми қ а й ч и т а р о ш р о ба воситаи қайчӣ аз сатҳи пусти ҳайвони кушташуда мегиранд. Агар пашмро аз сатҳи пусти ҳайвони кушташуда ба воситаи теғ гиранд, он т е ғ т а р о ш ном дорад. П а ш м и ф а б р и к а в и р о дар заводҳои чармгарӣ, дар натиҷаи бо моддаҳои кимиёви коркард намудани пуст ҳосил мекунанд. Пашме, ки аз ҳайвонҳои ҳалокшуда (бинобар касалиҳои ғайрисироятӣ) гирифта мешавад, п а ш м и

г ӯ с ф а н д т а р о ш ном дорад [5]. Пашмро аз гӯсфанд, буз, гов, асп, оҳу ва баъзе ҳайвонҳои дигар мегиранд. Ба сифати манбаи пайдоиши тибит харгуш, заргуш ва буз хизмат мекунанд. Асоси ашёи хоми саноати пашмбофиро п а ш м и г ӯ с ф а н д ташкил мекунад. Он хосиятҳои хуби истеъмолӣ дошта, барои истеҳсоли маснуоти нассоҷии гуногун васеъ истифода мешавад. П а ш м и б у з р о тибит ва нахи шук ташкил мекунанд. Тибит, ки борик, сабук, мулоим, абрешиммонанд ва ҷилодор аст, ба воситаи шона гирифта мешавад. Пашми шукро бо қайчӣ метарошанд. Вобаста ба зот бузҳо пашмдиҳанда, тибитдиҳанда ва хонагӣ мешаванд [6]. Пашми буз якҷинсаю гуногунтаркиб шуда метавонад. Пашми якҷинсаро аз бузҳои ангорию дурагаҳои онҳо мегиранд. Чунин пашм м о х е р ном дошта, барои истеҳсоли матоъҳои руйкашу ороишӣ, плюш (махмали дарозпат), қолинҳо ва матоъҳои кешбофишуда истифода мешавад. Аз пашми гуногунтаркиби бузҳо матоъҳои дурушт ва намадҳо истеҳсол мекунанд. Тибити буз, ки мулоим, мустаҳкам ва сабук буда, гармигузаронии паст ва қобилияти хуби намадмолишавиро дорад, барои истеҳсоли либоси болопуши кешбофишуда, руймолҳои тибит, гарданпеч ва фетр (намади тунуки нафис) истифода мешавад [7].

П а ш м и у ш т у р , агар ҳангоми тулаккунӣ аз уштурҳои айлоқӣ гирифта шуда бошад, т а й л а к ном дошта, асосан аз тибит иборат аст. Тайлак мулоиму кӯтоҳ буда, барои истеҳсоли либосҳои варзишии кешбофишуда, руймолҳо, гарданпечҳо ва ғ. истифода мешавад.Пашми уштурони боркаш аз наҳҳои дурушти шук иборат аст. Дар он қабзаҳои часпидаи молидашуда, гард ва рег бисёр вомехуранд. Лекин чунин пашм чандир ва хеле мустаҳкам мебошад. Онро дар омехтагӣ бо пашми гӯсфанд мересанд ва аз ин ресмон кампалҳо, маснуоти кешбофишуда ва тасмаҳои нақлдиҳанда ҳосил мекунанд [8]. Ёли уштур, ки дарозиаш ба 16-30 см мерасад, масолеҳи қиматбаҳо

мебошад. Он барои истеҳсоли матоъҳои техникӣ ва тасмаҳои нақлдиҳанда истифода мешавад. Аз пашми буз ва биқини уштур кампал, қолин ва моҳути дурушт истеҳсол мекунанд. Пашми оҳу, асп ва гов дар истеҳсолоти нассоҷӣ кам истифода мешавад. Аз чунин пашм намад ҳосил мекунанд.

Сохти нахи пашм

Нахи пашм, аз ҳучайраҳои микроскопии гуногунҷинс иборат аст. Вобаста ба сохт, шакл ва ҷойгиршавӣ ин ҳучайрахо се қабатро ташкил мекунанд пулакчадор 1, қишр (пуст) 2 ва узак (дилла) 3. Қабати пулакчадор: сатҳи берунаи нахро ба вуҷуд меорад. Он аз ҳуҷайраҳои шохшуда иборат аст. Ин ҳучайраҳо дар нахи шук намуди сафолҳои бомпушро дошта, дар тибит муддавару ҳалқашакланд. Канори болоии ҳар як пулакча дар болои канори поёнии пулакчаи дар боло ҷойгиршуда мехобанд [9].

Хосиятхои кимиёвии пашм

Муносибат нисбати тезобҳо ва ишқорхо. Аз руи сохти кимиёвӣ пашм ба қатори сафедаҳо дохил аст. Асоси пашмро полимери кератин ташкил мекунад. Дар таркиби кератин карбон, оксиген, нитроген, гидроген, сулфур ва оксидҳои калий, натрий ва алюминий мавҷуданд. Маҳлулҳои пасти тезобҳо дар шароити ҳарорати муқаррарӣ ва таъсири кутоҳмуддат ба пашм осеб намерасонанд. Азбаски маҳлулҳои пасти тезобҳои ғайриорганикӣ (сулфат, хлорид) ва органикӣ (атсетат, формиат) пашмро вайрон намекунанд, аз онҳо барои аз таркиби пашм дур намудани омехтаҳои растанидор истифода мебаранд. Ишкорҳои баландғилзат пашмро вайрон мекунанд. Таъсири ишқорхои паст ба вайроншавии нахи пашм оварда намерасонад, аммо хосиятхои механикии онро (мустаҳкамӣ, чандирият, ёзишнокӣ) хеле паст мекунанд. Оксиди гидроген H_2O_2 ба пашм осеб намерасонад ва барои сафедкунии он истифода мешавад

[10]. Муносибат ба таъсири об: дар об пашм варам намуда, беқувват мегардад. Таъсири кутоҳмуддати оби хунук ба пашм осеб намерасонад, аммо оби гарм пашмро оҳиста-оҳиста вайрон мекунад. Барои мисол, оби ҳарорataш 80^0C ба пашм таъсири кам мерасонад, оби ҳарорataш 130^0C вайроншавии босуръати пашмро бунёд мекунад. Дар обе, ки ҳарорати 200^0C дорад, нахи пашм ба пуррагӣ ҳал мешавад. Муносибат ба таъсири ҳамҷояи рушноию ҳаво. Дар аснои истифодабарӣ маснуоти пашмин ба таъсири нурҳои офтоб, намӣ ва ҳарорат дучор мешаванд. Таъсири давомноки нурҳои офтоб ранги пашмро дигар намуда, мустаҳкамиашро паст мекунад. Баландшавии ҳарорат ва рутубати ҳаво ба вайроншавии босуръати пашм оварда мерасонад [11].

Нуқсҳо ва иллатҳои пашм

Нокисиҳои пашм гуфта, бо омехтаҳои растанигию маъданӣ ва бегона ифлосшавии онро меноманд. Аз даст додани мустаҳкамӣ, ранг ва ҷило, мавҷудияти борикиҳо, дар тарикиби худ доштани миқдори зиёди муйҳои хушк ва бечон, сабусакҳо ва ғ. иллатҳои пашм мебошанд. Нуқсҳо ва иллатҳо арзиши технологии пашмро паст мекунанд. Омехтаҳои растанигӣ, сабук ва мушкил ҷудошаванда шуда метавонанд. Коҳ, алаф, мушхораи русӣ дар натиҷаи наддофию шоназанӣ ба сабукӣ аз пашм дур карда мешаванд. Аммо ҷудокунии мушхораи аррашакл ва алафи даштии ҷоғаз дар аснои ин равандҳо номумкин аст. Барои аз масолеҳ дуркунии онҳо коркарди пашм бо маҳлули 5 %-и тезоби сулфат ба ичро мерасад, ки ин равand карбонизатсия ном дорад. Пашме, ки бо наҷосати ҳайвон ифлос гаштааст, хосиятхои пасти физикию кимиёвӣ ва ранги зард дорад. Дар таркиби пашми якҷинсаю нимборик мавҷуд будани миқдори зиёди муйҳои хушку бечон арзиши масолеҳро паст мекунад. Ғизодиҳии паст, нигохубини нодурусти ҳайвонот, беморшавии онҳо сабаби дар муй

пайдо шудани борикиҳо мегардад. Ин низ иллатест, ки пашмро камарзиш мегардонад. Бо ин сабаб наҳҳо дар аснои шоназанӣ мекананд ва баромади партовҳо меафзояд [12].

Низоми таснифи пашм

Вобаста ба таркиб пашмро ба ду гуруҳ таксим мекунанд: якчинса ва гуногунҷинса. Пашми я к ч и н с а р о пашми наҳҳояш якхела ташкил мекунанд. Агар наҳҳои пашм аз руи дарозӣ, ғафсӣ, печутобдорӣ ва дигар хосиятҳо фарқ кунад, он г у н о г у н ҷ и н с номида мешавад. Вобаста ба борики, пашм, маҳин, ниммаҳин, нимдурушт ва дурушт мешавад. Пашми м а ҳ и н аз тибит ва наҳҳои аз руи борикӣ, дарозӣ ва печтобдори якҷинса иборат аст. Дар таркиби пашми н и м м а ҳ и н тибит ва наҳҳои даргузар мавҷуданд. Пашми н и м д у р у ш т асосан аз тибит иборат буда, каме наҳҳои даргузар ва шук низ дорад. Таркиби пашми д у р у ш т р о наҳҳои гуногун (тибит, даргузар, шук, хушк ва беҷон) ташкил мекунанд. Пашмҳои нимдурушт ва дурушт якҷинса ё гуногунҷинса шуда метавонанд. Вобаста ба айёми тарошидан пашм: баҳорӣ, тирамохӣ, аз барра ва яккатарош мешавад. П а ш м и б а ҳ о р ӣ дар намуди рунои яклухт гирифта шуда, барои саноати пашмбофӣ пуразриш аст. Пашми гуногунҷинси баҳорӣ дар муқоиса бо чунин пашми тирамоҳи бештар наҳҳои тибит дорад ва бинобар ин ҳангоми дастрасони мулоимтар мебошад. Наҳҳои он дарозтар низ мебошанд [13]. П а ш м и т и р а м о ҳ ӣ нимдурушт ё дурушт буда, руно ташкил намекунад. Дар он тибити дуруштшуда ва наҳҳои шуки кӯтоҳ мавҷуданд. Наҳҳо қобилияти баланди намадмолишавӣ, миқдори ками омехтаи равғану оби ихроҷшудаи бадан дошта, печиши байниҳам-дигарии онҳо дар дастаҳо кам аст. Ин хусусиятҳо мусбатанд. Пашми тирамоҳӣ дар истеҳсолоти намадмолӣ васеъ ва барои ҳосилкунии ресмонҳои дурушти моҳутбоб истифода мешавад. П а ш м и б а р р а – пашмест, ки аз баррахои 4-7 моҳа гирифта

мешавад. Он руно ҳосил намекунад. Он нисбати пашми гӯсфандон бориктар, мулоимтар, буда дар он ифлосиҳо ва омехтаи равғану оби ихроҷшудаи бадан камтаранд. Он барои истеҳсолоти намадмолӣ пешбинӣ шудааст [14]. Пашми яккатарош гуногунҷинси дурушт ё нимдурушт буда, баҳорон гирифта мешавад. Он ашё барои истеҳсолоти қолинбофӣ мебошад. Пашми рунобоб аз қучқоракҳою дастаҳои бо ҳам пайваст иборат аст. Пашми порагиро қабзаҳои массашон то 100 г (пашми гуногунҷинс) ё то 150 г (пашми якҷинса) ташкил мекунанд. Рунои бесинфи пашмаш якҷинса дорои пашми чидагирифта, меи пой ва тапакпашм мебошад. Рунои бесинфи пашмаш гуногунҷинс аз қитъаҳо ва тапакпашм иборат аст [15].

Хулоса. Нахи пашм, аз ҳучайраҳои микроскопии гуногунҷинс иборат аст. Вобаста ба сохт, шакл ва ҷойгиршавӣ ин ҳучайраҳо се қабатро ташкил мекунанд пулакчадор 1, қишр (пуст) 2 ва узак (дилла) 3.


- саривақт огоҳ намудан оид ба тамоилот – дар назар аст, ки ахбор оид ба тамоилоти ошкоршуда бояд дар муҳлати кӯтоҳтарин ба шахсони қабулкунандаи қарорҳои идоракунӣ пешниҳод карда шавад;

- бонизомӣ – ҳангоми ба ҷо овардани назорат ҳама ҷиҳатҳои фаъолият пурра дар алоқамандӣ баррасӣ мешаванд;

- тақсими уҳдадориҳо – тақсим кардани вазифаҳои назоратӣ дар байни кормандони ташкилоти аудиторӣ; - риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ – такя намудан ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби касбии аудиторҳо (бо Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2001, № 69 қабул шудааст).

Татбиқи мушаххас ва муҳтавои амалҳои назорати сифат дар сатҳи ташкилоти аудиторӣ аз омилҳои гуногун (ҳаҷм ва хосияти фаъолияти ташкилоти аудиторӣ, сохтори вазифавӣ-ташкилии он, таносуби масрафҳо ва манфиатҳо ҳангоми корбурди амалҳои низоми назорати дохилии сифат), ки дар ташкилотҳои аудитории гуногун ҳархела мебошанд, вобаста аст.

Муҳтавои мафҳуми сифатро дар аудит наметавон бе баррасии объекти аудит – ҳисоботи молиявӣ баррасӣ намуд. Дар интишороти илмии муосири соҳаи баҳисобгирӣ мафҳумҳои “сифати баҳисобгирии муҳосибӣ” ва “сифати ҳисоботи молиявӣ” моҳиятан таҳқиқ нашудаанд, гарчанде мутахассисони соҳа масъалаи аз чӣ иборат будани сифати кори муҳосиби касбиро борҳо бардоштаанд. Ғояҳои мавҷудбудаи сифат имкон медиҳанд, ки он масъалаҳое ба музокира бардошта шаванд, ки посух ба онҳо барои муайян кардани сифат дар баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат намояд, сифати ахбори муҳосибӣ (молиявӣ) чиро ифода мекунад ва чӣ гуна ҳисоботро метавон босифат ҳисобид.

Барои дарк намудани моҳияти сифати баҳисобгирии муҳосибӣ ва сифати ҳисоботи молиявӣ донистан зарур аст, ки истеъмолкунандаи ахбори дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бунёдшаванда кист. Албатта, ахбори ниҳоии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар шакли

ҳисоботи молиявӣ бунёд карда мешавад, пеш аз ҳама ба соҳибмулкони субъекти хоҷагидорӣ, сармоягузорон, кредиторҳо ва дигар ҷонибҳои манфиатдор нигаронида шудааст.

Азбаски аудит ин санҷиши дурустии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявии корхонаҳо, соҳибкорони инфиродӣ ва муассисаҳои давлатӣ (буҷетӣ) мебошад [6, с. 29], пас ҳангоми шарҳ додани сифати аудит мебояд дараҷаи қонеъгардонии талаботи истифодабарандагон (истеъмолкунандагон)-и ин гуна ҳисоботи молиявӣ ба инобат гирифта шавад. Роҳбари субъекти хоҷагидорӣ ё соҳибмулки он тибқи қонунгузории граждани бо аудитор (ташкилоти аудиторӣ) шартнома барои гузаронидани аудит мебандад. Дар ин гуна шартнома иҷрои дигар хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи аудит (тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, барқарор кардани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, маслиҳатдиҳӣ доир ба масъалаҳои андозбандӣ ва дигарҳо) низ оварда мешаванд.

Барои ба ҷо овардани хизматрасониҳои аудиторӣ тибқи қонунгузории граждани ва стандартҳои аудит шартнома барои хизматрасониҳои аудиторӣ баста мешавад. Хусусияти хоси супориш оид ба аудити ҳисоботи молиявӣ дар он ифода меёбад, ки бо вуҷуди бастани шартнома дар байни ду ҷониб – фармоишгар (субъекти хоҷагидорӣ) ва иҷрокунанда (аудитори инфиродӣ ё ташкилоти аудиторӣ), вай ҳамзамон хосияти оммавӣ будан дорад. Хосияти оммавӣ будани шартнома барои гузаронидани аудит дар он ифода меёббад, ки фармоишгар ё ташаббускори хизматрасониҳои аудиторӣ роҳбар ё соҳибмулки субъекти хоҷагидорӣ буда, гирандагони натиҷаҳои аудит – доираи номаҳдуди ҷонибҳои манфиатнок (сармоягузорони имконӣ, қарздиҳандагон, мақомоти давлатӣ ва дигарҳо) мебошанд. Ин хусусияти аудит водор менамояд, ки кори аудитор ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти на танҳо фармоишгари

расмии аудит (роҳбар ё соҳибмулки корхона), инчунин ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ахбории ҷонибҳои дигари манфиатдор нигаронида шавад. Вобаста ба ин вазъ дараҷаи масъулияти аудитор барои натиҷаҳои фаъолияти касбии худ мутаносибан бо дараҷаи оммавӣ будани натиҷаҳои хизматрасониҳои аудиторӣ афзӯн мешавад. Аз ин ҷост, ки ҳангоми баҳо додани сифати хизматрасониҳои аудиторӣ бояд дараҷаи қонеъгардии талаботи ахбории ҳам фармоишгар ва ҳам ҷонибҳои аз субъекти хоҷагидорӣ манфиатдор ба инобат гирифта шаванд.

Хосияти муҳими дигари хизматрасониҳои аудиторӣ имкони ҳамзамон бо гузаронидани худи аудит ба ҷо овардани чанде хизматрасониҳои дигари бо фаъолияти аудиторӣ наздик – хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи аудит мебошад. Ин хусусият барои баландбардории сифат ва рақобатпазирии фаъолияти аудиторҳо мусоидат менамояд. Масалан, ҳангоми гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ аудитор ба кормандони муҳосиботи фармоишгари аудит оид ба қоидаҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории амалкунанда маслиҳатҳо медиҳад. Аудитор тибқи шартнома ва стандартҳои аудит водор аст, ки ба мизоҷ оид ба ислоҳдарорӣ ба ҳисоботи молиявӣ ва методикаи чунин ислоҳдарорӣ тавсияҳо диҳад. Ғайр аз ин, аудиторҳои дар самти мушаххаси санҷиш коркунанда бо муҳосибони самти мазкури баҳисобгирӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда, ҳамзамон бо гузаронидани санҷиши аудиторӣ оид ба масъалаҳои бамиёномада ва ҳамроҳикунанда (ҳуқуқӣ, андозбандӣ, молиявӣ, технологияҳои муҳосибӣ) маслиҳатҳо медиҳанд. Аз ин ҷост, ки хизматрасонӣ оид ба гузаронидани аудит худ хосияти маҷмӯӣ дорад. Вале ба ҷо овардани дигар хизматрасониҳои алоқаманд бо фаъолияти аудиторӣ дар маҷмуъ

бо хизматрасониҳои аудиторӣ танҳо ба шарте имконпазир аст, ки ба ҷо овардани дигар хизматрасониҳо ба пайдо шудани ихтилофи назарҳо намеорад ва ба пайдо шудани чунин ихтилоф замина намегузорад. Масалан, ин гуна ихтилофи назар метавонад дар мавриде пайдо шавад, ки як аудитор (ташкилоти аудиторӣ) дар асоси шартнома аудити ҳисоботи молиявии субъекти хоҷагидориро гузаронида, ҳамчунин хизматрасониҳои ҳамроҳикунанда – барқарор намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, пешбурди баҳисобгирии мукҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявии ҳамин субъектро ба ҷо меорад. Тибқи қоидаҳои одоби аудитор ин гуна хизматрасониҳои ҳамроҳикунанда бо фаъолияти асосии аудитор – гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ ҳамҷоя буда наметавонанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳамҷоянопазирии ин гуна хизматрасониҳо бо фаъолияти асосии аудиторӣ ишорат мекунад. Тавре сархати 3, қисми 1 моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” муқаррар менамояд, агар ташкилоти аудиторӣ ё аудитори инфиродӣ дар давоми ду соли бевосита аз давраи ба аудит фарогирифташаванда пешбуда барои субъекти хоҷагидории аудитшаванда хизматрасониҳои касбии иловагиро ба ҷо оварда бошад (чун ташкил, барқарорсозӣ ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, маслиҳатдиҳии муҳосибӣ, хизматрасониҳо оид ба аудити дохилӣ ва ба ҳамин монандҳо), пас вай наметавонад аудити ҳисоботи молиявии ин гуна субъектро ба ҷо орад.

Адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” аз 22 июли соли 2013, № 993 [Сарчашмаи электронӣ] / URL: http://mmk.tjj/content/

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” аз 22 июли соли 2013, № 993 [Сарчашмаи электронӣ] / URL: http://mmk.tjj/content/

3. Багров, Е.Г. Перспективы развития контроля качества аудиторской деятельности [Текст] / Е.Г. Багров // Учет и статистика. - 2005. - № 7. - С. 92-97.

4. Тоҳирова, Р.С. Аудит. Учебник. [Матн] / Р.С. Тоҳирова. - Душанбе: Ирфон, 2018. - 582 с.

5. Международный стандарт аудита 1 “Контроль качества в аудиторских организациях, проводящих аудит и обзорные проверки финансовой отчетности, а также выполняющих прочие задания, обеспечивающие уверенность, и задания по оказанию сопутствующих услуг» [Электронный ресурс] / URL: https://www.k-audit.ru/terms/audit/msa_1

6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Матн] / Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 2 / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. (нашри дувум). - Душанбе, 2010. - 29 с

7. Фабисович, Н.В. Институциональные аспекты обеспечения качества аудита [Текст] / Дисс. на соис. уч. степ. канд. экон. наук / Н.В. Фабисович. – Москва, 2011. - 184 с.

8. Филобокова, Л.Ю. Качество аудиторской деятельности: сущность, подходы к оценке [Текст] / Л.Ю. Филобокова // Аудиторские ведомости. - 2009. - № 6. - С. 79-85

9. Хахонова, Н.Н., Богатая, И.Н. Аудит. Учебник [Текст] / Н.Н. Хахонова, И.Н. Богатая. - М.: Кнорус, 2016. - 720 с.

ФАЪОЛИЯТИ СТАНДАРТҲОИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ВА ТАЛАБОТИ КОДЕКСИ ОДОБИ КАСБИИ АУДИТОРҲО

Аннотатсия. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон тасдиқ кард, ки алоқамандии байни сифати аудит ва сифати ахбори дар ҳисоботи молиявии санҷидашаванда овардашуда возеҳ аст. Аудит босифат ҳисобида намешавад, агар ҳисоботи молиявии субъекти хоҷагидорӣ ахбори носаҳеҳ (бесифат)-ро дар бар гирифта бошад. Ҳамзамон, санҷиши аудитории бесифат гузаронидашуда боварии иштирокчиёни бозорро ба ҳисоботи молиявӣ ва низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибии субъекти хоҷагидории аудитшаванда коста менамояд.

Калидвожаҳо: хизматрасониҳои аудиторӣ, назорати фаъолияти аудиторӣ, ташкилоти аудиторӣ, аудиторҳои инфиродӣ, сифати хизматрасонии аудиторӣ, стандартҳои фаъолияти аудиторӣ, назорати дохилии сифати аудит, назорати берунии сифати аудит, арзёбии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ.

ДЕЙСТВИЕ СТАНДАРТОВ ВНУТРЕННЕГО АУДИТА И ТРЕБОВАНИЙ КОДЕКСА ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ЭТИКИ АУДИТОРОВ

Анотатция. На основании вышеизложенного можно подтвердить, что взаимосвязь между качеством аудита и качеством информации, представленной в проверенной финансовой отчетности, очевидна. Аудит не считается качественным, если финансовая отчетность хозяйствующего субъекта содержит недостоверную информацию. В то же время некачественный аудит подрывает доверие участников рынка к финансовой отчетности и системе бухгалтерского учета аудируемого субъекта хозяйствования.

Ключевые слова: аудиторские услуги, контроль аудиторской деятельности, аудиторская организация, индивидуальный аудитор, качества аудиторских услуг, стандарты аудиторской деятельности,

внутренний контроль качества аудита, внешний контроль качества аудита, оценка качества аудиторских услуг.

OPERATION OF INTERNAL AUDIT STANDARDS AND REQUIREMENTS OF THE CODE OF PROFESSIONAL ETHICS OF AUDITORS

Annotation. Based on the above, it can be confirmed that the relationship between the quality of the audit and the quality of the information presented in the audited financial statements is clear. An audit is not considered qualitative if the financial statements of the business entity contain inaccurate information. At the same time, a poor quality audit undermines the confidence of market participants in the financial statements and the accounting system of the audited business entity.

Key words: audit services, control of audit activities, audit organization, individual auditor, quality of audit services, standards of audit activities, internal control of audit quality, external control of audit quality, assessment of the quality of audit services.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Гуломов Зикрулло Тошмуродович – к.э.н., зав. кафедры инновационного и инвестиционного менеджмента ИТИМК. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, улица Борбад, Тел.: +992 902626276. E-mail: ghulomov.z@mail.ru.

Сафаров Ахлиддин Сайвалиевич – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки, ассистент кафедры менеджмента и маркетинга. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Тел.: +992 902626276. E-mail: ghulomov.z@mail.ru.

Курбонов Некруз Довудович – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки, ассистент кафедры менеджмента и маркетинга. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Тел.: +992 902626276. E-mail: ghulomov.z@mail.ru.

АФЗАЛИЯТҲОИ ДУРНАМОИ РУШДИ БОЗОРИ МОЛИЯ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН

Қурбонова Ф. А., Зокиров А. Ж.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров.

Бозорои молиявӣ дар хоҷагии миллӣ ниҳоди зарурӣ ба ҳисоб мераванд ва метавонанд дар ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба ҳамаи бахшҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт воситаи муҳим гарданд. Аз ин рӯ, мо дар ин ҷо баъзе самтҳои афзалиятноки рушди бозорҳои молиявиро дар шароити муосири Тоҷикистон ҷудо мекунем.

Аввалан, тавсеаи ҳаматарафа ва диверсификатсияи хизматҳо, ки бозорҳои молиявӣ пешкаш мекунанд. Ин нуқтаи назарро бо чанд далел асоснок мекунем:

– муносибатҳои пешгӯишавандаи иқтисодӣ байни субъектҳои бозор ба сабаби пурзӯр гардидани рақобат ва заъфпазирии соҳаи соҳибкорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ;

– афзоиши таваккалҳои молиявӣ, ки бо равандҳои ҷаҳонишавӣ алоқаманд мебошанд;

– дар субъектҳои иқтисодиёт набудани малакаҳои кофӣ дар соҳаи идоракунии молия ва унсурҳои менеҷменти молиявӣ;

– дар иқтисодиёти миллӣ мавҷуд будани норасоиҳои бозор (таваррум, бекорӣ), ки ба тез-тез такрорёбии “фурӯравии бозор” мусоидат мекунанд ва дар натиҷа зарурати муҳофизати манфиатҳои молиявии субъектҳои иқтисодиёт тақвият меёбад;

– сатҳи пасти инкишофи муносибатҳои суғуртавӣ ё мутобиқ набудани он ба шароитҳои нави бозории хоҷагидорӣ.

Дувум - аз байн бурдани вобастагии низоми молиявии Тоҷикистон аз хориҷа аст. Ин усул ба баланд бардоштани ҷаззобияти бозори молиявии Тоҷикистон дар назари сармоягузорони хориҷӣ мусоидат мекунад, дар афзоиши ҳаҷми инвеститсияҳо инъикос меёбад.

Тоҷикистон дорои иқтидори азими захираҳои табиӣ мебошад, ки алҳол ба гирдгардиши иқтисодӣ ворид нашудаанд ва барои азхудкунии онҳо ба маблағгузориҳои назаррас эҳтиёҷ дорад. Ҳамчунин вазни қиёсии нисбатан баланди пурбор набудани иқтидорҳои истеҳсолӣ боқӣ мемонад. Ҳалли масъалаҳои мазкур дар сиёсати иқтисодии давлат вазифаи афзалиятнок ба шумор меравад ва барои ин мусоидати бисёртарафаи давлатӣ талаб карда мешавад. Дар ин ҷо арзёбии объективии вазъи бозори молиявӣ талаб карда мешавад, зеро камбудии як соҳа метавонад ба дастовардҳои соҳаи дигар хатти батлон кашад.

Дар асоси додаҳои манбаъҳои расмӣ нишондиҳандаҳои рушди низоми молиявиро ҳисобу китоб мекунем.

	Нишондиҳандаҳо	**2013**	**2017**	**2018**	**Гурӯҳи мамлакатҳо бо ММД ба ҳар сари аҳолӣ***		
					Баланд	**аз миёна баланд**	**аз миёна паст**
	Маблағи қарзи дохилӣ бе қарзи байнибонкӣ (млн.сомонӣ)	7462	9267	9550	-	-	-
	Капитализатсияи бозори фондӣ	1549	2883	2446	-	-	-

	(млн.сомонӣ)						
	Рушди молиявӣ (ба %)	22,2	19,9	17,4	89,6	47,9	32,4
	Пули нақд (млн.сомонӣ)	4485	11659	12196	-	-	-
	Ӯҳдадориҳои низоми бонкӣ (млн.сомонӣ)	10063	15207	15287	-	-	-
	Умқи молиявӣ (ба %)	35,9	43,8	39,9	67%	51%	39%
	Қарздиҳӣ ба бахши хусусӣ (ба %)	17,8	13,3	12,6	53%	31%	20%
	Нақши бонкҳои тиҷоратӣ (ба %)	95,8	87,2	76,7	91%	73%	57%

Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои миқдории рушди низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Манбаъ:Муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин ҳисоб кардааст: Бюллетени омори бонкӣ – июл 2018/7 (276). – Душанбе; Бонки миллии Тоҷикистон, - 2018. - №7 (276). – саҳ. 10-17.; - саҳ. 79.; 2018. - №12 (281). – саҳ.17; - саҳ.37; - саҳ.39; - саҳ.75.; Global Financial Development Report 2017/2018: Bankers without Borders. – Washington; World Bank,2018. – P.133-137.

Нишондиҳандаи рушди молиявӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар соли охирини баррасишудаи 2018 17,4%-ро ташкил кард. Маблағи қарзи дохилӣ бидуни маблағи қарзи байнибонкӣ ва таҷаммӯи сармояи бозори фондӣ дар ҳаҷми ММД (ба %) муайян карда шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки иқтидори бахши молиявии мамлакат тавсеа ва

таъмини дарбаргирии нисбатан васеи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро тақозо мекунад, зеро дар қиёс бо дигар гурӯҳҳои мамлакатҳо, нишондиҳандаи мазкур хеле қафо мондааст.

Нишондиҳандаи дигари миқдорӣ ба ном умқи молиявӣ мебошад, ки ҳамчунин бо қиматҳои паст (39,9%) тавсиф мешавад. Қимати ин нишондиҳанда аз мамлакатҳои дорои сатҳи баланди ММД ба ҳар сари аҳолӣ бештар ба 1,7 баробар қафо мемонад. Вале ба сатҳи мамлакатҳое, ки дар онҳо ММД ба ҳар сари аҳолӣ аз миёна паст аст, мутобиқат мекунад. Вазъи нишондиҳандаи қарздиҳӣ ба бахши хусусӣ низ ҳамчунин аст. Он чун ҳиссаи қарзе, ки ба бахши хусусӣ дода шудааст, дар ҳаҷми умумии ММД муайян карда мешавад. Ин нишондиҳанда дар иқтисодиёти Тоҷикистон соли 2018 – 12,6-ро ташкил кард, ки аз сатҳи мамлакатҳои дорои даромади баланд 4,2 баробар, аз сатҳи мамлакатҳои дорои сатҳи аз миёна баланд 2,5 баробар ва аз мамлакатҳои дорои сатҳи миёнаи даромад 1,6 баробар камтар аст. Ба ибораи дигар, фаъолнокии иқтисодӣ дар бахши хусусии ҷумҳурӣ алҳол ба қадри кофӣ тараққӣ наёфтааст ё бозори молиявӣ талаботи бахши хусусиро қонеъ гардонида наметавонад ё шароитҳои мусоид ба захираҳои қарзӣ вуҷуд надорад. Ғайр аз ин бори асосии миёнаравии молиявӣ ба дӯши бонкҳо мефарояд, дар ҳоле ки ҷузъҳои дигари бозори молиявӣ дар фаъолгардонии ҷанбаи иқтисодии субъектҳои хоҷагидор нақши назаррас намебозанд.

Заъфи бозорҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки онҳо сармоягузории дарозмӯҳлатро таъмин карда наметавонанд. Дар иртибот бо ин нукта, дар марҳилаи ҷории рушд коркарди стратегияҳои дарозмӯҳлати рушди бозори молиявӣ бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ ва консепсияҳои назариявие, ки дар илми иқтисодиёт мавҷуданд, мубрамият касб мекунад.

Дар марҳилаи ҷории рушди Тоҷикистон дар соҳаи бозорҳои молиявӣ масъалаҳои зерин масъалаҳои ҳалталаб ба шумор мераванд:

– нарасидани захираҳои молиявӣ барои сармоягузории калонмиқёс ва дарозмӯҳлат;

– диверсификатсия нашудани хидматҳо ё маҳсулоти бозори молиявӣ;

– яктарафа будани рушди бозори молиявии Тоҷикистон, яъне ғайр аз бонкҳо, дигар ҷузъҳои таркибии бозори молиявӣ талаботи иқтисодиёти динамикии ҷумҳуриро қонеъ намегардонанд.

[2]алли масоили мазкур диққати ҳамаи субъектҳои иқтисодиётро ба бозори молиявии ватанӣ ҷалб мекунад, ки туфайли ин ба инкишоф ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба самтҳои афзалиятноки рушди бозори молиявӣ мансубанд:

– бештар тавассути бозори коғазҳои қиматнок амалӣ гардонидани ҷалб ва бозтақсими захираҳои инвеститсионӣ;

– хавасманд гардонидани ҷойгиронии сармоягузориҳои воқеӣ ба бахши истеҳсолии мамлакат;

– муайян кардани таносуби оптималии байни сармоягузориҳои хориҷӣ ва ватанӣ ва ниҳодҳои бозори молиявӣ;

– мониторинги бозори молиявӣ оид ба арзёбии талаботи иқтисодиёти миллӣ ба сармоягузорӣ дар ҳар марҳилаи алоҳидаи рушд;

– маҳдуд сохтани донорҳои берунӣ дар он соҳаҳои иқтисодиёт, ки даромади баланд медиҳанд ё дар рушди мамлакат аҳамияти стратегӣ доранд;

– таъмин кардани диверсификатсияи хизматҳои молиявӣ, ки ба инкишофи бахшҳои баландтехнологии инноватсионӣ равона карда шудаанд ва вуруди захираҳои молиявӣ ва зеҳниро таъмин мекунанд;

– ҳавасманд гардонидани рушди инфрасохтори бозори молиявӣ, аз ҷумла биржаҳои асъорӣ, молӣ, фондӣ.

Мо чунин мепиндорем, ки татбиқ ва амалигардонии самтҳои мазкур дар оянда ба баланд бардоштани самаранокии рушди бозори молиявии Тоҷикистон ва ба туфайли он тезонидани суърати рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии мамлакат имконият фароҳам меорад.

Адабиёт:

1. Султонов З.С. Вопросы взаимодействия финансовых рынков с реальной экономикой // Проблемы развития банковской системы в Таджикистане и Польше. Материалы международной научной-практической конференции (19 декабря 2015 г, г. Душанбе, ТГУК). С. 21-24.
2. Шарипов Б.М., Теоретические аспекты формирования финансового рынка в условиях перехода экономики Таджикистана к новой модели развития // Экономика: вчера, сегодня, завтра. 2017. Том 7. № 10А. С. 16-30.
3. Курбонова Ф.А. Перспективные сферы развития финансового рынка на текущем этапе развития Таджикистана//Вестник «Известия И. К. Форума БАЦА».-Чолпон -Ата. Киргизская Республика, 2019. –№2 (25). - С. 102-105.
4. Курбонова Ф.А. Особенности формирование финансового рынка в переходной экономике. Перспективы и факторы обеспечения устойчивого развития экономики//Материалы II-ой

международной научной конференции (13-14 марта 2015г.). – Худжанд: «Меҳвари дониш» ППИТТУ, 2015. -С. 326-333.

АФЗАЛИЯТҲОИ ДУРНАМОИ РУШДИ БОЗОРИ МОЛИЯ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН

Аннотатсия. Дар ин мақола дар марҳалаи ҷории рушди Тоҷикистон масъалаҳои ҳалталаби бозорҳои молиявӣ муайян гардидаанд. Тадбирҳои афзалиятнок оид ба такмили механизмҳои рушди бозори молиявӣ тавсия гардидааст, ки ба афзоиши иқтисодии ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд. Ҳамчунин ташкили фонди махсусгардонидаи молиявӣ-инвеститсионӣ, ки афзоиши сармоягузориҳоро таъмин мекунад, ташкили бозори коғазҳои қиматнок дар бахши саноати истихроҷ (металлҳои қиматбаҳо, сангҳо, растаниҳои шифобахш) ва оптимизасияи фаъолияти онҳо, ҷойгиронии даромади муҳоҷирати меҳнатӣ ба бозори молиявии ватанӣ, аз ҷумла дар бозори қарз, суғурта ва асъор пешниҳод гардидаанд. Тавсеаи ҳаматарафа ва диверсификатсияи хизматҳои бозорҳои молиявӣ пешкашкунанда далелан асоснок гардидаанд.

Калидвожаҳо: бозор, бозори молиявӣ, бозори қарз, суғурта, асъор, сармоягузорӣ, фонди махсус, рушди иқтисодӣ.

ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ФИНАНСОВОГО РЫНКА В ЭКОНОМИКЕ ТАДЖИКИСТАНА

Аннотация. В данной статье определены наиболее актуальные проблемы финансового рынка на современном этапе развития Таджикистана. Рекомендуются меры по совершенствованию механизмов развития финансового рынка способствующих экономическому росту страны. Также предложены создание

специализированного финансово-инвестиционного фонда, который позволит увеличить инвестиции, создание рынка ценных бумаг в добывающих отраслях (драгоценные металлы, камни, лекарственные растения) и оптимизация их деятельности, размещение доходов трудовых мигрантов в отечественный финансовый рынок, в частности: кредитный, страховой и валютный рынок.Обосновано всестороннее расширение и диверсификация услуг финансового рынка.

Ключевые слова: рынок, финансовый рынок, кредитный рынок, страхование, валюта, инвестиции, специальный фонд, экономическое развитие.

PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF THE FINANCIAL MARKET IN THE ECONOMY OF TAJIKISTAN

Annotation. This article identifies the most pressing problems of the financial market at the present stage of development of Tajikistan. Measures are recommended to improve the mechanisms for the development of the financial market, contributing to the economic growth of the country. It was also proposed to create a specialized financial and investment fund, which will increase investments, create a securities market in the extractive industries (precious metals, stones, medicinal plants) and optimize their activities, place the income of labor migrants in the domestic financial market, in particular: credit, insurance and the foreign exchange market. A comprehensive expansion and diversification of financial market services has been substantiated.

Key words: market, financial market, credit market, insurance, currency, investments, special fund, economic development.

Малумот дар бораи муаллифон:

Қурбонова Фирӯза Алиҷоновна, Зокиров Алиҷон Жумабоевич
муаллимони калони кафедраи Кори бонкии МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров.

РАҚОБАТ ҲАМЧУН ШАРТИ ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИ УСТУВОР

Аллашукуров Б. Э.

Донишгоҳи давлатии Ҳуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ таваҷҷуҳи олимони ватанӣ ба таҳқиқи илмии проблемаҳои иқтисоди миллӣ хеле афзудааст. Сабабаш ин аст, ки Тоҷикистон дар марҳилаи таърихии муосир давлати ягонаву мукаммали иборат аз минтақаҳои гуногуни ба ҳам алоқаманд буда, ҳар яке аз ин минтақаҳо захираҳои мухталифи табиӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва захираҳои дигар мебошанд ва аз лиҳози сатҳи иқтисодию иҷтимоӣ низ тафовут доранд.

Ҳамзамон, дар ҳоли ҳозир дар адабиёти ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми «минтақа» нуқтаи назари ягона ташаккул наёфтааст ва аз ин сабаб таърифи аз ҷониби умум эътирофгардидаи он то ҳол вуҷуд надорад. Бинобар ин, баррасӣ намудани тафсири истилоҳи «минтақа», ки муаллифони гуногун додаанд, ба мақсад мувофиқ хоҳад буд.

Э.В. Алёхин менависад, ки мафҳуми «минтақа» дар ИҶШС соли 1975 аз ҷониби академик Н.Н. Некрасов ҳангоми тақсими қаламрави мамлакат ба макроминтақаҳо ҷорӣ карда шудааст.

Дар асари назариявии худ зери унвони «Иқтисоди минтақавӣ. Назария, проблемаҳо, методҳо («Региональная экономика. Теория, проблемы, методы») Н.Н. Некрасов зери мафҳуми минтақа ҳудуди калони мамлакатро бо шароити табиии каму беш якҷинс ва самти хоси

рушди қуввaҳои истеҳсолкунандадар заминаи захираҳои табиӣ, базаи моддӣ-техникӣ, зерсохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ мефаҳмад.

Ба андешаи О.С. Пчелинтсев, минтақаҳо табиати духела доранд. Аз як тараф, минтақаҳо сохторҳои гуногунҷабҳаи экологӣ-иҷтимоӣ-иқтисодие мебошанд, ки танҳо қобили таҳқиқи байнифаннӣ мебошанд. Аз тарафи дигар минтақа ҷузъи сохтори фазоии иқтисод, яъне навъи махсуси системаҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар заминаи рушди ҳамгирои истеҳсолот, аҳолӣ ва захираҳо ба миён меояд.

Аз таърифҳои зикршудаи мафҳуми «минтақа» чунин бармеояд, ки асоси онро се ҷузъи таркибӣ ташкил медиҳад:

- Аломати ҳудудӣ;

- Махсусгардонии иқтисодӣ;

- Робитаҳои дохилихоҷагии нисбатан сарбаста.

Дар назарияи илмҳои муосир минтақаро чун системаи дорои вазифаву ҷанбаҳои сершумор таҳқиқ мекунанд. Бештар аз ҳама якчанд парадигмаи минтақа маъмул мебошанд масалан:

1) Минтақа ҳамчун шабеҳаи давлат (квазидавлат). Ин зерсистемаи нисбатан ҷудогонаи давлат ва иқтисоди миллӣ мебошад. Дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон дар минтақаҳо тамоми функсияву захираҳои молиявие гирд оварда мешаванд, ки пештар ба «марказ» тааллуқ доштанд (равандҳои ғайримутамарказонӣ ва федерализатсия). Яке аз функсияҳои асосии ҳокимияти минтақавӣ ин танзими иқтисоди минтақа мебошад. Ҳамкории мақомоти ҳокимияти умумидавлатӣ ва минтақавӣ, инчунин шаклҳои гуногуни муносибатҳои иқтисодии байниминтақавӣ (масалан, дар чорчӯбаи иттиҳодияҳои ҳамкории иқтисодӣ) фаъолияти иқтисодиёти минтақаҳоро дар системаи иқтисоди миллӣ таъмин мекунанд;

2) Минтақа ҳамчун шабеҳаи ширкат (корпоратсия). Минтақа чун субъекти калони моликияти (минтақавӣ ва маҳаллӣ) ва фаъолияти иқтисодӣ баромад мекунад. Минтақаҳо аз лиҳози иқтидори захиравӣ барои рушд аз ширкатҳо мондани надоранд. Тавсеаи мустақилияти минтақаҳо (тавассути додани ҳуқуқҳои иқтисодӣ аз «марказ») аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти иқтисодӣ ба шумор меравад;

3) Минтақа ҳамчун бозор. Аз ин нуқтаи назар ба шароити умумии фаъолияти иқтисодӣ (фазои соҳибкорӣ) ва хусусиятҳои бозорҳои минтақавии молу хизматрасонӣ, меҳнат, захираҳои кредиту молия, коғазҳои қиматнок, иттилоот, дониш ва дороиҳои дигар диққат дода мешавад;

Дар доираи ин парадигма минтақа ба ҳайси инҳо баромад мекунад:

- қисми фазои иқтисодии ҷаҳон, ки дар ҳамроҳшавӣ ба иқтисоди ҷаҳон аз базаи захиравӣ ва озодии муайяни амал бархурдор аст;

- воҳиди худкифо дар комплекси хоҷагии халқи мамлакат, ки ба он ҳуқуқу масъулияти муайян дода шудааст;

- субъекти комплекси хоҷагии халқи мамлакат, ки технологияҳои муосири идораи минтақаҳои водӣ, наздикӯҳӣ ва кӯҳиро ба мақсади ҳосил намудани сохтори беҳтарини маҷмӯи маҳсулоти ҷумҳуриявӣ гирд меорад;

- қисми системаи миллии инноватсионӣ, ки татбиқи амалии нишондиҳандаву самтҳои мақсадноки онро таъмин мекунад.

Парадигмаи нави рушди иқтисоди миллӣ, ба фикри Е.В. Беляков дар заминаи технологияҳои нави иттилоотӣ, иқтисодиёти «дониш», назари нав ба арзёбии истифодабарии базаи захираи худ, ки инъикосгари тамоюлоти нави ҷаҳонист ва сохторҳои нави ташкилӣ бар асоси рушди равандҳои ҳамгироӣ баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, аз афкори муаллиф бармеояд, ки моҳияти парадигмаи нави рушди минтақаӣ аз ин иборат аст, ки дар шароити муосир минтақаҳо на танҳо қисми иқтисоди миллӣ мебошанд, балки дар муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ҳам фаъолона ширкат меварзанд, яъне дарвоқеъ қисми системаи иқтисоди ҷаҳонӣ ва миллӣ ҳастанд.

Дар сурати фароҳам омадани омилҳои мусоиди бозорӣ корхонаҳо кӯшиш мекунанд имкониятҳои худро дар бозори байналмилалӣ амалӣ карда, муносибатҳоро бо минтақаву корхонаҳои алоҳидаи мамлакатҳои дигар ба роҳ монанд.

Рушди равандҳои рақобат дар ҳама сатҳҳои системаи иқтисодӣ (сатҳи макро-, миёна (мезо-) ва микро-) ногузир ба ташаккули рақобатпазирии як объект нисбат ба объекти дигар оварда мерасонад. Дар сатҳи минтақаҳо низ ҳамчунин аст.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ солҳои охир (пас аз инкори дурударози илмӣ) самти рақобатпазирии минтақа ҳамчун қобилияти фароҳамсозии шароит дар бозори дохилӣ ва берунӣ ё ҳосилнокии истифодабарии захираҳо инкишоф ёфтааст.

Таъбилёбии минтақа ба субъекти муносибатҳои рақобат ба маънои ташаккули хосияту стандартҳои нави сифати ин система бо номи «минтақа» мебошад. Ин хосияти нав рақобатпазирист. Он талаботи нигоҳдорӣва рушд додани субъекти иқтисодии дар шароити рақобат коркунандаро инъикос мекунад. Дар шароити «иқтисоди нав» рақобатпазирии минтақа яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳамзамон, мавзӯи таҳлили назариявии иқтисодӣ мегардад.

Рақобатпазирии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қобилияти татбиқи вазифаи асосии мақсадноки фаъолияти он — рушди устувори иҷтимоию иқтисодии он дар минтақа бо таъмини сифати баланди

зисти аҳолии он мебошад. Рақобатпазирӣ тавассути бартариҳои рақобат татбиқ карда мешавад, ки ба гурӯҳҳои аломатҳои базавӣ (заминавӣ) ва таъминкунанда (ё амиқ) ва зоҳирии рақобатпазирии минтақа тақсим карда шудаанд. Ба гурӯҳи якум (аломатҳои базавӣ) захираҳои табиии ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ ва сатҳи тахассуси онҳо, иқтидори илмию идорӣ, заминаи истеҳсолӣ; ба гурӯҳи дуюм - фазои соҳибкорӣ, сифати иқтидори идорӣ, арзиши қувваи корӣ, зерсохтор дохил мешаванд.

Чунин сиёсат дар дурнамои дарозмуддат натиҷаи мусбат дода наметавонад.

Ба назари як қатор муҳаққиқон шарти заминагузори рушди иқтисодӣ ва густариши рақобатпазирии ҷумҳурӣ такрористеҳсоли васеи сармоя мебошад.

Дар шароити экстремалии истеҳсол таъмини ҳаёту фаъолияти аҳолӣ, ки дар як қатор минтақаҳои мамлакат вуҷуд доранд;

- сатҳи пасти истеҳсоли молу хизматрасонӣ чун таҷассуми пошхӯрии иқтисоди минтақа;

- иқтидори сусти зеҳнии баъзе минтақаҳо ва сатҳи пасти таъмини иҷтимоии аҳолии мамлакат бо имкониятҳои худии минтақа ва ғайра.

Асосан се консепсияи асосии таъмини рақобатпазирии минтақаро нишон медиҳад:

- усули кластерӣ;

- рушди системаи инноватсионии минтақа;

- омилҳои имконпазири ташаккули рақобатпазирии минтақа.

Кластери ин гурӯҳҳо «анбӯҳҳо»-и субъектони хоҷагидори бахшҳои воқеӣ ва молиявии иқтисоди минтақавӣ дар чорчӯбаи соҳаҳои алоҳида ё ташкилотҳои ҷудогона мебошанд, ки дар бозор мавқеи пешсафро ишғол менамоянд. Ҳамин тавр, баҳри баланд бардоштани рақобатпазирии ҷумҳурӣ сиёсати минтақавии фаъолро пеш бояд бурд,

ки он ба ташаккули ташкилотҳои кластерӣ дар системаи иқтисоди миллӣ равона шудааст. Моҳияти консепсияи кластер дар ҳамин зоҳир мегардад.

Дар хулоса ҳаминро қайд мекунем, ки бо вуҷуди нуфузи шинохташудаи назарияи рақобатпазирии ҷумҳурӣ, аҳамияти он дар илми иқтисоди муосир, инчунин таваҷҷуҳи рӯзафзун ба он аз ҷониби иқтисодчиёну сиёсатмадорон, олимони алоҳидае ҳам ҳастанд, ки ғояи рақобатпазирии давлат ва ҳам минтақаҳои алоҳидаи онро танқид мекунанд. Масалан, ҷоизадори Нобел (с. 2008) Пол Кругман мегӯяд, ки рақобатпазирӣ дар мавриди иқтисоди миллӣ маъное надорад ва таваҷҷуҳ ба рақобатпазирӣ ҳам иштибоҳноку хатарнок аст. Барои тасдиқи гуфтааш ин олим чунин далелҳоро меорад:

- таваҷҷуҳи беш ба манзараи рақобати мамлакатҳо инро рад мекунад, ки аксарияти мушкилоти иқтисодӣ аз омилу сабабҳои дохилӣ бармеоянд

- омилҳое, ки ба савдо дар бозори байналмилалӣ вобастагӣ надоранд, яъне сатҳи зист якҷоя бо афзоиши ҳосилнокӣ баланд мешавад, на бо мурури афзоиши ҳосилнокӣ нисбат ба мамлакатҳои дигар;

- симои малакатҳои рақиб дар сатҳи эҳсос хулосаҳои савдои байналмилалиро инкор мекунад - боигарии мамлакат бо махсусгардонии байналмилалӣ ва истифодабарии бартариҳо алоқаманд аст, бинобар ҳамин пайравӣ аз консепсияи «рақобатпазирии миллӣ» протексионизм ва ҷангҳои тиҷоратиро ба бор оварда метавонад;

- дар мавриди давлат истифода бурдани мафҳуми «рақобатпазирӣ» ба ҷои корхонаи тиҷоратӣ маънои маҷозӣ дорад, зеро давлат дар қиёс бо корхона ченаки рақобатпазирӣ - тавозуни фоидаву зарар - надорад ва дар натиҷаи муфлисшавӣ аз байн намеравад;

- таваҷҷуҳи беш ба рақобатпазирии байналмилалӣ боиси дастгирӣ ёфтани соҳаҳои камҳосили иқтисоди миллӣ ва пастшавии стандартҳои ҳаётии он шуда метавонад.

Албатта, хулосаҳои П. Кругман дурустанд ақаллан барои он ки хулосаҳои барандаи ҷоизаи Нобел ҳастанд. Лекин, ба андешаи мо, мавҷудияти чунин ақидаҳо аз мураккабии худи мафҳуми «рақобатпазирӣ», сермаъноии он ва норасоии омӯзиши методологияи таҳқиқи объектҳои мухталифи рақобатпазирӣ, хусусан дар сатҳи макроиқтисодӣ дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, дигаргуншавии муносибатҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 1990-ум ба густариши равандҳои минтақавишавии хоҷагии халқ мусоидат намуда, ҷараёни рақобати байни мамлакатҳоро шадидтар гардонид ва зарурати баландбардории рақобатпазирии ҷумҳуриро бедор кард. Дар ин ҳангом ҷумҳурӣ на танҳо қисми иқтисоди миллӣ гардид, балки ба системаи равобити иқтисодии ҷаҳонӣ ҷалб карда шуд. Ҳамаи ин аҳамияту мубрамии омӯзиши иқтисоди минтақавиро афзунтар намуда, зарурати таҳқиқи рушди миллии иқтисодро дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба миён овард.

Адабиёт:

1. Алехин Э.В. Региональная экономика и управление. – Пенза: Пензенский государственный университет,
2. Институт государственной службы и управления при губернаторе Пензенской области, 2007. – С. 128.
3. Некрасов Н.Н. Региональная экономика. Теория, проблемы, методы. Изд. 2-е. – М.: Экономика, 1978. – С. 225.
4. Пчелинцев О.С. Региональная экономика в системе устойчивого развития. - М.: Наука, 2004. – С.132.
5. Челноков И.В., Герасимов Б.И., Быковский В.В. Региональная

экономика: организационно-экономический механизм управления ресурсами развития региона / Под науч. ред. д-ра эконом, наук, проф. Б.И. Герасимова. –Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2002. – С. 322.

6. Герасимова В.В. Интеграционные процессы в регионах Российской Федерации // Региональные проблемы преобразования экономики. - 2009. - №2. – С. 79.
7. Чайникова Л.Н. Методологические и практические аспекты оценки конкурентоспособности региона. - Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2008. – С. 265.
8. Региональная экономика / Под ред. В.И. Видяпина и М.В. Степанова. - М.: ИНФРА-М, 2007
9. Коломак Е.А. Анализ факторов конкурентоспособности региона // Регион: экономика и социология. - 2009. -№3. – С. 59.
10. Особенности воспроизводства регионального капитала: сущность, подходы к оценке, методы управления / Институт экономики КарНЦ РАН, Под общей ред. Ю.В. Савельева. - Петрозаводск: Изд-во Карельского научного центра РАН, 2008. – С. 109.

РАҚОБАТ ҲАМЧУН ШАРТИ ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИ УСТУВОР

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур, масъалаҳои рақобатпазирӣ дар хоҷагии кишоварзии минтақаҳо, инчунин маҳсулотҳои агроозуқаврорӣ дар шараоити бозорҳои доҳили ва берунии савдо тадқиқ шудааст. Ҳамин тариқ, дигаргуншавии муносибатҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 1990-ум ба густариши равандҳои минтақавишавии хоҷагии халқ мусоидат намуда, ҷараёни рақобати байни мамлакатҳоро

шадидтар гардонид ва зарурати баландбардории рақобатпазирии ҷумҳуриро бедор кард.

Калидвожаҳо: рақобатпазирӣ дар иқтисодиёти минтақавии, кластеризатсия**,** парадигма, субъектони хоҷагидорӣ.

КОНКУРЕНЦИЯ КАК УСЛОВИЕ УСТОЙЧИВОЙ ЭКОНОМИКИ

Аннотация. В данной статье расматриваются задачи конкурентноспособности в области сельского хозяйства регионов, а также продукты сельского хозяйства в условиях внутренего и внешнег рынка.

Ключевые слова: конкурентноспособность в региональной экономике, кластеризация, парадигма, субъекты сельского хозяйства.

COMPETITION AS A CONDITION FOR SUSTAINABLE ECONOMY

In given article problems of competitiveness in the field of agriculture of regions, and also agriculture products in conditions and the market.

Keywords: competitiveness in regional economy, claster, a paradigm, subjects of agriculture.

ТАҶРИБАИ БОЗОРИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКАИ ИМА (БОЗОРИ PJM) ВА ИМКОНОТИ ИСТИФОДАИ ОН ДАР ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Асоев Б. Х.
Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб

Энергетика соҳаи аз ҷиҳати стратегӣ муҳим барои ҳар як давлати иқтисодиёташ рушдёфта ва рушдкунанда арзёбӣ мегардад, дар ҳоле ки

нақши электроэнергетика дар иқтисоди ҷаҳонӣ мунтазам меафзояд. Бо назардошти хусусиятҳои технологӣ, соҳаи электроэнергетика муддати тӯлонӣ соҳаи «маҳаллӣ» буд ва дар нимаи дуюми асри XX системаҳои энергетикӣ аз миқёси миллӣ ба сатҳи ҷаҳонӣ гузашт.

Баррасии самаранокии иқтисодӣ аз як тараф васеъшавии минбаъдаи миқёси системаҳои электроэнергетикиро талаб кунад, аз тарафи дигар, рақобатро дар соҳаи мазкур шиддат мебахшад. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI соҳаи энергетика зери таъсири талаботҳое қарор гирифт, ки равандҳои танзимӣ ва ташкилӣ дар бозорҳои фаромиллии нерӯи баркро ба зиддиятҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ кард.

Таҷрибаи фаъолияти муттаҳидкунии бозорҳои энергетикӣ нишон медиҳад, ки афзалияти равандҳои интегратсионии соҳаи электроэнергетика коҳиш додани эҳтиёҷот ба захираҳои энергетикӣ бо сабаби баробаркунии сарбории нерӯи барқ (ҳам рӯзона ва ҳам солона) дар давлатҳои аъзо, васеъшавии бозорҳои нерӯи барқ ва дар натиҷа афзоиши сатҳи рақобат дар бозори нави муттаҳидшуда ба шумор меравад.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи равандҳои интегратсионӣ дар бозорҳои эектроэнергетикаи ИМА (бозори PJM) ва имконоти истифодаи таҷрибаи онҳо дар бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ мақсади асосӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, мо кӯшиш намудем, ки дар кори худ талаботҳои аъзошавӣ ва иштирок дар бозори электроэнергетикаи PJM- ро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳем ва имконоти истифодаи баъзе аз таҷрибаи онро дар бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ баҳогузорӣ намоем.

Мавзеи ҷойгиршавии бозори электроэнергетикаи минтақаи PJM дар ИМА буда, 13 иёлотро пурра ё қисман дар бар мегирад. Бозори электроэнергетика ва иқтидорҳои PJM пас аз бозори яклухти

электроэнергетикаи Федератсияи Россия дуюмин бозори электроэнергетика дар ҷаҳон аст.

Бозори электроэнергетикаи PJM зиёда аз 960 аъзо - ширкатҳои тавлидкунанда, шабакавӣ ва фурӯшро дар бар мегирад, ки тақрибан ба 61 миллион нафар аҳолии минтақаи мазкур хизмат мерасонанд. Иқтидори муқарраршудаи системаи энергетикӣ таҳти назорати оператори системавии PJM қарор дошта дар охири соли 2015 177,7 ГВт буда, иқтидори баландтарин ва истеҳсоли нерӯи барқ дар ҳамон сол мутаносибан 166 ГВт ва 793 ҳазор ГВт-соатро ташкил дода буд. Дарозии хатҳои магистралии интиқоли нерӯи барқ 116 ҳазор км мебошад [2].

Таърихи бозори электроэнергетикаи PJM аз соли 1927 оғоз ёфтааст, вақте ки се ширкати энергетикӣ бартариҳои пайвастшавии системаҳои энергетикӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои тавлидкунандаро дарк намуда, дар ҷаҳон аввалин муттаҳидкунии бозори электроэнергетикаро (ҳавзи энергетикӣ) ба роҳ монданд. Як қатор ширкатҳои энергетикии дигар солҳои 1956, 1965 ва 1981 ба PJM ҳамроҳ шуданд. Дар тӯли ин вақт, бозори электроэнергетикаи PJM аз ҷониби шуъбаи амалиётии яке аз аъзои он идора карда мешуд [4].

Айни замон барои тиҷорат дар бозори электроэнергетикаи PJM шахси манфиатдор бояд иштирокчии бозори мазкур бошад. Баъди он вай ҳуқуқ дорад, ки нерӯи баркро ҳам дар бозорҳои «рӯз ба пеш» ва ҳам дар бозори «вақти воқеӣ» хариду фурӯш кунад ва дар музоядаҳо оид ба ҳуқуқҳои молиявии интиқол ва тиҷорати нерӯи барқ, яъне FTR[1] иштирок намояд. Барои аъзо шудан ба PJM, шахси манфиатдор бояд ба талаботи дар Қисми 11 Созишнома дар бораи фаъолият дар PJM муқарраршуда ҷавобгӯ бошад [3].

Барои аъзо шудан ба бозори электроэнергетикаи PJM, тарафҳои манфиатдор бояд ҳуҷҷатҳои зеринро ба бозори мазкур пешниҳод кунанд: аризаи узвият ба бозори электроэнергетикаи PJM, созишномаи узвият ба бозори электроэнергетикаи PJM дар шакли стандартии тасдиққардаи бозори мазкур, созишномаи хизматрасонии интиқоли барқ, дархости кредити тиҷоратӣ барои бозори электроэнергетикаи PJM ва шартномаҳои марбут ба бозори мазкур [5].

Талаботҳои аъзошавӣ ва иштирок дар бозори электроэнергетикаи PJM дар расми 1 оварда шудааст.



Расми 1. Талабот барои иштирок дар бозори электроэнергетикаи ИМА (бозори PJM)

Сарчашма: Расм дар асоси таҳлилу омӯзишҳои муаллиф таҳия гардидааст.

PJM бозорҳои электроэнергетика (дар вақти воқеӣ, рӯз ба пеш), бозори иқтидорҳо ва бозори ҳуқуқҳои молиявӣ оид ба интиқоли нерӯи баркро дар бар мегирад. Ғайр аз он, тиҷорати нерӯи баркро тибқи созишномаҳои дуҷониба, ки истеҳсолкунандагони нерӯи барқ

мустақиман бо истеъмолкунандагон бастаанд, анҷом медиҳад. Модели бозори электроэнергетикаи PJM бар он асос ёфтааст, ки пардохтҳо барои интиқоли иқтидорҳо, нерӯи барқ, низоми хизматрасонӣ дар давраи дарозмуддат бояд ба генераторҳои даромадӣ, ки тамоми хароҷоти доимӣ ва тағйирёбандаро, ки ба истеҳсоли нерӯи барқ алоқаманд аст, пӯшонад ва инчунин имкон диҳанд, ки ҳаҷми иқтидорҳои истеҳсолиеро, ки барои кори боэътимоди он кофӣ мебошанд, таъмин кунад [1 с.31-53].

Ҳамин тариқ, баъд аз таҳлилу омӯзиши таҷрибаи бозори электроэнергетикаи ИМА (бозори PJM) мо эҳтимолияти истифода ва ҷорӣ кардани баъзе аз онҳоро дар бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ пешниҳод менамоем:

1. Иштирокчиёни бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ бояд дорои таҷҳизотҳои тавлидкунанда, интиқолдиҳанда, ширкатҳои тақсимкунанда ва ё истеъмолкунандаи ниҳоӣ нерӯи барқ бошанд (дар доираи созишномаҳои фаъолияти бозори мазкур).

2. Барои ворид шудан ба бозори мазкур, тарафҳои манфиатдор бояд бастаи ҳуҷҷатҳои заруриро таҳия ва ҳаққи аъзошавӣ ба бозори мазкурро пардохт кунанд;

3. Аъзоёни бозори мазкур вазифадоранд, ки дар пардохти хароҷоти марбут ба фаъолияти бозор иштирок намояд;

4. Аъзоёни бозори мазкур вазифадоранд, ки ҳама дастурҳоро оид ба ҳолатҳои фавқулодда дар системаи энергетикӣ иҷро кунанд;

5. Давлатҳои аъзо бояд фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо дигар аъзоёни бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ба нақша гирифта идора кунанд, то эътимоднокӣ таъмин карда шавад;

6. Дар тартиби банақшагирии рушди системаи минтақавии интиқоли нерӯи барқ иштирок намоянд.

Адабиёт:

1. Андреева Е.В., Клепиков В.И., Николаев А.Г. и др. Интеграция зарубежных рынков электроэнергии. Москва, январь 2017. – С.31-53.
2. Д.А.Воронцов, Структура оптового рынка электроэнергии в России, США и Германии. Сравнительный анализ [Электронный ресурс] https://www.imemo.ru/files/File/ru/conf/2018/27042018/Vorontsov.pdf (дата обращения 27.11.2020)
3. Зарубежный опыт межгосударственной интеграции рынков электрической энергии [Электронный ресурс]. http://www.em.ranepa.ru/files/docs/research/2019_1513_part2.pdf (дата обращения 30.11.2020)
4. История PJM [Электронный ресурс http://www.pjm.com/about-pjm/who-we-are/pjm-history.aspx(дата обращения 28.11.2020)

ТАҶРИБАИ БОЗОРИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКАИ ИМА (БОЗОРИ PJM) ВА ИМКОНОТИ ИСТИФОДАИ ОН ДАР ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур ҷиҳатҳои назариявию амалии таҷрибаи бозори электроэнергетикаи ИМА (бозори PJM) ва имконоти истифодаи он дар давлатҳои Осиёи Марказӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Омӯзиши ҳамаҷонибаи равандҳои интегратсионӣ дар бозорҳои электроэнергетикаи ИМА (бозори PJM) ва имконоти истифодаи таҷрибаи онҳо дар бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ мақсади асосӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, мо кӯшиш намудем, ки дар кори худ талаботҳои аъзошавӣ ва иштирок дар бозори электроэнергетикаи PJM-ро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳем ва имконоти истифодаи баъзе аз таҷрибаҳои онро дар

бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ баҳогузорӣ намоем.

Калидвожаҳо: бозори электроэнергетика, ИМА, бозори PJM, талаботҳои аъзошавӣ, иштирокчиёни бозор.

ОПЫТ РЫНКА ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКИ США (РЫНКА PJM) И ЕГО ВОЗМОЖНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Аннотация. В данной статье исследуются теоретические и практические аспекты опыта рынка электроэнергетики США (рынка PJM) и его возможности использования в странах Центральной Азии. Основная цель являются комплексное исследование интеграционных процессов на рынках электроэнергетики США (рынка PJM) и возможности использования их опыта на рынке электроэнергетики Центральной Азии. Поэтому, в своей статье мы постарались проанализировать требования к членству и участию рынке электроэнергетики PJM и возможности использования некоторого его опыта на рынке электроэнергетики стран Центральной Азии.

Ключевые слова: рынка электроэнергетики, США, рынка PJM, требования к членству, участники рынка.

EXPERIENCE OF THE US POWER MARKET (PJM) AND ITS OPPORTUNITIES FOR USE IN CENTRAL ASIAN COUNTRIES

Annotation. This article explores the theoretical and practical aspects of the experience of the US electricity market (PJM market) and its possibilities of use in the countries of Central Asia. The main goal is a comprehensive study of integration processes in the US electricity markets (PJM market) and the possibility of using their experience in the Central

Asian electricity market. Therefore, in our article, we tried to analyze the requirements for membership and participation in the electricity market of PJM and the possibility of using some of its experience in the electricity market of Central Asian countries.

Key words: electricity market, USA, PJM market, membership requirements, market participants.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Асоев Баҳодур Хайридинович – саромӯзгори кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. Тел: 985247082**.**

РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Гулов З. Ҳ.,Сафаралии Б.,Сафаров С.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб

Ҳоло бисёре аз давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ пурра ба иқтисодиёти рақамӣ гузаштаанд, ки ин самараи бештаре дода истодааст. Яке аз самаранокии иқтисоди рақамӣ ин босуръат иҷро шудани амалиётҳои тиҷоратӣ бо роҳи технологияи муосир мебошад.

Иқтисоди рақамӣ яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбандаи ҷаҳон аст. Ин муҳаррики муҳими инноватсия ва рушди корхонаҳо мебошад. Бо гузаштан ба асри технологияи рақамӣ, таъсири он дар миқёси рақобатпазирии кишварҳо ба назар мерасад.

Дар солҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унсурҳои муносибатҳои рақамӣ тадриҷан дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар, ба мисли гирифтани музди маош тавассути банкоматҳо, пардохти истифодаи телефонҳо, пардохти роҳкиро дар автобусҳо ва троллейбусҳо бо корти рақамӣ ва ғайра пайдо шуданд. Дар назарияи

иқтисодӣ ва дар фаъолияти амалии як қатор кишварҳо мафҳуми «иқтисоди рақамӣ» пайдо шудааст. Оғози асри XXI бо суръат пешрафти рушди технологияҳои рақамӣ, инқилоб дар фазои иттилоот ва босуръат ҷаҳонишавии иқтисодиёт аст.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд хизматрасониҳо дар шакли электронӣ сурат мегиранд аммо инҳо қаноатбахш нестанд. Пеш аз он, ки мо пурра ба иқтисоди рақамӣ гузарем якчанд мушкилиҳоро бояд ҳал намоем. Дар мақолаи мазкур роҳҳои ҳалли рушди иқдисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд. Ба ақидаи мо чунин мушкилиҳо айни замон вуҷуд доранд:

- Дастрасии ба интернет;
- Истифода нашудани кортҳои бонкӣ;
- Набудани интернет-мағозаҳо ва хизматрасониҳои электронӣ;
- Нарасадани мутахассисон дар ин самт;

Мисоли иқтисоди рақамӣ ҳама гуна фаъолияти иқтисодие мебошад, ки тавассути Интернет ба роҳ монда мешавад. Рақамӣ ҳар ширкатеро ҳисобидан мумкин аст, ки кӯшиши пурра ё қисман фаъолиятро ба таври онлайн гузарондан дорад. Агар чунин ҷанбаҳои муҳими фаъолият, ба мисли идоракунӣ, назорат, таҳлили тиҷорат, хизматрасонӣ ё дастраскунии молҳо ва маркетинг бо технологияҳои электронӣ дар корхона ба роҳ монда шуда бошанд, чунин ширкатро метавон яке аз онҳое номид, ки як қадам пештар ба сӯи муввафақият монда иқтисоди электрониро амалӣ кардааст.

Иқтисоди рақамӣ, яъне пайдо шудани имкониятҳои нав, бешубҳа, ба ҳаёти инсон таъсири мусбат мерасонад.

Аз рӯи таҳлилҳо Бонки байналмилалӣ дар соли 2016 бартариҳои иқтисоди рақамиро чунин муаррифӣ намуд:

- афзоиши ҳосилнокии меҳнат;

- баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳо;
- коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ;
- ташкили ҷойҳои нави корӣ;
- бартараф кардани камбизоатӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ.

Барои рушди иқтисоди рақамӣ, рушди бахши миллии ТИК, ташвиқи таъсис ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар тамоми соҳаҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар зарур аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик ҳатман ба иқтисоди рақамӣ мегузарад. Ин тақозои замон аст. Бо андешидани чораҳои зарурӣ, мақомоти давлатӣ метавонанд муҳитеро эҷод кунанд, ки барои рушди иқтисоди рақамӣ бештар мусоидат кунанд.

Маълум аст, ки дар тӯли солҳои истиқлолият, бо истифодаи фаъоли технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, имкониятҳои васеъ барои ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти муосири иқтисодии корхонаҳо ба вуҷуд меоянд, ки самаранокии иқтисодиётро баланд мебардоранд, суръатбахшии дигаргуниҳои сохтори иқтисодиро тақвият медиҳанд ва нерӯи муҳими пешрафти истеҳсолот ва афзоиши хидматҳо мегардад .

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ оҳиста-оҳиста қисми таркибии низоми муосири менеҷмент дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, дар соҳаи идоракунии давлатӣ, мудофиаи миллӣ, амнияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ шуда истодаанд. Албатта, бидуни густариши интернети баландсуръат, табдили рақамӣ дар Тоҷикистон ғайриимкон аст ва хадамоти ҳукумати электронӣ ва барномаҳои молии мобилӣ наметавонанд рушд кунанд.

Воситаҳои электронӣ, системаҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, ки тавассути Интернет дастрасанд, ба як ҷузъи ҳаёти рӯзмарраи мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтанд.

Бо андешидани чораҳои зарурӣ мақомоти давлатӣ метавонанд муҳитеро ба вуҷуд оранд, ки барои рушди иқтисоди рақамӣ бештар мусоидат кунанд.

Барои ташкили гузариш ба иқтисоди рақамӣ бояд барномаи давлатии "Иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия карда шавад. Ин барнома бояд хусусияти стратегӣ дошта, самти рушди иқтисоди рақамӣ ва равишҳои асосии татбиқи онро муайян кунад ва инчунин барои таҳияи ҳуҷҷатҳои дахлдори банақшагирии стратегии соҳавӣ асос бошад.

Мо дар ин мақола як қатор мамлакатҳоеро ном мебарем,ки дар самти технологияи иқтисоди рақами муваффақ гардида, дар ин самт иқтисодиёти худро ба тавр назарас такмил медиҳанд.Мамлакатҳои пешсафи «рақамӣ» имрӯз Норвегия, Шветсия ва Швейтсария мебошанд. Ба даҳгонаи беҳтарини Иёлоти Муттаҳида, Британиё, Дания, Финляндия, Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҳонконг дохиланд.

Мувофиқи баъзе ҳисобҳо, тиҷорати рақамӣ барои бисёр кишварҳои калонтарин яке аз минтақаҳои босуръати рушд мебошад. Масалан, тибқи маълумоти таҳлили иқтисодии Департаменти тиҷорати ИМА, дар тӯли 11 сол то соли 2016, иқтисоди рақамӣ дар Иёлоти Муттаҳида нисбат ба иқтисодиёти ҳамаи кишварҳои ҷаҳон 3,7 маротиба тезтар рушд кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қадамҳои аввали худро ба иқтисоди рақамӣ гузошта истодааст, якчанд марҳилаи асосиро бояд гузарад. Дар ин мақолаи мо баъзе аз масалаҳои асосиро қайд намудем. Аз ҷумла:

- Дар мактабҳои олӣ фанҳои таълимии нав оид ба иқтисодиёт ва технологияи рақамӣ ворид карда шаванд;
- Мутахасисони хатмкарда аз ҳар минтақаи кишвар барои таҷрибаомӯзӣ ба муҳлатҳои аз 3 то 6 моҳ ба хориҷ фиристода шаванд;

- Дар сохтори дастгоҳҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳо бахши идоракунии омор ва иқтисодиёти рақамӣ таъсис дода шавад;
- Корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ ба системаи ягонаи иқтисодӣ ворид карда шаванд;
- Системаи ягонаи иттилоотӣ ва хизматрасонӣ барои корхонаҳои истеҳсоли сохта шуда аз тарафи шуъбаи идоракунии омор ва иқтисодиёти рақамӣ идора карда шавад;
- Барои дастрасии Интернет ҳукумат рақобатро бо ширкатҳои алоҳида ба роҳ монад;

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд пешравии иқтисоди рақамиро мисол оварда метавонем, ки бисёр мушкилиҳо ҳали худро ёфтанд. Масалан: интиқоли маблағҳо тариқи телефонҳои мобилӣ, супоридани андозҳо дар системаи ягона, дастрасии маош ба воситаи кортҳо, ба кор оғоз намудани якчанд Интернет-мағозаҳо, тариқи корт ба роҳ мондани хизматрасониҳои нақлиёт, ба таври онлайн фармоиш додани хурокҳо, анҷом додани амалиётҳои молиявӣ дар муассисаҳои давлаӣ ва ғайраҳо. Ба андешаи мо иқтисодиёти рақамӣ дар сурате рушд мекунад, ки дастрасӣ ба Интернети бемаҳдуд ва баландсуръат бо нархҳои арзон имконпазир шавад. Интернет асосӣ тиҷорати электронӣ ва иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб рафта ҳамаи амалиётҳо ба Интернет ба роҳ монда мешаванд.

Дар мақолаи мазкур якчанд роҳҳои ҳалли самараноки рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарҷ намудем. Ба ақидаи мо агар ин самтҳо такмил дода шаванд якчанд мушкилиҳо ҳалли худро меёбанд.

- Дастрасии интернети баланд суръат бо нархи паст;
- Илова кардани фанҳои таълимии Технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт, Системаи онлайн-тиҷорат, Онлайн пардохти

хизматрасониҳои давлатӣ, Фаъолияти тиҷоратӣ дар Интернет, Маркетинги корхонаҳои истеҳсолӣ дар Интернет;

- Тайёр намудани мутахасисони самти web-иқтисодиёт;
- Ба роҳ мондани сомонаҳои иттилоотию хизматрасонии корхонаю муассисаҳо дар Интернет;
- Ташкил намудани ҳукумати электронӣ дар ҳар як шаҳру ноҳияҳо;
- Таъсис додани бахши идоракунии иқтисодиёт дар шакли электронӣ.

Иқтисоди рақамӣ ба ҳар як шаҳрванд имконият медиҳад, ки молу, маҳсулоти босифатро зуд ва бо нархи арзонтар дастрас намояд. Яъне агар дар шаҳр ё ноҳия якчанд Интернет-мағозаҳо фаъолият намоянд, ҳар як шахс имконияти интихоби васеъро пайдо мекунад. Иқтисоди рақамӣ на танҳо тиҷорати электронӣ мебошад, балки қариб ҳамаи фаъолияти рузмараи моро дар бар мегирад. Масалан хизматрасониҳои давлатӣ, муроҷиат ба муассисаҳо, пардохти хизматрасониҳои комуналӣ, фармоиши чиптаҳои ҳавопаймо, фармоиши ҳуҷра дар меҳмонхона, фармоиши хизматрасониҳои осоишгоҳҳо, пардохти ҷаримаҳо, пардохт барои ҳуҷҷатҳо автомобилӣ, ва ғайра. Хулоса иқтисоди рақамӣ нисбати амалиётҳои хариду фуруш ва пардохтҳои анъанавӣ бартарияти бештар дошта самаранокии он бараъло дида мешавад. Дар ояндаи наздик Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди рақамӣ гузашта якчанд масъалаҳо ва камбудиҳо ҳал хоҳанд шуд.

Айни замон марҳилае мебошад, ки маърифати истифодаи технология-ҳои иттилоотии рақамиро дар байни ҷавонон ташвиқ намудан зарур аст, то ки онҳо истифодаи технологияҳои иттилоотиро дуруст ба роҳ монанд.

Бо аз байн бурдани монеаҳо дар роҳи ворид шудан ва татбиқи як чаҳорчӯби меъёрии муосир, Тоҷикистон метавонад сармоягузории бештари хусусиро ҷалб кунад ва ба ин васила як давраи имкониятҳои беҳтаро фароҳам оварад, зеро корхонаҳои хусусии навтаъсиси фоидаовар густариши инфрасохтори фарохмаҷро ва иқтидори иқтисодиёти рақамиро дар фазои кишвар беҳтар намуда, аз ҷумла барои ин корхонаҳо агар сармоягузориҳои хориҷиро ҷалб намоем, ин ниҳод то дараҷае метавонад, ки рушди иқтисодиёт боз ҳам беҳтару хубтар ба роҳ монда шавад.

Адабиёт:

1. https://zen.yandex.ru/media/fingram/chto-takoe-cifrovaia-ekonomika-59cddde73c50f7d9eaec17e3
2. https://prostocoin.com/finance/digital-economy
3. https://hbr-russia.ru/innovatsii/issledovaniya/818884
4. https://pressa.tj/news_rus/chto-meshaet-razvitiyu-tsifrovyih-tehnologiy-v-tadzhikistane/
5. https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/opinion/2021/03/01/in-tajikistan-a-digital-future-as-an-alternative-to-unemployment-or-migration
6. https://medt.tj/images/news/2019/KCERT.pdf
7. Научно-исследовательский проект Digital Planet, Школа им. Флетчера при Университете Тафтса.
8. Комилов Ф.С. Шарипов Д.С. Информатикаи татбиқӣ. //”Ирфон” Душанбе, соли- 2009. 168 с.
9. Маҷмуаи таълими аз фании «Информатикаи амали», тартибдиҳанда: Усмонова М.Р.

РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аннотатсия. Дар мақолаи дар боло зикр гардида тарзи рушди иқтисодиёти рақами ва имкониятҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидааст. Мисоли иқтисоди рақамӣ ҳама гуна фаъолияти иқтисодие мебошад, ки тавассути Интернет ба роҳ монда мешавад. Иқтисоди рақамӣ яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбандаи ҷаҳон аст. Ин муҳаррики муҳими инноватсия ва рушди корхонаҳо мебошад. Бо гузаштан ба асри технологияи рақамӣ, таъсири он дар миқёси рақобатпазирии кишварҳо ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: рақобатпазир, имкониятҳо, рушд, иқтисоди рақамӣ, муҳаррики муҳим.

РАЗВИТИЕ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ И ЕЕ ВОЗМОЖНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Аннотация. Вышеупомянутая статья описывает развитие цифровой экономики и ее потенциал в Республике Таджикистан. Примером цифровой экономики является любая экономическая деятельность, которая осуществляется через Интернет. Цифровая экономика — один из самых быстрорастущих секторов в мире. Это важный двигатель инноваций и развития предприятий. С переходом в цифровую эпоху очевидно ее влияние на конкурентоспособность стран.

Ключевие слова: конкурентоспособность, возможности, развитие, цифровая экономика, важный двигатель.

DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY AND ITS OPPORTUNITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Annotation. The above article describes the development of the digital economy and its potential in the Republic of Tajikistan. An example of a digital economy is any economic activity that is carried out over the Internet. The digital economy is one of the fastest growing sectors in the world. It is an important engine of innovation and enterprise development. With the transition to the digital age, its impact on the competitiveness of countries is obvious.

Key words: competitiveness, opportunities, development, digital economy, important engine.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Гулов Зафар Ҳасанович –ст.1992 докторанти PHD-и ДТМИК Тел: (+992)985-29-29-60, E-mail: zafar_2939@list.ru

Сафаралии Бобохон –ст.1988 докторанти PHD-и ДТМИК Тел: (+992) 985-77-77-82, E-mail:sbobokhon@mail.ru

Сафаров Сафаралӣ- ст. 1988 унвонҷӯи ДТМИК Тел: (+992) 985-43-30-37, E-mail:safarali.safarov.2014@mail.ru

БОЗОРИ КОРТҲОИ ПАРДОХТИИ БОНКӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

Дустматов Б.М., Ҳаёев Қ.А.

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон-

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

Зикр намудан бомаврид аст, ки дар шароити муосир васеъ гардонидани фазои бозори пардохтҳои ғайринақдӣ яке аз масоилҳои асосии ҳар як кишвари ҷаҳон ба шумор рафта, аз ҷониби тарафҳои алоқаманди худ ботадриҷ дастгирӣ ёфта истодааст. Маҳз имкониятҳои ин бахши афзалиятнок дар коҳиш додани ҳаҷми пули нақд мусоидат

намуда ва дар шаффоф гардонидани амалиётҳои молиявӣ нақши калидиро мебозад. Бояд гуфт, ки бори аввал ақидаи ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳо бо кортҳои пардохтӣ соли 1880 аз ҷониби олими машҳури Амрикоӣ Эдвард Белла пайдо шуда буд [2 с. 80].

Пас аз ин сол, истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ботадриҷ дар арсаи ҷаҳон шурӯъ гардид. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ бошад, кортҳои бонкӣ аз ҷониби ширкати American Express-и Амрико соли 1958 оварда шуд, ки корти нахустин дар он давра ба Котиби Генералии Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ Михаил Горбачёв тақдим шуда буд [3 с. 79].

Дар ҷумҳурии Тоҷикистон низ, заминаҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ оид ба рушди тиҷорати электронӣ қабул шуда ва дар амал қарор дорад. Бахусус, дар дастурамали №190-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ» чунин ишора шудааст: «Дастурамали мазкур талаботи умумиро нисбат ба ташкилотҳои қарзии молиявие, ки бо бароориш ва эквайринги кортҳои пардохтии бонкӣ машғуланд муқаррар намуда, қоидаҳои гузаронидани амалиётро тавассути онҳо муайян менамояд» [1 с. 1].

Айни замон, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон кортҳои пардохтии Низоми пардохтии миллӣ “Корти миллӣ”, низомҳои пардохтии байналмилалии VISA ва Mastercard, кортҳои муштаракнишони (кобейҷ) низомҳои пардохтии UnionPay ва НПМ «Корти миллӣ» ва кортҳои пардохтии низомҳои дохилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба муомилот бароварда шуда истодаанд.

Соли 2021 аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар маҷмӯъ 3,48 млн. адад кортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шуд, ки нишондоди мазкур нисбати соли 2020 24,4 фоиз афзоиш ёфтааст [5]. Тамоюли афзоиши шумораи кортҳои пардохтии бонкиро метавонем бавоситаи диаграммаи зер мушоҳида карда бошем:

Диаграммаи №1

Тамоюли афзоиши кортҳои пардохтии бонкӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон



Сарчашма: сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj.

Тибқи диаграммаи мазкур ба мо маълум мегардад, ки дар ин солҳо тамоюли афзоиши шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ ба мушоҳида расида, аз 1,6 млн. адади соли 2017 ба 3,4 млн. адад дар соли 2021 расидааст, ки 1,8 млн. адад афзоиш ёфтааст.

Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз низомҳои пардохтии ватанӣ инчунин низомҳои пардохтии байналмилалӣ дар фаъолият қарор доранд, ки метавонем рақобати онҳоро дар диаграммаи навбатӣ дида бошем:



Диаграммаи №2. Ҳиссаи кортҳои пардохтӣ аз рӯи низомҳои пардохтӣ (бо фоиз). Сарчашма: сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj.

Диаграммаи мазкур онро нишон медиҳад, ки байни низомҳои пардохтӣ тамоюли ҳиссагузории бештар аз ҷониби Корти миллӣ ба мушоҳида расида, дар рушди тиҷорати электронӣ нақши назаррас дорад.

Метавон гуфт, ки муҳаррики асосии рушди устувории тиҷорати электронӣ ин афзоиш додани насби шумораи инфрасохтори пардохтӣ дар марказҳои савдою хизматрасонии кишвар ба ҳисоб рафта, барои дорандагони кортҳои пардохтӣ имконияти васеъро муҳайё месозад. Аз ин рӯ, диаграммаи зер инъикоскунандаи ин гуфтаҳост:



Диаграммаи №3.Тамоюли рушди инфрасохтори пардохтӣ дар бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон (адад)

Сарчашма: сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj.

Аз диаграммаи овардашуда маълум мегардад, ки дар ин солҳо бо дарназардошти омилҳои таъсиркунанда, аз ҷониби низоми бонкии кишвар таъмини рушди инфрасохтори пардохтӣ ба назар расида, ботадриҷ дар инкишофи иқтисоди рақамӣ нақши марказиро мебозад.

Қайд кардан бомаврид аст, ки низоми бонкӣ кушиш ба харҷ дода истодааст, ки насби бештари воситаҳои муосири пардохтиро дар саросари минтақаҳои кишвар бароҳ монда ва рушди босуботи ташкилотҳои қарзиро ҳатто дар шароити мурракаби иқтисодӣ таъмин намуда бошад. Диаграммаи навбатӣ инъикоскунандаи ин гуфтаҳост:



Диаграммаи №4. Тамоюли насби инфрасохтори пардохтӣ дар минтақаҳои кишвар дар соли 2021 (адад)

Сарчашма: сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj.

Аз диаграмаи мазкур маълум мегардад, ки насби инфрасохтори пардохтӣ дар кишвар дар марҳилаи афзоиш қарор дошта, метавонад дар ҷалби диққати мизоҷ ва бо ин васила дар рушди низоми бонкӣ мусоидат намояд.

Истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ ин шаҳрвандони кишвар буда, бо сатҳи баланди саводнокии молиявии худ боз ҳам дар рушди низоми бонкӣ ва электронии кишвар саҳми арзанда мегузоранд. Айни ҳол, бавоситаи диаграммаи навбатӣ метавонем мавқеи пешсафии минтақаҳои кишварро дар истифодаи бештари кортҳои пардохтии бонкӣ мушоҳида карда бошем:



Диаграммаи №5. Ҳиссаи минтақаҳои кишвар дар истифодаи бештари кортҳои пардохтии бонкӣ (фоиз)

Сарчашма: сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj.

Тибқи диаграммаи мазкур ба он хулоса омадан мумкин аст, ки байни минтақаҳои кишвар оиди истифодаи бештари кортҳои бонкӣ рақобат вуҷуд дошта, мавқеи пешсафӣ аз ҷониби ш. Душанбе ба мушоҳида мерасад.

Агар ба амалияи арсаи ҷаҳонӣ назар афканем, яке аз кишварҳои тараққинамудаи бозори ғайринақдӣ ин Шветсия буда, таҷрибаи андухтаи он барои дигар давлатҳо шоистаи ибрат аст. Тибқи маълумоти Бонки марказии он, ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ дар ин кишвар дар соли 2020 98,5 фоизро ҷамъбаст намудааст [4 с. 63].

Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз тамоми имкониятҳои худ кушиш намуда истодааст, ки ҳаракати пули нақдро дар муомилот коҳиш дода, рушди устувории пардохтҳои ғайринақдиро дар бозори молиявӣ таъмин намуда бошад. Чунки рушди ин бахш имконият медиҳад, ки ҳукумат ба пуррагӣ амалиётҳои молиявиро дар кишвар таҳти назорат гирифта бошад. Дар диаграммаи навбатӣ метавонем ҳаҷми амалиётҳоро бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдиро дида бошем:



Диаграммаи №6. Ҳаҷми амалиётҳо бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма: сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj.

Тибқи диаграммаи овардашуда маълум мегардад, ки дар ин солҳо ҳаҷми амалиётҳо ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ афзоиш ёфта, дар иқтисодиёти рақамӣ ва ҳадафҳои асосии ҳукумат нақши марказиро мебозад.

Сарфи назар аз таҳлилҳои дар боло қайд кардашуда, метавон гуфт, ки ҳоло ҳам дар кишвар мушкилотҳои мухталиф мавҷуд ҳастанд, ки монеъи рушди бозори ғайринақдӣ гашта, намегузоранд ба таври дилхоҳ рушдкарда бошад, аз ҷумла:

- сатҳи нокифояи маърифати молиявии кормандони низоми бонкӣ;

- суст ба роҳ мондани корҳои ташвиқотӣ;

- меъёри баланди фоиз ҳангоми хизматрасонии терминалҳои электронӣ;

- малакаи пасти кордонии хазиначиёни муассисаҳои савдо;

- нагузоштани Pos-терминалҳо аз ҷониби соҳибкорон;

- сатҳи пасти дастгирии техникии терминалҳои электронӣ.

Вобаста ба мушкилотҳои мазкур истифода намудани омилҳои зеринро саривақтӣ дониста, метавонад дар рушди ботадриҷи тиҷорати электронӣ нақши марказиро бозида бошад:

- боз ҳам такмил додани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии низоми бонкӣ;

- баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии кормандон;

- ташаккули инфрасохтори пардохтӣ;

- таъмини бехатарии истифодаи хизматрасониҳои пардохтии электронӣ;

- андешидани чораҳои ҳавасмандгардонии шахсони ҳуқуқию воқеӣ ҷиҳати истифодаи бештари амалиётҳои ғайринақдӣ.

Бояд гуфт, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар кишвар донисташуда, кушиш намуда истодааст, ки боз ҳам бо такмил додан ва мутобиқ

намудани заминаҳои миъёрӣ-ҳуқуқии худ бо заминаҳои муосир ва насби бештари инфрасохтори пардохтӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ бозори тиҷорати электрониро васеъ гардонида ва бо ҳамин тариқ рушди иқтисоди рақамиро таъмин намуда бошад.

Адабиёт:

1. Дастурамали №190-и Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ”, соли 2019, - 18 с.
2. Маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон «Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ», Душанбе, апрел-июни соли 2021, - 84 с.
3. Маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон «Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ», Душанбе, июл-сентябри соли 2021, - 84 с.
4. Маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон «Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ», Душанбе, апрел-июни соли 2016, - 84 с.
5. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj.

БОЗОРИ КОРТҲОИ ПАРДОХТИИ БОНКӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

Аннотатсия. Муаллиф дар мақолаи мазкур бозори кортҳои пардохтии бонкиро яке аз механизмҳои асосии рушди тиҷорати электронӣ дониста, тамоюли рушди онро дар бозори бонкии кишвар мавриди таҳлил қарор додааст. Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муҳаққиқ мушкилотҳои мухталиф нишондода шудааст, ки монеъи рушди бозори электронӣ гашта, воқеан ҳам намегузоранд ба таври дилхоҳ рушдкарда бошад. Ҳамчунин, муҳаққиқ кушиш намудааст, ки баҳри ҳалли мушкилотҳо ва рушди ботадриҷи тиҷорати электронӣ омилҳои саривақтиро пешниҳоднамуда бошад. Бинобар ин, низоми бонкии кишвар ҳамчун муҳаррики асосӣ баҳри коҳиш додани ҳаҷми

пули нақд дар муомилот ва расидан ба иқтисодиёти рақамӣ тамоми имкониятҳои худро равонакарда истодааст.

Калидвожаҳо: низоми бонкӣ, инфрасохтори пардохтӣ, корти бонкӣ, марказҳои савдо, тиҷорати электронӣ, коҳиши пули нақд, рушди иқтисодӣ.

РЫНОК БАНКОВСКИХ КАРТ И ЕГО РОЛЬ В РАЗВИТИИ ЭЛЕКТРОННОЙ ТОРГОВЛИ

Аннотация. В данной статье автор рассматривает рынок банковских платежных карт как один из основных механизмов развития электронной коммерции и анализирует тенденции развития банковского рынка страны. Следует отметить, что исследователем были выявлены различные проблемы, которые мешают развитию электронного рынка и реально не позволяют ему развиваться так, как хотелось бы. Исследователь также постарался предоставить своевременные факторы для решения проблем и постепенного развития электронной коммерции. Поэтому банковская система страны, как основной двигатель, делает все возможное, чтобы уменьшить количество наличных денег в обращении и добиться цифровой экономики.

Ключевые слова: банковская система, платежная инфраструктура, банковская карта, торговые центры, электронная коммерция, обналичивание, экономическое развитие.

THE BANK CARDS MARKET AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF ELECTRONIC TRADE

Annotation. In this article, the author considers the market of bank payment cards as one of the main mechanisms for the development of e-

commerce and analyzes the trends in the development of the country's banking market. It should be noted that the researcher identified various problems that hinder the development of the electronic market and really do not allow it to develop as we would like. The researcher also tried to provide timely factors to solve problems and gradually develop e-commerce. Therefore, the country's banking system, as the main engine, is doing everything possible to reduce the amount of cash in circulation and achieve a digital economy.

Key words: banking system, payment infrastructure, bank card, shopping centers, electronic commerce, cashing out, economic development.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Дустматов Баҳодур Муродович – ст.1981, н.и.и-и ДДТТ, тел: 918-98-64-64, E-mail: dust-81 mail.ru.

Ҳаёев Қиёмуддин Амонуллоевич - ст. 1995, ассистенти ДДК, тел: 988-00-60-29, E-mail: qiyom1995@mail.ru.

НИЗОМИ БОНКӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР

Зокирова Н.С.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ нишон медиҳад, ки рушди саноат ва беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ба афзун шудани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва пур кардани буҷети давлатӣ мусоидат менамояд. Ислоҳоти иқтисодии тайи солҳои охир амалишудаи давлат ба беҳтар шудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим, мусоидат карда истодааст. Дар даҳ соли охир ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар ҳаҷми зиёда аз 33 миллиард сомонӣ сармояи

мустақими хориҷӣ ворид гардида, қисми зиёди он ба рушди соҳаҳои энергетика, алоқа, сохтмон, истихроҷу коркарди сарватҳои зеризаминӣ ва бунёди инфрасохтор равона шудааст [2,85-86] Барои кишвари мо дастгирии молиявӣ ва ҳуқуқии соҳибкорони истеҳсолӣ, аз ҷумла додани қарзҳои имтиёзноки давлатӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, муаррифии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бартараф намудани монеаҳои ҷойдошта барои рушди саноати дохилӣ, афзун намудани содирот ва босифату рақобатпазир гардондани маҳсулоти саноатӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ аҳамияти бештар дорад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар давоми ду сол моратория эълон намуданд. Инчунин, Роҳбари давлат пешниҳод намуданд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишвар "300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ" амалӣ карда шавад [1].

Дар замони муосир рушди иқтисодиёт, хусусан соҳибкориро бе рушди низоми бонкии мустаҳкам тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар давлатҳое, ки муносибатҳои пулии рушдёфта доранд, маҳз бонкҳо барои рушди ин муносибатҳо ва соҳаи саноати иқтисодиёт такондиҳандаи асосӣ ба шумор мераванд. Низоми бонкии ҳар кишвар дар таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, бахусус пешрафти соҳаҳои саноати давлат, баланд бардоштани иқтидори содиротии соҳаи саноати кишвар, таъсиси ҷойҳои корӣ нав ва васеъ намудани манбаъҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ нақши муҳим мебозад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба натиҷаҳои назаррас дар ин самт ноил гардидааст. Ғайр аз бонкҳо дар

кишвар шумораи зиёди ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ фаъолият менамоянд, ки барои таъмин намудани шаҳрвандон, корхонаҳои соҳаи саноат бо қарзҳои имтиёзнок мусоидат менамоянд.

Дар Паём Пешвои миллат зикр карданд, ки дар 11 моҳи соли 2018 аз ҷониби низоми бонкӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ ба маблағи 7 миллиарду 250 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пешӣ 201 миллион сомонӣ ё 3 дарсад зиёд мебошад. Яъне, новобаста аз вазъи ногувори баъзе бонкҳо дар бозгардони маблағҳои шаҳрвандон, дар низоми бонкии кишвар тамоюли рушд мушоҳида мешавад. Ҳамчунин, вобаста ба талаботи замон амалияи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар беҳтар гардидааст. Сарвари давлат дар Паём роҳбарони сохторҳои масъулро вазифадор намуданд, ки барои ба таври васеъ ҷорӣ кардани амалияи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар пардохти хизматрасониҳо ва низоми савдо дар давоми соли 2019, инчунин, аз ҳисоби мутахассисони ҷавону донишманд, махсусан ҷавондухтарони соҳибмаълумот, пурра кардани ҳайати кормандони ин соҳа тадбирҳо андешанд [1].

Дар баробари низоми бонкӣ, барои таъмин намудани мавқеи пешбарандаи саноат дар иқтисодиёти мамлакат маҷмӯи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникию технологӣ, сармоягузорӣ ва танзими давлатиро ба амал баровардан зарур аст, ки механизми иҷрои онҳо дар доираи Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бояд роҳандозӣ гардад.

Мақсади асосии стратегияи мазкур аз фароҳам овардани шароити мувофиқ барои рушди комплекси саноатӣ дар асоси модернизатсия ва навсозии инноватсионии соҳаҳо, ки самаранокии иқтисодии онҳо, бехатарии техникӣ, экологӣ ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои

энергетикӣ ва рақобатнокии маҳсулоти истеҳсолшавандаро таъмин карда тавонад, иборат мебошад.

Стратегия ҷиҳати рушди саноат, ҳавасмандгардонии таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва пешниҳодҳо оид ба модернизатсия ва азнавтаҷҳизонии корхонаҳои амалкунанда, инчунин таъсиси истеҳсолоти нави саноатӣ дар мамлакат асоси консептуалӣ мебошад.

Дар баробари ин ба мақсадҳои Стратегия муқаррароти зерин мансуб мебошанд:

- ташкил намудани минтақаҳои саноати ҷумҳурӣ (вилоятҳои Суғд, Хатлон ва шаҳри Душанбе);

- таҳкими саноати рақобатнок, устувор, аз ҷиҳати сохтор озмудашуда, ки инкишофи соҳаҳо ва азхудкунии технологияҳои пешқадами ба бозори маҳсулот нигаронидашударо мустақилона роҳандозӣ намояд;

- таъмин намудани рушди устувори мамлакат бо роҳи диверсификатсияи соҳаҳои саноат, бартараф намудани мақоми саноат ҳамчун истеҳсол ва содиркунандаи ашёи хом;

- таъмини баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳалли самарабахши мушкилоти некӯаҳволӣ;

- қатъ намудани ҷараёни ғайрииндустриализатсияи (ғайрисаноаткунонии) иқтисодиёт дар самти суръатафзоии рушди саноат ва аз кишвари агросаноатӣ ба саноатию аграрӣ табдил додани мамлакат;

- аз байн бурдани ақибмондагии техникӣ, технологӣ ва иқтисодӣ, ташаккули иқтисодиёт бо сатҳи миёнаи тараққиёт;

- ба раванди глобализатсия ҳамроҳ гардонидани саноати мамлакат, ноил шудан ба рақобатпазирии баланди маҳсулоти соҳа дар бозорҳои хориҷӣ;

- ҷорӣ намудани таносуби муайяни маҳсулот ба хоҷагиҳои кишоварзӣ ҷиҳати таъмин намудани корхонаҳои коркард бо ашёи хом (меваю сабзавот, растаниҳои техникӣ ва ғайра).

Вазифаҳои муҳимтарин барои ноил гардидан ба мақсадҳои дар боло зикршуда аз инҳо иборатанд:

- суръатбахшии устувори рушди саноат нисбат ба дигар соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёти кишвар;

- мунтазам баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, афзун намудани ҳосилнокии меҳнат ва қобилияти сармоягузориҳо ва захираҳои он;

- таъмин намудани фазои солими сармоягузорӣ, тадриҷан зиёд гардонидани сармоягузории дохилию хориҷӣ;

- суръатбахшӣ ба навсозии фондҳои асосӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии онҳо, таҷдиди таҷҳизоти техникӣ, азнавтаҷҳизонии техникии корхонаҳои саноатӣ, паст гардонидани энергияталабии истеҳсолот;

- тадриҷан баланд бардоштани вазни қиёсии маҳсулоти ниҳоӣ дар таркиби маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ;

- ҳифзи манфиатҳои иқтисодии субъектҳои фаъолияти саноатӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ;

- афзалият додан ба дигаргунсозии куллии сохторӣ, аз ҷумла тағйир додани самти фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, бо мақсади мутобиқгардонии онҳо ба талаботи тағйирёбандаи иқтисодиёти бозаргонӣ;

- ҷорӣ намудани навовариҳои техникию технологӣ дар истеҳсолоти саноатӣ, фароҳам овардани муҳити мусоид ҷиҳати фарогирии васеи корхонаҳо ба ҳаракати амалисозии дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва технологияҳои муосир;

- инкишофи мунтазами бахши хусусӣ дар иқтисодиёт, такмили соҳибкории истеҳсолӣ дар саноат;

- ташкили муҳити мусоиди меъёрию техникӣ бо мақсади таъмини рақобатпазирии маҳсулот, истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунандаи ба содирот нигаронидашуда, гузариш ба стандартҳои байналмилалии сифат;

- таъсиси иншооти замонавии инфрасохтори бозор (марказҳо ва толорҳои намоиши маҳсулот, системаи логистикӣ), рушди алоқаҳои тиҷоратӣ;

- ташкили кооператсияи дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ, амалисозии чорабиниҳои интегратсионӣ;

- ҳавасмандгардонии фаъолнокии сармоягузорӣ барои ташаккули истеҳсолоти илмталаб ва инноватсионӣ;

- ташкил ва васеъгардонии такрористеҳсолкунии захираҳои меҳнатӣ, такмили системаи омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисони муҳандисӣ-техникӣ ва кадрҳои коргарӣ, ки қобилияти пешбурди истеҳсолотро дар шароити бозори озод дошта бошанд;

- таъмини ҳамкории мутақобилан судманд байни корхонаҳои саноатӣ ва бахши молиявии иқтисодиёт [3].

Адабиёт:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26.12.2018)
2. Бегентаев М.М. Экономика промышленности: учебное пособие для студентов экономических специальностей / - Павлодар. Кереку, 2008-137 с.
3. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018, таҳти №159)
4. Иззатов Б. Рушди иқтисодӣ аз низоми бонкӣ вобастагии калон дорад / Б. Иззатов // Ҷумҳурият. – 2019. – 13 феврал. –№33.

НИЗОМИ БОНКӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур низоми бонкӣ ва нақши он дар саноатикунонии босуръати кишвар мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Низоми бонкӣ омили муҳимми устувории сиёсию иҷтимоии ҷомеа муаррифӣ гардидааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ муҳиммият ва зарурияти саноатикунонии босуръати кишварро муайян карда, вобастагии онро аз низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Ҳамчунин, муаллиф мушкилот ва монеаҳои соҳаҳои саноатро нишон додаанд. Ба ақидаи мо, мавҷудияти шароити номусоид дар соҳаи саноат аз шарту шароитҳои зерин вобаста мебошад: таназзули иқтисодии мамлакат, дараҷаи баланди фоизи солонаи қарзҳои бонкӣ ба соҳаҳои саноати кишвар, суръати пасти рушди соҳаҳои саноат.

Калидвожаҳо: саноатикунонӣ, низоми бонкӣ, дастгирии молиявӣ, қарзҳои бонкӣ, соҳибкории истеҳсолӣ.

БАНКОВСКАЯ СИСТЕМА И ЕЕ РОЛЬ В УСКОРЕНИИ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ СТРАНЫ

Аннотация. В данной статье рассматривается банковская система и ее роль в ускорении индустриализации страны. Банковская система является важным фактором политической и социальной стабильности общества. На основе анализа научной литературы автор определяет важность и необходимость ускоренной индустриализации страны и показывает ее зависимость от банковской системы Республики Таджикистан. Также автор выделяет проблемы и препятствия отрасли. По нашему мнению, наличие неблагоприятных условий в промышленном секторе зависит от следующих

условий: экономического спада в стране, высоких годовых процентных ставок по банковским кредитам для промышленности страны, низких темпов развития промышленности.

Ключевые слова: индустриализация, банковская система, финансовая поддержка, банковские кредиты, производственного предпринимательства.

THE BANKING SYSTEM AND ITS ROLE IN ACCELERATING THE INDUSTRIALIZATION OF THE COUNTRY

Annotation. This article discusses the banking system and its role in accelerating the industrialization of the country. The banking system is an important factor in the political and social stability of society. Based on the analysis of scientific literature, the author determines the importance and necessity of the accelerated industrialization of the country and shows its dependence on the banking system of the Republic of Tajikistan. The author also highlights the problems and obstacles of the industry. In our opinion, the presence of unfavorable conditions in the industrial sector depends on the following conditions: the economic downturn in the country, high annual interest rates on bank loans for the country's industry, low rates of industrial development.

Key words: industrialization, banking system, financial support, bank loans, industrial entrepreneurship.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Зокирова Н.С. – магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-25010410-менеҷменти молиявӣ.-и Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб.

ГУЗАРИШИ ТОҶИКИСТОН БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ПАЁМАДҲОИ ОН

Низомова Ш.Ю., Наврӯз Н.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

Дар охири асри XX ва аввалҳои асри XXI рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ босуръат пешравии илму техника, ки ин заминаест барои ба дараҷаи баландтари тараққиёти иктисодиёт гузаштани мамлакатҳо. Гузариш ва рушди иқтисоди рақамӣ ин раванди мушкил вале тақозои замон аст ва набояд фаромӯш сохт, ки ин роҳи нисбатан қулайтари расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ аст. Аз ин рӯ, Тоҷикистонро зарур аст, ки барои дар сатҳи зарурӣ доду гирифт намудан дар муносибатҳои байналхалқӣ, амалан бояд кӯшиш намояд, ки маҳсулотҳои дар бозори ҷаҳонӣ пешниҳод намудааш рақобатпазир бошанд.

Яке аз омилҳои асосие, ки барои суръатбахшии ва рушди иқтисоди рақамӣ ва татбиқи рақамикунонӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар бозори иттилоот хизматрасонӣ ва таҳлили вазъияти рақамикунонӣ дар ҷумҳурӣ ва инкишофи минбаъдаи он мебошад. Истифодаи васеи технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) ба иқтисоди рақамӣ дар шакли тақсимот ва татбиқи васеъ паҳн мешавад [4, 258].

Аслан, иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳон аз солҳои 50-60-уми асри 20 вусъат ёфтан гирифтанд. Дар ин солҳо рушди иқтисоди рақамӣ асосан ҳангоми автоматикунии технологияҳои мавҷуда ва равандҳои тиҷоратӣ дида мешуд. Баъдан дар солҳои 90-ум дар ҳаёти ҷомеа ба таври глобалӣ Интернет ва алоқаи мобилӣ ҷорӣ гардид. Аз даҳсолаи аввали саддаи 21 ҷаҳони муосир ба марҳилаи нави технологӣ дохил гардид, ки он ҳамаи сарҳадҳоро рахна сохта, асоси иқтисодиёти инноватсионии постиндустриалиро гузошт. Ҳангоми рушди

технологияҳои навин аз он ҷумла, рақамӣ тағйиротҳои системавӣ дар ҳамаи соҳаҳои соҳибкорӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва ҳамчунин шаклҳои нави ташкили кори роҳбарӣ, қишрҳои давлатӣ ва хусусии иқтисодиёт ба вуҷуд омаданд [2]. Дар асл бошад, як насли ҷадиди иқтисодиёт тавлид меёбад, ки онро «иқтисодиёти рақамӣ» меноманд. Худи мафҳуми «иқтисоди рақамӣ» нисбатан ба наздикӣ ва барои он пайдо шуд дар давоми 7-8 соли охир аз журналистикаи илмӣ ба ВАО гузашт ва ҳоло ин ном дар мавриди истифодаи умумӣ қарор дорад [5 с. 56]. Қайд кардан зарур аст, ки ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳон дар ҳолати рушд қарор дорад хусусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Новобаста аз оне, ки ин мафҳум дар соли 1995 аз тарафи Н. Негропонте ба илм ворид гардида ва дар адабиётҳои илмӣ он зиёд дида шавад ҳам аммо, мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ» то ҳол таърифи муайяни худро наёфтааст. Масалан олимони рус Н.А. Стефанов ва А.П. Седов дар мақолаи «Модели иқтисодиёти рақамӣ» чунин қайд намудаанд «иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун як намуди нави иқтисодиётест, ки дар он нақши калидиро базаи маълумотҳо ва интиқоли онҳо ичро менамояд. Инчунин, тарзи истеҳсоли маҳсулот ва ба фуруш гузоштани онро низ ифода менамояд [3]. Таърифи дигаре, ки аз тарафи Бонки Ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст иқтисоди рақамӣ ин низоми муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданиест, ки бо истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионии рақамӣ асос ёфтааст ва молу хизматрасониҳо тариқи интернет истифода менамоянд. Ба ақидаи мо бошад, иқтисодиёти рақамӣ ин ҳама гуна фаъолияти иқтисодие, ки марбут ба истеҳсол, фурӯш ва истеъмоли молу хизматҳо, ки он бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва ҳамчунин тиҷорати электронӣ, ба амал бароварда мешавад, фаҳмида мешавад. Аз таърифҳои овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки иқтисодиёти рақамӣ ин ҳама гуна фаъолияти иқтисодие, ки марбут ба

истеҳсол, фуруш ва истеъмоли молу хизматҳо, ки он бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва ҳамчунин тиҷорати электронӣ, ба амал бароварда мешавад, фаҳмида мешавад.

Дар солҳои охир равандҳои иқтисодиёти рақамӣ дар Тоҷикистон низ ҷорӣ шуда истодааст. Таҳлилгарони ширкатҳои байналхалқии консалтингӣ дар асоси маълумотҳои омории давлат тайи солҳои 2016-2017 изҳор медоранд, ки ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 0,56% -ро ташкил медиҳад.



	Казокистон	Узбекистон	Киргизистон	Точикистон	Туркменистон
Индекс EGDI	0,7597	0,6207	0,5835	0,422	0,3652
Онлайнхизматрасони (OSI)	0,8681	0,7917	0,6458	0,3403	0,1319
ТИК (TII)	0,5723	0,3307	0,3418	0,2254	0,3011
Сармояи инсони (HCI)	0,8388	0,7396	0,7628	0,7002	0,6626

Расми 1. Тоҷикистон дар манзари умумиҷаҳонии равандҳои рақамикунонӣ.

Манбаъ: тартибдодаи муаллиф аз рӯи маълумотҳо [4 с. 3].

Чуноне аз таҳлилҳои гузаронидашуда маълум мегардад, Тоҷикистон аз дигар давлатҳо аз он ҷумла давлатҳои Осиёи Марказӣ аз рӯи якчанд нишондиҳанда, аз ҷумла дараҷаи рақамикунонӣ, дараҷаи сармоякунонии коммуникатсияҳои рақамӣ, суръати рушди ҳосилнокии меҳнат ва ғ., ақиб монда истодааст.

Яке аз нишондиҳандае, ки Тоҷикистон дар манзари умумиҷаҳонии равандҳои рақамикунонӣ чӣ гуна мавқеъ дорад, ин Рейтинги ҳукумати электронӣ, ки аз тарафи СММ дар асоси таҳқиқотҳои умумиҷаҳонӣ ба даст омадааст, мебошад. Таҳқиқоти

ҳукумати электронӣ аз тарафи СММ гузаронида шуда, фарогири 193 давлати ҷаҳон буда, дар ҷадвали дар боло оварда шуда, давлатҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2018 мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар рейтинги мазкур Тоҷикистон мутаносибан дар ҷойи 131, Туркменистон – 147, Қирғизистон – 91, Узбекистон – 81 ва Қазоқистон бошад дар мавқеи 39 ҷойгир аст. Ҷуноне, ки аз ҷадвал маълум аст, Тоҷикистон дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷойи 4-умро ишғол менамояд. Аз рӯи индекси EGDI Тоҷикистон аз давлати Қазоқистон, Узбекистон ва Қирғизистон мутаносибан бо нишондоди - 0,3377, - 0,1987 ва - 0,1615 паст буда, аз давлати Туркменистон бошад 0,0568 баланд мебошад.

Дар Паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати мамлакат дастур дод, ки соли 2020 ҷиҳати ба 87,4 миллиард сомонӣ расонидани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо суръати афзоиши он дар сатҳи 7,8 фоиз ва дар ҳаҷми 26 миллиард сомонӣ таъмин кардани қисми даромади буҷет чораҳои зарурӣ андешанд. Ҳукуматро, ҳамчунин, зарур аст, ки дар 7 соли оянда суръати афзоиши воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилиро дар як сол 7-8 фоиз, афзоиши ҳаҷми онро беш аз 1,8 баробар ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,7 баробар таъмин намуда, ҷиҳати ба 45 фоиз расонидани ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ва то 18 фоиз паст намудани сатҳи камбизоатӣ нақшаҳои тасдиқгардидаро босифат амалӣ намояд. Инчунин, вазифадор карда мешавад, ки бо мақсади ҳарчӣ зудтар ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар Паёми соли гузашта таъкид гардида буд, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар асоси он барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамиро қабул ва амалӣ созад [6 с. 34]. Қайд кардан бомаврид аст, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020 - 2040 – “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ

дар соҳаи илму маориф” эълон гардидааст, ки ин имконият медиҳад, ки барои тайёр намудани чунин мутахассисон ба монанди муҳандис – иқтисодчӣ, муҳандис – барномасоз, веб – дизайнер, мутахассиси ТИ, ки дар оянда метавонанд барои рушди иқтисоди рақамӣ саҳми муборриз гузоранд. Рушд ёфтани технологияҳои рақамӣ дар Тоҷикистон барои расидан ба ҳамаи Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ) аҳамияти муҳим дорад. Гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ барои Тоҷикистон (на фақат барои мо, балки барои ҳамаи давлатҳо) аз бисёр ҷиҳат манфиатовар аст, аз ҷумла, барои суръатбахшии рушди соҳибкории хурд ва миёна, баландбардории ҳосилнокии меҳнат, афзоиши рақобатнокӣ ва дар умум рушди иқтисоди миллӣ ба амал меояд [1]. Ба фикри мо барои рушд додани иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин пешниҳодҳо аз аҳамият холи нест.

- Ташаккул ва рушди хизматрасониҳои онлайни дар тамоми соҳаҳои мамлакат
- Истифодаи технологияҳои рақамӣ аз ҷониби мақомотҳои маҳаллӣ
- Дастраси доштан ба интернети баландсуръат дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ

Адабиёт:

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 26.12.2018 [захираи электронӣ]. - URL:http://www.prezident.tj/node/19088 (санаи истифодабарӣ: 15.10.2021)
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон [захираи электронӣ]. URL:https://mfa.tj/tg/main/view/2104/strategiyai-millii-rushdijumhurii-tojikiston-baroi-davrai-to-soli-2030. (санаи истифодабарӣ: 01.10.2021)

3. Каткова М.А., Титова Ю.С. Цифровая экономика: содержание и тенденции развития //Изв. Сарат. ун-та. Нов. сер. “Экономика. Управление. Право”. -2019. - Т.19. - Вып. 3. - С. 257-264.

4. [Электронный ресурс] М.А. Каткова, Ю.С. Титова. Режим доступа: https://doi.org/10/18500/1994-2541-2019-19-9-3-257-264 // (Дата обращения 16.10.2021)

5. Ильченко А.И., Ильченко К.А. Цифровая экономика как высшая ступень развития инфокоммуникационных технологий // Современные наукоемкие технологии. Региональное приложение (экономические науки). - 2018. - № 3 (55.) – С. 56-63

6. Стефанова Н.А., Седова А.П. Модель цифровой экономики // Карельский научный журнал. - 2017. - Т. 6. №1 (18). - С. 91-93. [Электронный ресурс] Стефанова Н.А., Седова А.П.Режим доступа: URL: https://elibrary.ru/downloand/elibrary _28875081_ 45712106.pdf (Дата обращения: 20.10.2021)

7. Азизкулов Д.М. Цифровая экономика: понятие, особенности и перспективы на российском рынке// Вектор экономики. - 2018. - № 3 (21). - С 62-72. [Электронный ресурс] Азизкулов Д.М. Режим доступа:URL:https://elibrary.ru/download/elibrary_32751051_13924538.pdf (Дата обращения: 10.11.2021).

8. Доклад о цифровой экономике. ООН. 2019. [электронный ресурс] https://unctad.org/en/PublicationsLibrary/der2019_overview_ru.pdf (дата обращения 26.09.2021г.)

ГУЗАРИШИ ТОҶИКИСТОН БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ПАЁМАДҲОИ ОН

Аннотатсия. Мисолҳои мушаххас оварда шудаанд, ки афзалиятҳои иқтисоди рақамро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф мекунанд: нуфузи

амиқи технологияҳои рақамӣ ва баландшавии дукаратаи суръати васлшавӣ ба ИНТЕРНЕТ. Хосиятҳои нави иқтисодиёти рақамӣ ҷудо карда шудаанд: намудҳои асосии маҳсулот, ташаккули сохторҳои иттилоотӣ шабакавӣ, тағйир ёфтани таносуб ва самтҳои активҳои сармоягузорӣ, баланд шудани нақши меҳнати эҷодӣ; пайдо шудани технологияҳои нав дар идоракунӣ ва ғайра. Бартариҳои иқтисодиёти рақамӣ дар Тоҷикистонро нуфузи амиқи технологияҳои мавриди омӯзиш ба истеҳсолот ва рушди алоқаи телефони мобилӣ тавсиф мекунанд.

Калидвожаҳо: инноватсия, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ иқтисодиёти рақамӣ, рақамисозӣ, интернет - технологияҳо, бозори хизматрасонии иттилоотӣ.

ПЕРЕХОД ТАДЖИКИСТАНА В ЦИФРОВУЮ ЭКОНОМИКУ И ЕГО ПОСЛЕДСТВИЯ

Аннотация. Рассматривается понятие «цифровая экономика» и её связь с информационно коммуникационными технологиями XXI века. Изучено текущее состояние и внедрение цифровой экономики в Республике Таджикистан и дальнейшие перспективы еѐ использования в промышленности и в государственных услугах в рамках Национальной стратегии Республики Таджикистан на период до 2030 г. Приводятся конкретные примеры, характеризующие преимущества цифровизации таджикской экономики: глубокое проникновение мобильных технологий и двукратное повышение скорости подключения к Интернету. Выделены новые свойства цифровой экономики: основной вид продукта; формирование информационно-сетевых структур; изменение пропорций и направлений инвестиционных активов, возрастание роли творческого труда;

появление новых технологий в управлении и др. Преимущества цифровизации экономики Таджикистана характеризуются глубоким проникновением изучаемых технологий в производство и развитостью мобильной телефонной связи.

Ключевые слова: инновации, информационно-коммуникационные технологии, цифровая экономика, цифровизация, интернет-технологии, рынок информационных услуг

DIGITAL OF ECONOMY DEVELOPMENT STRATEGY IN THE CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Annotation. The authors consider the notion “digital economy” and its connection with informationalcommunicational technologies of the XXI-st century. They have studied the current state of digital economy, its inculcation in the Rebuplic of Tajikistan, further prospects of its utilization in industry and state services in the frames of National Strategy of Tajikistan Republic for the period up to 2030. Concrete examples being adduced characterize the advantages of digitalization of Tajik economy: deep penetration of mobile technologies and twofold acceleration for being switched on to Internet. The following new properties of digital economy are singled out: main kind of product, formation of information-networks structures, alteration of proportions and targets of investitive assets, elevation of the role of creative labour, upspringing of new technologies in management and others. The advantages of economy digitalization are characterized with a deep penetration of the technologies studied into manufacturing and with an adequate development of mobile telephone communication.

Key words: innovations, informational-communication technologies, digital economy, digitalization, Internet-technologies, information services market .

Маълумот дар бораи муаллиф:

Низомова Ш. Ю. – саромӯзгори кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи технология ва менечменти инноватсиони дар шахри Кулоб.

Наврӯз Носири – н.и.и, дотсенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ.

ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА МУҲИМИЯТИ ТАДБИҚИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Ҳасанов М. Б.

Донишгоҳи давлатии Данғара

Бо пешрафти илму техника, ҷаҳони иқтисод низ бомаром тағйир меёбад. Аз ин ҷост, ки солҳои охир бо дар назардошти тағйирёбии авзои иқтисодию сиёсии ҷаҳон нақши технологияҳои муосир ва навгониҳои электронию рақамӣ дар идоракунии давлатӣ ҳарчи бештар меафзояд. Технологияҳои навтарин метавонанд самаранокии истеҳсолот ва равандҳои тиҷоратро баланд бардорад ва равандҳои анъанавӣ ва усулҳои корӣ бо баробари воридшудани технологияҳои нав ба тамоми соҳаҳо ва соҳаҳои нави фаъолияти инсон тағйир диҳад.

Дар солҳои охир рушди технологияҳои нав ба пайдоиши бозорҳои бузурги алоқаи мобилӣ, хизматрасониҳои интернет оварда расонидааст ва технологияҳои нав ба баъзе паҳлуҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидории муқарраршуда таъсири тағйирдиҳанда ворид мекунанд, ки асосан аз иваз кардани механизмҳои андоз бо рақамӣ (ё унсурҳои рақамӣ) ва инчунин, такомули минбаъда иборат аст [4].

Аввалин маротиба истилоҳи "иқтисоди рақамӣ"-ро олим Дон Тапскотт дар китоби худ истифода кардааст "Иқтисоди рақамӣ: дурнамо ва хатарҳо дар асри иктишофии шабакавӣ", ки соли 1995 нашр шудааст истифода намудааст. Олим дар зери ин мафҳум ҳамаи он амалҳои иқтисоди-иҷтимоии ки танхо бо истифодаи технологияи информатсионӣ-комуникатсионӣ иҷро намудан мумкин аст дарҷ намудааст [7].

Иқтисоди рақамӣ гуфта, фаъолияти иқтисоди дар асоси технологияҳои рақамии марбут ба тиҷорати электронии рақамӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, тақвияти истеҳсолоти рақамиро дар назар дорад. Рақамикунонии иқтисодиёт барои таъсис додани модели нави идоракунии рақамӣ дар рушди иқтисодиёт, татбиқи навгониҳои рақамӣ дар истеҳсолот, ҷалби сармояи хориҷӣ, таҳкими тамоюли содиротӣ, тақвияти маҳсулоти воридотивазкунанда ва дарёфти роҳҳои хизматрасонии рақамӣ нигаронида шудааст.

Ба ақидаи олимони рус Стефанов Н.А. Почебут В.А. иқтисоди рақамӣ ҳамчун навъи иқтисоди имкониятҳои зиёдро дорро мебошад ба монандӣ: - ҳолати физикии объект, маҳсулот бо массиви иттилоотӣ иваз карда мешавад;

- хароҷоти захираҳо барои истеҳсоли маҳсулоти электронӣ хеле кам мешавад;

- пешниҳоди гурӯҳҳои алоҳидаи молҳо, пешниҳоди хизматрасонӣ дар шакли электронӣ;

- нигоҳдории маълумот дар васоити электронӣ дар анборҳои дурдасти маълумот ё дар меъмории абрӣ;

- ташкили сомонаҳои интернетии ҷаҳонӣ;

- фурӯши ҷаҳонии мол тавассути интернет.

Mastercard ва Мактаби ҳуқуқ ва дипломатия ба номи Флетчер тадқиқоти якҷоя гузаронд дар соли 2017, ки натиҷаи он рейтинги сатҳи рушди иқтисодиёти рақамӣ дар дунё мебошад [3].

Натиҷаҳои ин таҳқиқот дар ҷадвали 1 оварда шудаанд, ки дар он ҳамаи кишварҳо ба 4 тақсим шудаанд аз рӯи сатҳи рушди иқтисодиёти рақамӣ гурӯҳҳо ҷудо мекунанд.

Ҷадвали 1

Гурӯҳи давлатҳо аз рӯи рушди иқтисоди рақамӣ	Шарҳи гурӯҳҳо	Рӯйхати давлатҳо
Топ-лидерҳо	Давлатҳои дорои иқтисоди рақамии баланд.	Сингапур, Британияи Кабир, АМА, Зеландияи нав, Исроил, Ганконг.
Суструшдшаванда	Давлатҳое, ки муҳлати зиёд натиҷаи муътадил нишон дода, вале вақтҳои охир натиҷаи паст нишон дода истодааст.	Кореяи ҷанубӣ, Австралия.
Тараққикунанда	Давлатҳое, ки дар қуллаи баланди иқтисоди рақамӣ ҷой дошта рушди устувор нишон медиҳанд.	Чин, Ҳиндустон, Россия, Малайзия, Мексика, Индонезия, Бразилия, Чилӣ, Кения, Филипин.
Қафомонда	Давлатҳое, ки дараҷаи пасти иқтисоди рақамиро дорад ва суръати рушди онҳо суст мебошад.	ҶАҶ, Перу, Миср, Покистон, Юнон.

Ҷадвали 1. **Гурӯҳи давлатҳо аз рӯи рушди иқтисоди рақамӣ**

Бисёре аз кишварҳои ҷаҳон ногузир будани иқтисоди рақамиро дарк намуда, барои инкишофи он кушиш намуда истодаан.Дар баробари ин, кишварҳои гуногун дар рушди иқтисоди рақамӣ ҳадафҳои гуногун доранд, ки онро дар ҷадвали 2 дидан мумкин аст [6].

Ҷадвали 2

Кишварҳо	**Ҳадафҳои асосии рушди иқтисоди рақамӣ**
ИМА	Пешвои дар тиҷорати байналмилалии рақамӣ
Чин	Мустаҳкам кардани мавқеи пешвои ҷаҳонӣ дар соҳаи технологияи баланди рақамӣ
Британияи Кабир	Сохтани киберфазои рақамӣ
Олмон	Гузариши кишвар ба истеҳсоли рақамӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳо рақамӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа
Сингапур	Раҳбарӣ дар рушди иқтисодиёти рақамӣ ва рушд иқтисоди рақамии худ
Япония	Ба вучуд овардани чамъияти нави ба одамон нигаронидашудатавассути технологияҳои рақамӣ
Россия	Рушди муассири институтҳои иқтисоди рақамӣ

Ҷадвали 2. **Ҳадафҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти рақамӣ дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти равандҳои рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар самти рақамикунонии иқтисодиёти миллии мамлакат заминаҳои бунёдӣ гузошта, дар ин самт тадбирҳои мушаххас меандешад. Барои пурра гузаштани Тоҷикистон ба иқтисодиёти рақамӣ тамоми имкониятҳои зарурӣ муҳайё буда, заминаи асосии онро ташаккули ҳукумати электронӣ гузоштааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сатҳи

маърифати техникии қишрҳо ва сохторҳои гуногуни ҷомеа ва ҳамаҷониба татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар иқтисоди миллии кишвар ва бо мақсади амалисозии стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушд бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул ва тибқи марҳилаҳои муайянгардида то соли 2020 амалӣ мегардад [5].

Рушди иқтисодиёти рақамӣ аз афзоиши бозорҳои мустақим бо технологияҳои рақамӣ ва мобилӣ вобаста буда, тиҷорати онлайн (тиҷорати электронӣ), хизматрасонии молиявӣ (масалан, онлайн-банкинг), хидматрасонии интернети иҷтимоӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, ҷараёнҳои онлайн, бозиҳои онлайнӣ), маориф, тандурустӣ (кортҳои электронии амбулаторӣ, саломатии рақамӣ), инчунин хизматҳои давлатиро дар бар мегирад [4].

«Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018 ва мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2019, «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 дар бораи “Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тасдиқ шудааст.

Барои татбиқи иқтисоди рақамӣ дар Консепсия се марҳила муайян гардидааст, ки марҳилаи якум то соли 2025 идома ёфта, он бо роҳи татбиқи ҳукумати электронӣ дар се давра, гузаштан ба

модели идоракунии электронӣ тавассути муросилоти ҳуҷҷатҳо, омода намудани кадрҳои соҳибтахассус, таъсиси модели идоракунии табодули рақамӣ, муайян кардани нишондиҳандаҳои калидии мақсадноки дастовардҳои табодули рақамӣ ва маблағгузорӣ барои ташакулли иқтисоди рақамиро ба нақша гирифтааст.

Марҳилаи дуюм то соли 2030-ро дар бар гирифта, дар ин давра таъмини дастрасии фароҳмавҷ, амнияти иттилоотӣ, кибернетикӣ ва технологияҳои абрӣ, таъсиси платформаҳо ва рушди хизматрасонии рақамӣ, таъминоти иттилоотӣ ва оғози лоиҳаҳои пилотиро амалӣ менамояд.

Марҳилаи охирони табодули рақамӣ то соли 2040 таҳкими минбаъдаи асосҳои ғайирақамӣ ва рақамӣ дар ҷумҳурӣ ва оғози лоиҳаҳои рақамиро дар соҳаҳои иҷ тимоӣ мутобиқи афзалиятҳои дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 пешбинӣ гардида, ки дар навбати аввал кишоварзӣ, энергетика, телекомуникатсия, нақлиёт, соҳаи хизматрасонӣ, фарҳанг, маориф, тандурустӣ саноат, аз ҷумла истихроҷи маъданҳои куҳӣ, савдоро дар бар мегирад.

Барои татбиқи босамари иқтисоди рақамӣ ширкати фаъолонаи мақомотҳои маҳал, сохторҳои давлатӣ, соҳибкорону сармоягузорон, зиёиён, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ниҳодҳои илмию таълимӣ ва дигар узвҳои фаъоли ҷомеа хеле муҳим арзёбӣ мегардад [2].

Аз ин лиҳоз, масъалаҳои барои рушди иқтисодиёти кишвар басо муҳим ба монанди таъмини дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, табдил ба кишвари транзитӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои

хушсифат, саноатикунонии босуръати кишвар ва таъмини шуғли пурсамар дар заминаи он таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дар ниҳоят рақобатпазирии Тоҷикистон дар шароити рақамисозии иқтисодиёт пеш аз ҳама, ба ташаккули захираҳои инсонӣ бо истифода аз техника ва технологияҳои муосир хеле марбут аст.

Адабиёт:

1. Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004;
2. Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 тасдиқ шудааст;
3. Королева С.И., Малшков В.И., Горелова Т. П. Нақши иқтисоди рақамӣ дар тиҷорати имрӯза // Бюллетени Академия. 2017. №3. С. 5-11;
4. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642;
5. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643;
6. Положихина М. А. Иқтисоди рақами ҳамчун падидаи иҷтимоии-иқтисодӣ // Мушкилии иқтисоди ва иҷтимоои Россия. 2018. №1;
7. Tsakaev A.Kh., Khadzhiev M.R.Taxation and transfomations to the digital economy conditions // Industry 4.0. 2019. T. 4. № 3. P. 134–137 ;

ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА МУҲИМИЯТИ ТАДБИҚИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Аннотатсия. Дар мақола муаллиф дар масъалаи иқтисоди рақамӣ мафҳум ва моҳияти он, самтҳои асосии рушди иқтисоди рақамӣ дар давлатҳои хориҷӣ ва иқтисоди миллӣ, имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ва таҳлили камбудиҳо ва бартариҳои иқтисоди рақамӣ маълумот ҷамъ овардааст.Бо дар назардошти зудивазшавии вазъи иқтисодии ҷаҳон ҳар як давлат роҳу усулҳои навро барои нигоҳдории иқтисоди худ пешбинӣ менамояд, ки яке аз ин усулҳо, ин рушди иқтисоди рақамӣ мебошад, ки ба рақобатпазирии иқтисоди миллӣ оварда мерасонад.

Калидвоҷаҳо: иқтисоди рақамӣ, иқтисоди миллӣ, консепсия, стратегия, комуникатсия, ҳукумати электронӣ.

ЦИФРОВАЯ ЭКОНОМИКА И ЗНАЧЕНИЕ ЕЕ РЕАЛИЗАЦИИ В ЭКОНОМИКЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ

Аннотация. В статье автор предоставляет информацию о понятии и сущности цифровой экономики, основных направлениях развития цифровой экономики в зарубежных странах и национальной экономики, потенциале Республики Таджикистан в этой сфере и анализирует преимущества и недостатки цифровой экономики предусматривает новые пути поддержания своей экономики, одним из которых является развитие цифровой экономики, что приведет к повышению конкурентоспособности национальной экономики.

Ключевые слова: цифровая экономика, национальная экономика, концепция, стратегия, коммуникация, электронное правительство.

DIGITAL ECONOMY AND THE SIGNIFICANCE OF ITS IMPLEMENTATION IN THE NATIONAL ECONOMY

Annotation. In the article, the author provides information about the concept and essence of the digital economy, the main directions of development of the digital economy in foreign countries and the national economy, the potential of the Republic of Tajikistan in this area and analyzes the advantages and disadvantages of the digital economy, provides new ways to maintain its economy, one of which is the development of a digital economy, which will increase the competitiveness of the national economy.

Key words: digital economy, national economy, concept, strategy, communication, e-government.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Ҳасанов Муҳамадҷон Бадриддинович – Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи иқтисоди инноватсионӣ ва тиҷорати соҳавӣ. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.Данғара, кучаи марказӣ 25. E-mail: **mukhammad.khasanov.20@inbox.ru.** Телефон: **985-63-84-43.**

МАСЪАЛАҲОИ САНОАТКУНОНИИ БОСУРЪАТ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Орифҷанова В.Р., Исломова Г.С., Набиева М.Ш., Сулаймонов А.Э., Миришабов Ф.М.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Саноатикунонӣ – раванди гузариши босуръати иҷтимоию иқтисодӣ аз марҳилаи анъанавии рушд ба марҳилаи саноатӣ бо бартарии ҳиссаи истеҳсолоти саноатӣ дар иқтисодиёт, мебошад. Ин раванд бо инкишофи техникаи нав, махсусан дар чунин соҳаҳои саноат, монанди энергетика, металлургия ва машинасозӣ алоқаманд аст. Саноатикунонӣ — ин ба вуҷуд овардани саноати калони аз ҷиҳати

техникӣ мукаммал, зиёд кардани ҳиссаи саноат дар иқтисодиёт мебошад [1].

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба парлумони кишвар соли 2018 қайд намуданд, ки « Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Бо дарназардошти ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 22 фоиз афзоиш ёбад» [3]. Баъди эълон гардидани саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд барномаю стратегияҳои давлатӣ дар самти рушди соҳаи саноат бо Қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда шуданд. Аз ҷумла, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022; Барномаи рушди саноати хуроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 [5].

Қайд кардан зарур аст, ки таҳияи СМР-2030 ба се шарт (принсип)-и муҳими рушди оянда асос ёфтааст: 1) пешгирӣ ё пешгӯӣ кардани осебпазирии рушди оянда; 2) саноаткунонӣ ё баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ ва 3) навоварӣ (инноватсия).

Истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ ва табиӣ, инчунин таҳкими иқтидори рушди институтсионалӣ дар самти баланд бардоштани самаранокӣ, диверсификатсия ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ хусусияти саноатии рушди ояндаро муайян намуда, гузаришро аз сохтори агросаноатӣ ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ таъмин менамояд.

Мақсади олии рушди дарозмуддати Тоҷикистон дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии

мардуми кишвар мебошад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушд масъалаҳои зерин муайян карда шудаанд: 1) таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки нерӯи барқ; 2) роҳи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдили кишвар ба кишвари транзитӣ; 3) таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои босифат; 4) вусъат додани шуғли пурмаҳсул барои то соли 2030.

Мутахасисон қайд намуданд, ки дар кишвар се мушкилоти асосӣ истодаанд: - 1) ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ки бо кишварҳои сатҳи миёнаи дорои сатҳи даромади миёна муқоиса карда шавад; 2) таъмини рушди устувор тавассути диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ; 3) васеъ ва мустаҳкам намудани сатҳи миёна. Аз ин рӯ чорабиниҳои асосиро дар доираи ҳалли вазифаҳои мазкур муқаррар намуданд: якум, зиёда аз 2 маротиба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва решакан кардани камбизоатии шадид ва дар сатҳи 7-8 фоиз нигоҳ доштани суръати устувори рушди иқтисодӣ; дуввум, таъмини суръати баланди рушди саноат ва афзоиши ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар*;* ва сеюм, зарур аст, ки то соли 2030 афзоиши ҳиссаи табақаи миёна то 50% таъмин карда шавад [1].

Агар рафти амалисозии стратегияи саноатикунонии кишварро ба назар гирем, бояд гуфт, ки он давра ба давра сурат мегирад. Аввал саноати хунармандӣ ба вуҷуд оварда мешавад, баъд соҳаҳои меҳнатталаб (саноати сабук ва хӯрокворӣ), баъд соҳаҳои асосӣ (энергетика, металлургия ва машинасозӣ), баъд равандҳои электриконӣ ва механикунонии хамаи соҳаҳои хочагии халк ба амал меоянд ва ниҳоят, автоматикунонии истеҳсолот. Пас аз автоматикунонии истеҳсолот марҳилаи ҷомеаи постиндустриалӣ (иқтисоди инноватсионӣ) оғоз мешавад, ки баъдан он ба иқтисоди маърифатӣ, ки ба тафаккури инсон асос ёфтааст, мубаддал мегардад.

Аз паи ин занҷир дар саноати ҷумҳури ду марҳалаи индустрикунонии мамлакатро дар муддати кутоҳ тай кардан лозим аст: -ташаккули соҳаҳои асосии саноат ва ба амал баровардани равандҳои электриконӣ ва механиконии ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, иқтисодиёт. Дар вақти ба вуҷуд овардани соҳаҳои асосии саноат бояд онро дарк намоем, ки дар ҷумҳури ҳануз бисёр навъҳои ҳаётан муҳимми металлургияи сиёҳ ва ранга, машинасозӣ, саноати химия ва нефту химия (истеҳсоли нуриҳои маъданӣ, сузишворӣ ва равғанҳои молиданӣ ва дигар) ва ғайра мавҷуд нестанд.

Маълум аст, ки шароити табиию иқлимии Тоҷикистон барои тараққӣ додани бисьёр соҳаҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ хеле мусоид аст. Аммо хусусияти географии ҷумхурӣ, ки 93 фоизи қаламравро кӯҳҳо ишғол намуда, танҳо 7 фоизи онро барои истифодабарии хоҷагӣ, шаҳрсозӣ ва дигар мақсадҳо мувофиқ аст, доираи маҳдуди тараққиёти кишоварзии мамлакатро пешакӣ муайян мекунад... Ғайр аз ин, агар иқтисодиёти Тоҷикистон бо роҳи агросаноатӣ тараққӣ кунад, дар он сурат ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иктисодӣ ба душвориҳои калон дучор мешавад, зеро дараҷаи тараққиёти қуввахои истеҳсолкунандаи мамлакат мисли пештара паст хоҳад буд, зеро захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб карда намешаванд. Ин асло маънои онро надорад, ки нақш ва аҳамияти бахши кишоварзии (аграрии) иқтисодиёт дар тараққиёти пай дар паи хоҷагии халки Тоҷикистон ба назари эътибор нагирифта шавад [4].

Аз ин рӯ, интихоби модели ташаккули иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ бо омилҳои объективӣ вобаста карда мешавад, аз ин лиҳоз, дар сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд самти афзалиятнок бошад.

Мутахассисон қайд менамоянд, ки азхуд кардани заминҳои нав, инчунин барқарор намудани заминҳои ботлоқ ва шӯр; таҷҳизонидани техникӣ ва технологии истеҳсолоти кишоварзӣ, истифода бурдани технологияи нави парвариши зироат, технологияи нав дар чорводорӣ, системаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки зироаткорӣ ва чорводорӣ, нуриҳои нави минералӣ, воситаҳои муҳофизати растаниҳо ва ҳайвонот ва ғайра. Корҳои селекцияю генетикиро барои инкишоф додани навъҳо ва дурагаҳои нави растаниҳои кишоварзӣ, зотҳои нави ҳайвонотро такмил додан. Сохторҳои истехсолоти кишоварзиро аз нав дида баромада, чӣ ба зиёд кардани истеҳсоли зироатҳои хӯрокворӣ *ва чӣ зироатҳои техникӣ,* ки на танҳо аз чиҳати истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ хеле самарабахштар, балки меҳнатталаб ва арзиши калони изофа медиҳад, диққати ҷиддӣ додан ба мақсад мувофиқ аст.

Дастовардҳо ва пешравиҳои назаррас дар таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки нерӯи барқ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии кишвар ба маводи ғизоии босифат, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он, васеъ намудани шуғли пурмаҳсул, барои босуръат саноатикунонии мамлакат заминаи зарурӣ ба вуҷуд овардан, ҳамчун омили муҳим ба шумор меравад.

Мақсади асосии саноатикунонии босуръати мамлакат барпо намудани саноати миллии тараққикарда, рақобатпазир ва дар заминаи он ба дараҷаи сифатан баланд бардоштани иқтисодиёт ва некуаҳволии аҳолии мамлакат мебошад.

Саноаткунонии босуръат дар мӯҳлати кӯтоҳ то 30 фоиз ба даст овардани ҳиссаи маҳсулоти саноатро дар ММД-и мамлакат пешбинӣ менамояд, дар баробари ин дар умум беҳтар намудани сохторҳои саноат ва саноати коркардро такмил додан ба мақсад мувофиқаст.

Модели нави афзоиш нисбат ба модели қаблӣ як қатор афзалиятҳо дорад Он рушди босуръати саноат, кишоварзӣ ва бахши молиявӣ, дастрасӣ ба бозорҳои нави содиротро таъмин намуда, афзоиши воридоти истеъмолиро маҳдуд намуда, вобастагии кишварро аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони корӣ коҳиш медиҳад. Чунин рушд боиси ба таври оммавӣ таъсис додани ҷойҳои нави сермаҳсул ва афзоиши босуръати шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёт мегардад, ки ҳиссаи андозҳои дохилиро дар даромади буҷет зиёд мекунад. Ин пойдории низоми андози Тоҷикистонро афзоиш дода, вобастагии онро аз зарбаҳои иқтисодии берунӣ камтар мекунад.

Дар таҳияи низоми саноатикунонии мамлакат бо модели нави рушди иқтисодӣ, нақш ва аҳамияти бахши кишоварзии (аграрии) иқтисодиётро дар тараққиёти пай дар паи хоҷагии халқи Тоҷикистон ба назари эътибор гирифтан лозим аст. Аз ин рӯ, интихоби модели ташаккули иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ бо омилҳои объективӣ вобаста карда мешавад:

1. Дар асоси иқтидори бойи гидроэнергетикӣ (527 млрд кВт/соат) сиёсати рушди гидроэнергетикии кишвар идома додан. Саноатро бо қувваи барқ таъмин накарда, дар бораи тараққиёти он сухан рондан мумкин нест. Аз ин рӯ, таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки нерӯи барқ ҳадафи аввалиндараҷаи стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудааст. Татбиқи лоиҳаҳои ба кор андохтани иқтидорҳои нави тавлидӣ (пеш аз ҳама НБО Роғун) ва таъмиру таҷдиди нерӯгоҳҳои мавҷуда имкон медиҳад, ки дар соли 2040 тавлиди нерӯи барқ то ба 45-50 миллиард кВт/ соат расонида шавад

2. Дар асоси қувваи арзони барқ пеш аз хама соҳаҳои энергияталабро тараққӣ додан лозим аст, ки дар натиҷа ин захира дар рақобатпазирӣ афзалиятнок мегардад. Дар ҷумҳури саноати аз ҳама бештар энергияталаб металлургияи ранга мебошад.

3. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳар гуна саноатикунонӣ аз саноати сабук оғоз мешавад. Дар ин ҷо камтарин маблағгузорӣ талаб карда мешавад ва дар мӯҳлатҳои кутоҳ баргардонидани он мушоҳида мешавад. Ғайр аз ин, дигар ҷабҳаи аҳамияти иҷтимоӣ дар он аст, ки ин соҳаи меҳнатталаб буда, шумораи зиёди занонро дарбар мегирад. Дар ҳолати то ба 600 ҳазор тонна расондани истеҳсоли пахта (ашёи хом) имконият медиҳад, ки кариб 200 ҳазор тонна нахи пахта истеҳсол карда шавад. Тоҷикистон метавонад аз ҷиҳати истеҳсоли ришта ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон ҷои дуйумро ишғол намояд [4].

4. Захираи афзоиши ҳаҷми маҳсулот дар саноати хурокворӣ аён аст.

5. Оид ба тараққиёти саноати химия чораҳои зарурӣ андешидан ба мақсад мувофиқ аст, аз ҷумла анҷом додани таъмиру таҷдиди КМ «Нуриҳои Точик» (Тоҷиказот)-ро, ки онҳо афзоиши ҳосили зироатҳоро таъмин мекунанд (истеҳсоли нуриҳои маъданӣ). Ғайр аз ин дар саноат корхонаҳои наве, ки ба заводҳои истеҳсоли криолит, кислотаи сулфат ва ғайра монанданд (заводхои истехсоли ришташои синтетики), ки воридотивазкуни ва содиротро таъмин менамоянд, сохтан лозим аст.

6. Афзоиши миқдори корхонаҳои саноати хеле зиёд шудани миқдори масолеҳи бинокориро дар назар дорад. Дар ин ҷо бояд саноати масолеҳи бинокории ҷумхурӣ нақши калон бозад. Зеро онҳо манбаъҳои асосии ашёи хомро дороанд ва бояд индустрияи бинокориро асосан бо тамоми масолеҳи зарурии бинокорӣ таъмин намояд.

7. Мошинсозӣ. Соҳаи машинасозӣ асоси аз нав таҷҳизонидани тамоми комплекси хоҷагии халқ мебошад. Бо дарназардошти талаботи бозори дохилӣ самтҳои зерини асосии тараққиёти саноатро ҷудо кардан мумкин аст:-машинасозӣ барои хоҷагии қишлоқ; - барои

саноати маъдан ва коркард; - муҳандисии нақлиёт, сохтмон ва энергетика; - истеҳсоли асбобҳои рӯзғор ва ғайра. Корхонаҳои нави муштараки истеҳсоли машинаҳои хоҷагии қишлоқ, мошинҳои махсус ва дигар таҷҳизот ташкил карда шуданд. Дар марҳалаи якум «азхудкунӣ»-и навовариро истифода бурдан ва баъд ба марҳилаи «пуррагардонӣ» гузаштан лозим аст [1].

Дар саноатикунонии босуръати Тоҷикистон нақши нақлиёти механиконида ва электриконидашуда, ва дар навбати аввал дар хатти роҳи оҳан бағоят калон аст, ки эҷоди онҳо аҳамияти иқтисодӣ, стратегӣ ва иҷтимоӣ дорад.

Ин самт дар суханронии худ Пешвои миллат бори дигар собит гардид: - «минбаъд конҳои канданиҳои фоиданок бидуни риояи шартҳои коркарди маъданҳо то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ба сармоягузорони хориҷӣ пешниҳод карда намешаванд. Дар давоми дусе соли наздик коркарди ниҳоии ашёи хоми ватанӣ, аз ҷумла нахи пахта, пилла, чарм ва маъдан бояд пурра иҷро карда шавад».

Вазифаҳо оид ба ҳалли вазифаҳои ба миён гузошташуда ва ноил шудан ба мақсадҳо: - такмил додани заминаи институтсионалии рушди устувор ва босуръати соҳаҳои саноат; - баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ; - афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар саноати коркард ва қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ ба маҳсулоти тайёр; оқилона тақсим кардан ва азхуд кардани иқтидорҳои истеҳсолии мамлакат; - афзоиши арзиши иловагии маҳсулоти саноатӣ дар асоси рушди кластерҳои саноатӣ.

Суханҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро иқтибос меорем, ки қайд карданд, ки «дар шароити Тоҷикистон, бидуни бунёди саноати хеле тараққикарда, гузаштан аз модели аграрию индустриалии тараққиёт ба индустриалию аграрӣ, таъмини

сатҳи зиндагии аҳолӣ, ташаккули соҳаҳои нави сермаҳсул барои гузаштан ба иқтисоди инноватсионӣ, таъмини мустақилияти иқтисодӣ, таъминоти иҷтимоӣ имконнопазир аст.

Бо дарназардошти аҳамияти бузурги соҳа дар рушди минбаъдаи кишвар, ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022-2026, то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солхои тараққиёти саноат» эълон карда шавад [3,2].

Вобаста ба талаботи истеҳсолот ба масъалаи баланд бардоштани сифати таълим, такмил додани барномаҳои таълим дар мактабҳои олии касбии мамлакат ва тайёр кардани мутахассисон аз руи касбҳои нав эътибори чиддӣ додан лозим аст.

Адабиёт:

1. Махкамов Б.Б. Доктори илмҳои иқтисод, ходими пешбари илмӣ bahodurmahkamov@mail.ru.
2. Солиев Х.Х. Республика Таджикистан – 15 лет независимого и экономического развития. – Душанбе: «Эджод», 2007. – 560 с. (974с)
3. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалии Рахмон ба Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018 с.1, 2021с.2
4. ОрифҷоноваВ.Р. Фаъолияти корхонаҳои соҳаи саноати сабуки вилояти Хатлон. Вестник, ДМТ, Душанбе 2013
5. Раҳмонов Ҷ.Р. Рушди саноати миллӣ дар даврони истиқлолият. https://tnu.tj/index.php/tj/rushdi-sanoati-mill-dar-davroni-isti-lolijat/
6. Тоҷикистон: 30 – соли Истиқлолияти давлатӣ маҷмӯаи оморӣ саҳ 398, 403,413

МАСЪАЛАҲОИ САНОАТКУНОНИИ БОСУРЪАТ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллифон муҳимияти ҳалли масъалаҳои марбут ба саноаткунонии босуръат дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва нақши саноатро дар пешрафти иқтисодиёти кишвар, мавриди муҳокима қарор додаанд.

Муаллифон ҳамчун яке аз омилҳои муҳиме, ки ба ҳалли масъалаҳои саноатикунонӣ таъсир мерасонанд, СМР-ро эътибори махсус доданд, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардидааст, муаррифӣ менамоянд.

Муаллифон ҳуҷҷатҳои давлатиро дар ин самт омӯхта, омилҳои иқтисодию ҷуғрофиро таҳлил намуда, инчунин пешниҳодҳои худро оид ба ҳалли мушкилоти саноатикунонии босуръат дар иқтисодиёти рақамиро вобаста ба шароити табиии кишвар қайд карданд.

Калидвожаҳо: саноатикунонӣ, босуръат, стратегия, институтсионалӣ самаранокӣ, диверсификатсия, рақобатпазирӣ.

ПРОБЛЕМЫ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Аннотация. В данной статье авторы рассматривают важность решения вопросов, связанных с ускоренной индустриализацией в условиях цифровой экономики и ролью промышленности в экономическом развитии страны.

Особое внимание авторы уделяют НСР как одному из важных факторов, влияющих на решение задач индустриализации, которое представлено в Послании Основателя мира и национального единства,

Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли.

Авторы изучив государственные документы в этой сфере и проанализировав экономико-географические факторы, также отметили свои предложения для решения проблемы ускоренной индустриализации в условиях цифровой экономики. В зависимости от природных условий страны.

Ключевые слова: индустриализация, ускоренное, стратегия, институтсиональное, эффективное, диверсификатсия, конкурентноспособное.

THE PROBLEMS OF RAPID INDUSTRY IN THE NUMBER OF ECONOMICS

Annotation. In this article, the authors consider the importance of addressing issues related to accelerated industrialization in the digital economy and the roles of industry in the country's economic development.

The authors pay special attention to the NDS (National Development Strategy) as one of the important factors influencing the solution of industrialization problems, which is presented in the Message of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon Majlisi Oli.

Authors, having studied government documents in this area and analyzed economic and geographical factors, also noted their proposals for solving the problem of accelerated industrialization in the digital economy. Depending on the natural conditions of the country.

Keywords: industrialization, acceleration, strategy, institutional efficiency, diversification, competitiveness.

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

1. **Дусматова Ш. В., Иброгимова Г. Х., Эркаев С. А., Эркаева Н.С.** Русский язык – связующее звено между Таджикистаном и Росии в подготовки профессиональных и конкурентоспособных специалистов……7
2. **Каримов Д.** Использование икусственного интеллекта в целях обороны и в военном деле 23
3. **Муродова Р.Ҷ.** Андешаҳои ватанхоҳӣ дар осори кӯдаконаи адибони тоҷик……31
4. **Ғайратова Ф.А. Боронова Р.А.** Таҳлили моҳият ва хусусиятҳои хоси ифротгароӣ 38
5. **Сабурова И.Ғ.** Масоили терроризм дар давраи низоъҳои ҳарбӣ ҳамчун объекти омӯзиш 54
6. **Саидалиева Г.** Асосҳои рушди салоҳияти коммуникативӣ дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ 67

ИЛМҲОИ ТЕХНИКӢ – ТЕХНИЧЕСКИЕ НАУКИ

1. **Шоев А.Н. , Исоев У.П., Усмонов С.Д.** Дастгоҳҳо ва мошинҳо барои калибркунонӣ ва ба навъҳо чудокунии махсулоти кишоварзӣ 78
2. **Ганчалов Р.М.** Хосиятҳо ва коркарди маҳсулоти бе бофт аз партовҳои ашёи хоми пахта ва пашми Ҷумҳурии Тоҷикистон 85
3. **Баротов Н.И., Тураев С.** Таҳқиқ, рушд ва истифодаи маводҳои полемерӣ 94
4. **Зухуров Ш.С. Чолова С.** Влияние стимуляторов роста на процесс всхожести семян сортов тыквы в условиях Кулябского региона 102
5. **Максимов И.В., Умматов А.А.** Перспективы использования искусственного интеллекта в производстве творога 119
6. **Раджабов С.М.** Искусственый интеллект в агрономии будущего 128
7. **Тошматов А.Д., Мехрубони С.** Кори таҷрибавӣ - экспериментали оид ба методҳои самараноки таълими қисми «физикаи ядрои атом» 137

ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ – ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

1. **Ғуломов З.Т., Сафаров А.С., Қурбонов Н.Д.** Муҳимияти фаъолияти стандартҳои аудити дохилӣ ва талаботи кодекси одоби касбии аудиторҳо 145
2. **Қурбонова Ф. А., Зокиров А. Ж.** Афзалиятҳои дурнамои рушди бозори молия дар иқтисодиёти Тоҷикистон 158
3. **Аллашукуров Б.Э.** Рақобат - ҳамчун шарти ташаккули иқтисоди устувор 166
4. **Асоев Б.Х.** Таҷрибаи бозори электроэнергетикаи ИМА (бозори pjm) ва имконоти истифодаи он дар давлатҳои Осиёи Марказӣ 174
5. **Гулов З.Ҳ., Сафаралии Б.,Сафаров С.** Рушди иқтисодиёти рақамӣ ва заминаҳои тадбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....181
6. **Дустматов Б.М., Ҳаёев Қ.А.** Бозори кортҳои пардохтии бонкӣ ва нақши он дар рушди тиҷорати электронӣ 189
7. **Зокирова Н.С.** Низоми бонкӣ ва нақши он дар саноатикунонии босуръати кишвар 198
8. **Низомова Ш.Ю. , Наврӯз Носирӣ.** Гузариши Тоҷикистон ба иқтисоди рақамӣ ва паёмадҳои он 206
9. **Ҳасанов М.Б.** Иқтисоди рақамӣ ва муҳимияти тадбиқи он дар иқтисодиёти кишвар 214
10. **Орифҷанова В.Р., Исломова Г.С.,Набиева М.Ш., Сулаймонов А.Э.** Масъалаҳои саноаткунонии босуръат дар шароити иқтисодиёти ракамӣ 222

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмӣ-оммавии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб «Илм ва технологияҳои асри XXI» пешниҳод мешаванд.

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад.
2. Мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад.
3. Мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати MicrosoftWord омода гардида, бо ҳуруфи TimesNewRoman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи TimesNewRomanTj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,15 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 8 то 10 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

- номи мақола;
- насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Қобилзода А.М.);
- номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
- матни асосии мақола;
- рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 3 номгӯ ва на бештар аз 15 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1- 2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад;
- номи мақола, шарҳи мухтасар ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ, ва англисӣ) таҳия гарданд. Шарҳи мухтасар дар ҳаҷми то 10 сатр ва калидвожаҳо аз 6 то 8 номгӯ бояд таҳия карда шавад;
- дар охири мақола бо ду забон (агар мақола ба забони тоҷикӣ бошад, шарҳи мухтасар ба забони русӣ ва англисӣ, аммо агар мақола ба забони русӣ бошад, шарҳи мақола ба забони тоҷикӣ ва англисӣ);
- ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа нишон [ ] дода шавад. Намуна [4, с.25]. Яъне, адабиёти рақами №4 ва саҳифаи 25;
- нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо, ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научно – популярный журнал Института технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб «Наука и технология XXI века».

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям:

1. Статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала;
2. Статья должна быть результатом научных исследований;
3. Статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Требования к оформлению научных статьей:

Статья должна быть подготовлена в формате MicrosoftWord, шрифтом TimesNewRoman, кегль 14, поля 2,5см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 6 до 8 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

- название статьи;
- фамилия и инициалы автора (например, Кобилзода А.М.);
- название организации, в которой работает автор статьи;
- основной текст статьи;
- список использованной литературы (не менее 3 и не более 15 наименований научной литературы);
- название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляются в объеме не менее 10 строк, ключевые слова от 6 до 8 слов или словосочетаний;
- информация об авторе на русском и английском языках;
- при цитировании конкретного материала ссылки указываются в

квадратных скобках[ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература 4 и страница 25;

- таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и

пронумеровать.Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

INFORMATION FOR AUTHORS

Requirements for scientific articles submitted to the popular scientific journal of the Institute of Technology and Innovation Management in the city of Kulob "Science and Technology of the XXI Century".

All scientific articles submitted to the editorial office of the journal must meet the following requirements:

1. The article must be written in compliance with the established requirements of the journal;
2. The article must be the result of scientific research;
3. The article must correspond to one of the directions (sections) of the journal.

Requirements for the design of scientific articles:

The article should be prepared in Microsoft Word format, TimesNewRoman font, size 14, 2.5 cm margins on all sides, one-and-a-half spacing.

The volume of the article (including annotation and bibliography) should be
within 6 to 8 pages of A4 format.

The article should have the following structure:

- title of the article;
- surname and initials of the author (for example, Kobilzoda A.M.);
- the name of the organization in which the author of the article works;
- the main text of the article;
- list of used literature (no less than 3 and no more than 15 titles of scientific literature). The list of references is drawn up in accordance with the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;
- the title of the article, abstract and keywords are drawn up in three languages (in Tajik, Russian and English). Annotation should be drawn up in at least 10 lines, keywords from 6 to 8 words or phrases;
- information about the author in Russian and English;
- When citing specific material, references are indicated in square brackets []. Sample: [4, p. 25]. That is, literature №4 and page 25;
- tables, charts, diagrams and figures must be grouped and numbered. Tables, charts, diagrams and figures must have a title.